ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ
ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 372.3/.4 (575.3)**
**ТБК: 74.100.58 (2Т)**
**Р-27**

**РАҲИМЗОДА ФАЙЗИМО ГУРЕЗ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ БОЗИҲО ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади**
**илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария**
**ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва**
**методикаи тарбияи томактабӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Табаров Н. С.- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА


МУҚАДДИМА ................................................................................ 3 - 18

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ БОЗИҲО ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ..................................... 19 - 93**

1.1. Фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ ................................................................................ 19 – 43

1.2. Моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ........................... 44 – 65

1.3. Нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ....................................... 66 – 89

Хулосаи боби 1 ....................................................... 90 –93

**БОБИ II. УСУЛ, ШАКЛ ВА ВОСИТАҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОЗИҲО ................................................... 94– 162**

2.1. Рушди самарабахши ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо........................................................... 94 – 115

2.2. Бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ............................................. 116–135

2.3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо ........................................ 136–158

Хулосаи боби 2 ........................................................... 159–162

**ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ ВА ПЕШНИҲОДҲО ................. 163–170**

**РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ ВА МАНБАЪҲОИ ИСТИФОДАШУДА............................................................ 171–186**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ яке аз проблемаҳои муҳим ва мураккабест, ки имрӯзҳо дар назди ҷомеа талаботи нав ва ҷустани роҳҳои муассирро бахри ҳаллу фасли он гузошта истодааст. Дар айни замон, арзишҳои моддӣ бар арзишҳои маънавӣ, то андозае бартарият  пайдо карда, тасаввуроти кӯдаконро дар бораи некӣ, шафқат, адолат, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ таҳриф намудааст.

Аз ин рӯ, ба масъалаи ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ва аз худ намудани анъанаҳою суннатҳои мардумӣ дар асоси афзалиятҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса додан лозим аст.

Айёми кӯдакӣ марҳилаи муҳими ташаккули тамоми хислатҳо, рафторҳо ва ҷанбаҳои эмотсионалии шахс маҳсуб меёбад. Дар ин давра дар кӯдакон пайдоиши арзишҳо, фарқ кардани неку бад, интихоб кардани дӯстон ва ташаккули ақидаҳо ба вуҷуд меоянд. Кӯдакон барои дарк кардани олами атроф саволҳои зиёд медиҳанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар бораи тамоми ашё, муҳити зист ва он чизе, ки барояшон писанд аст, маълумот пайдо намоянд. Аз ин лиҳоз, дар ниҳоди онҳо ҷой намудани меҳру муҳаббат ба Ватан, зодгоҳ, шахсони наздик, оила инчунин, арҷгузорӣ ба анъанаҳою маросимҳои миллӣ минҷумла бозиҳо, ки дар раванди ин фаъолият сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳанд, зарур ба шумор мераванд.

Дар синни томактабӣ бозӣ як намуди фаъолиятест, ки дар он кӯдакон ташаккул меёбанд, арзишҳои шахсӣ, маҳаллӣ, оилавӣ ва дар маҷмуъ ҳиссиёти ботинии онҳо ғанӣ мегардад. Моҳияти фаъолияти бозӣ дар он аст, ки дар замири кӯдакон талаботи тағйир додани воқеияти атроф ва қобилияти эҷод кардани чизи нав бо истифода аз тахайюл пайдо мегардад.

Бояд қайд кард, ки аз рӯйи хислат ва тарзи ташкил бозиҳо гуногун мебошанд: бозиҳо аз рӯйи қоида, зеҳнӣ, нақшофарӣ, тахайюлӣ, серҳаракатӣ ва ғайра. Кӯдакон дар раванди бозиҳо ҳангоми офаридани нақши духтур, ронанда ё мураббӣ на танҳо касб ва хусусиятҳои шахсияти каси дигарро месанҷанд, балки ба дунёи ӯ ворид гардида, ба ин васила, ҷаҳони маънавии худро ғанӣ мегардонанд. Инчунин, бо иҷрои нақшофарӣ кӯдакон мувофиқи меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, амал карданро ёд мегиранд. Баъзан бозиҳо аз кӯдакон маҳорати фикр кардан, чусту чолок будан ва донишро талаб мекунанд, ки дар оянда барои мустақилияти комилро ба даст овардан замина мегузоранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар шароити кунунӣ аксарияти кӯдакони синни томактабӣ дар муҳит ва иҳотаи оила тарбия меёбанд. Аз ин лиҳоз, барои омода кардани онҳо ба мактаб, асосан, падару модарон машғуланд. Ва бо баъзан сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ волидайн барои тарбия намудани фарзандон ва аз ҳолатҳои равонию эмотсионалии онҳо воқиф гардидан вақт ҷудо намекунанд. Инчунин, дар ин раванд, ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон диққати зарурӣ дода намешавад. Ба он ҳам эътибор намедиҳанд, ки фаъолияти бозӣ метавонад, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мавқеи меҳварӣ дошта, аз чигунагии ҳаллу фасли он нақша ва дурнамои кӯдакон ояндабинона бошад.

Барои мақсаднок, бошуурона ва бомаром тарбия кардани кӯдакони синни томактабӣ мутафаккирон ва олимону шоирони баруманди миллатамон ба мисли: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон дар ашъори худ нигоштаҳои зиёд доранд. Онҳо моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқиро аз лаҳзаи ба дунё омадани кӯдак таъкид намудаанд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ,

ҳуқуқбунёд ва дунявӣ барои рушд ва пешрафти муассисаҳои таълимии томактабӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки бо мақсади омода кардани кӯдакон ба ҳаёти минбаъда сохта ба истифода дода мешаванд, дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахс нақши калидӣ доранд. Маҳз, дар муассисаҳои номбурда шароити созгор баҳри ташаккули дониш, малака ва маҳорати кӯдакон фароҳам оварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати беҳбуду баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум яққатор тадбирҳоро роҳандозӣ намуда истодааст. Дар ин раванд якзумра қарору қонунҳо баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас, бахусус кӯдакони синни томактабӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2020), Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (2019) ва ғайра.

Аммо, қарору қонунҳо, стратегияву барномаҳои қабулшуда муҳимияти таълиму тарбияро инъикос кунанд ҳам, вале роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозӣ ба таври пурра фаро гирифта наметавонанд. Аз ин лиҳоз, дар шароити кунунӣ омухтан ва муайян кардани нақши фаъолияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ аз манфиат холӣ набуда, баҳри боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**Дараҷаи коркарди мавзуъ.** Дар баррасии ҳамаҷониба ва омӯзиши масъалаи матраҳшаванда, яъне тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони

синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо бисёр таҳқиқот аз ҷониби файласуфон, ҷомеашиносон, этнографҳо, фарҳангшиносон, равоншиносон ва педагогҳо гузаронида шудаанд. Моҳият ва мубрамияти ин масъала дар шароити муосир аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад, ки бозиҳо дар тарбияи кӯдакон нақши созгор дошта, дар ташаккули сифатҳои ҳамидаи шахсияти онҳо саҳми назаррас доранд.

Бозиҳо ҳамчун арзиши фарҳангӣ, падидаи иҷтимоӣ ва мактаби бузурги тарбия дар корҳои Виготский Л.С. [32], Гуляндина С.В. [37], Леонтев А.Н. [83], Бирюкова К.С. [17], Бурим Н.В. [23] ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти муосири педагогикаи томактабӣ, методологияи тарбияи томактабӣ, проблемаи иҷтимоӣ-психологии кӯдакон ва масъалаҳои таълимӣ дар таҳқиқоти Сластенина В.А.[113], Поздняк Л.В. [27], Волкова Л.С. [29], Бирюкова К.С. [17], Бринзарей Ю.Г. [20], Белкова К.Д. [15], Виноградова Н.А. [27] ва дигарон инъикос гардидаанд.

Нақш ва ҷойгоҳи бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсият дар корҳои чунин олимон ба мисли: Юнусова Н.М. [175], Собиров Х.М. [138], Ашуралиев М.И. [11], Раҳимова С. [129], Табаров Н.С. [145], Ҷалилова М.Н. [169], Қаландарбекова Б.Х. [82] ва дигарон нишон дода шудааст.

Дар соҳаи тарбияи маънавию ахлоқӣ аз қабили олимон: Обидов И., Орифӣ М., Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Афзалов Х.С., Раҳимов Б., Қодиров Қ.Б., Нуров А., Гиеев А., Сулаймонов С.И., Каримова И.Х., Табаров Н.С. Абдураҳимова К.С., Файзализода Ҷ. ва дигарон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карданд.

Инчунин, дар инкишофи назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ саҳми чунин олимон: Лутфуллозода М. [90], Маҷидова Б. [91], Иматзода Л. М. [62], Юлдошева Ҷ. [174], Сабурова М. С. ва дигаронро қайд кардан мумкин аст. Дар инкишофи назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ саҳми чунин олимон: Маҷидова Б. [91], Изатова М.

И. [59], Лутфуллозода М. [90], Иматзода Л.М. [62], Юнусова Н. М. [175], Обидова М. И., Қурбонова Г.А. [80], Қурбонова З. Ш. [81], Бобохонова С. С., Акрамова М.Х. [5] ва дигарон калон мебошад.

Дар диссертатсияи Пшеничних Л.А. [125] бо номи «Шароитҳои педагогии рушди эҷодии кӯдакон дар раванди бозӣ ва фаъолияти тасвирӣ: дар асоси маводҳои муассисаҳои томактабӣ» раванди рушди эҷодии кӯдакон дар фаъолияти бозӣ ва тасвирӣ хуб дарҷ гардидааст. Ва дар асоси корҳои пажуҳишии ин муҳаққиқ раванди фаъолияти худро ба роҳ мондем.

Бояд зикр кард, ки диссертатсияи Қурбонова Г.А. [80] «Таъсири бозиҳои серҳаракати миллӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-ихтиёрии кӯдакони синни томактабӣ» ва диссертатсияи Красова Т.Д. [76] «Асосҳои педагогии тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ» дар бобати мукаммал сохтани диссертатсия саҳми босазо доранд.

Маълумоти мухтасарро ҳисоботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои истиқлолият (1995-2023 с.) низ дода метавонанд. Ва ин ҳисоботу маълумот дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Пас аз омӯхтани адабиёт ва таҳлил намудани корҳои пажуҳишии файласуфон, сотсиологҳо, равоншиносон ва педагогҳо дар самти тарбияи кӯдакони синни томактабӣ бояд қайд кард, ки то ин замон махсусан, шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ омӯхта нашудааст.

Ҳамин тариқ, **ихтилофот** байни талаботи назарияи фаъолияти иҷтимоӣ ва набудани таҳқиқоти илмӣ оид ба шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мушкилоти зеринро ба миён овард:

- байни моҳияти ташаккули ақидаҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ва коркарди нокифояи шароити ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- талаботи баланди ҷомеа нисбат ба фаъолияти педагог дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми бозиҳо дар муассисаҳои томактабӣ ва сатҳи касбияти ӯ;

- зарурати истифодаи бозӣ ҳамчун воситаи педагогӣ барои ҳалли масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ва инкишофи нокифояи назария ва методологияи ин раванд;

- моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар ҷомеаи имрӯза ва ғояҳои нокифоя дар бораи чӣ гуна амалӣ кардани ин раванд дар фаъолияти бозиҳо.

Дар маҷмуъ, ҳамаи ихтилофоти дар боло зикргардида имконият медиҳанд, ки шароитҳои ташкилӣ-педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо дар бар мегиранд, муҳиму мубрам будани таҳқиқот ва мавзуи мазкурро собит намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси талаботи амалигардонии «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (2019)», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006)», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2020)», нақшаҳои дурнамои шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон «Методологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда ва муайяну ошкор кардани шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Омӯзиши адабиёте, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон бахшида шудаанд ва таҳлили ақидаҳои педагогию психологии олимони муосир дар бораи бозиҳо ва нақши онҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

2. Муайян ва ошкор кардани моҳият ва хусусиятҳои бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

3. Илман асоснок намудани раванди педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо.

4. Ошкор сохтани нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

5. Муайян ва ташхис намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва психологие, ки барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо имконият медиҳанд.

6. Таҳлил намудани фаъолияти бозӣ ҳамчун воситаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

7. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян намудани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозиҳо.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Муҳтаво, шакл ва имкониятҳои бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо баланд бардоштан мумкин аст, агар:

- мувофиқи мухтаво ва матлаби бозӣ воситаҳое, ки дар раванди он мавриди истифода қарор мегиранд, муҳайё карда шаванд;
- хусусиятҳои инфиродӣ, равонӣ, ҷисмонӣ, саломатӣ, маънавӣ, шавқу ҳавас, дарккунӣ ва маърифатии кӯдакон ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба фаъолияти бозӣ ба инобат гирифта шаванд;
- ҳангоми ба роҳ мондани бозиҳо дар фаъолият ҷанбаҳои тарбиявии онҳо зери назар қарор гиранд;
- ҳангоми роҳандозии бозиҳое, ки ба тариқи рақобат мегузаранд, муҳити созгор ва инсондӯстона дошта бошанд;
- самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ оид ба фарохам овардани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ муайян карда шаванд.

**Марҳалаҳои таҳқиқот:** Таҳқиқот аз соли 2019 то 2023 гузаронида шуда, се давраро дар бар мегирад:

**Марҳалаи якум (2019-2020) – ҷустуҷӯӣ-назариявӣ.** Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба проблемаи таҳқиқот, дараҷаи таҳияи масъала, таҷрибаи анъанавӣ ва навоварона дар ташаккули сифатҳои шахсияти кӯдакони синни томактабӣ омӯхта шуд. Инчунин, шароитҳои ташкилӣ-педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар фаъолияти бозиҳо, қобилият ва малакаҳои онҳо, фаъолияти касбии педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Мақсад, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот тартиб дода шуданд. Усулҳои корҳои озмоишӣ барои ташхис кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозӣ ба роҳ монда шуд.

**Мархилаи дуюм (2021-2022) – таҷрибавӣ-санҷишӣ.** Дар ин марҳала корҳои пажӯҳишӣ дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ бо мақсади ташхиси шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ гузаронида шуд. Дар раванди корҳои озмоишӣ меъёрҳову нишондодҳои тасаввурот, эҳсосот ва амалу рафтори кӯдакон дар фаъолияти бозиҳо муайян карда шуд.

**Марҳалаи сеюм (2022-2023) - ҷамъбастӣ**. Гузаронидани корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо анҷом ёфта, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ ба низом дароварда шуда, ҷамъбаст гардиданд. Таҳлил, коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, инъикоси хулосаҳо, тавсияҳои методӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар амалияи муассисаҳои таълимии томактабӣ сурат гирифта, диссертатсия ва автореферат таҳия гардид.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Назарияҳои педагогӣ дар соҳаи тарбияи томактабиро чунин олимон: Маҷидова Б, Иматзода Л.М., Қурбонова Г.А., Қурбонова З.Ш., Безруких М.М., Веракса Н.Е., Журова Л.Е., Запорожетс А.В., Козлова С.А., Кравтсов Г.Г., Гончарова И.И., Логинова В.И., Маркина М.Г., Ворошнина Л.В., Кондрух Л.А. ва дигарон дар корҳои худ баррасӣ намудаанд. Оид ба таълимоти муносибатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар фаъолияти бозиҳо чунин олимон: Бичкова С.С., Вейт М.А., Коломинский Я.Л., Тсуканова Н.И. Комарова Т.С., Красова Т.Д., Зуболтина В.В., Субуркина О.А. ва дигарон пажуҳишҳо гузаронидаанд. Дар соҳаи омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни системаи таълими томактабии кӯдакон олимони зерин ба мисли: Карагополов В. Е., Воскобович В.В, Демина Е.С., Пронина В.Ф., Шварко Л. И., Русанова Ю.П., Самсонова Н. Е. ва дигарон корҳои илмӣ кардаанд. Дар бораи назарияи ташаккули шахсият олимони зерин ба мисли: Ананиев Б.Г, Божович Л.И., Мухина В.С., Леонтев А.Н.,

Поддяков Н.Н., Петровский В.А. ва дигарон корҳои арзандаро ба сомон расонидаанд.

**Асоси методологии диссертатсия**ро муқаррарот ва хулосаҳои фалсафӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ ташкил медиҳанд, ки назарияи умумии тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахсиятро тавсиф мекунанд. Инчунин, асоси методологии диссертатсия аз ҳолати психологӣ ва педагогии рушди шахсият, технологияи тарбия ва таълими муосир дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, истифодаи методҳои муосир дар таҳқиқот ва талаботи консепсияи  миллии тарбия, корҳои илмии олимони соҳа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошад, ки маҳз ба мавзуи диссертатсия дахл доранд, инчунин таҷрибаи кории худи диссертантро дар бар мегиранд.

**Сарчашмаҳои маълумот.**

- адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ ва психологӣ оиди мавзуи мазкур;
- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ;
- маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- осори илмӣ ва педагогии мутафаккирони ватанию хориҷӣ дар бораи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ;
- таҷрибаи пешқадами педагогҳо доир ба мавзуи матраҳшаванда.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Кори таҳқиқотӣ ба воситаи маълумоти дар асоси гузаронидани озмоишҳо ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба даст оварда шуда, ба расмият дароварда шуд; ҳамаррӯза истифодаи воситаҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ дар муассисаҳои томактабӣ таҳлилу баррасӣ шуд; гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо кормандони муассисаҳои томактабӣ; таҳлил намудани фаъолияти педагогҳо ва мураббиён ҳангоми роҳандозӣ намудани усулҳои инноватсионӣ барои

ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозиҳо; дар асоси фарзияи таҳқиқот гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои томактабӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Барои гузаронидани корҳои озмоишӣ як қатор муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе аз ҷумла, № 119, 82, 55 ва ноҳияи Шаҳринав № 1, 2 нтихоб гардида буданд. Дар корҳои озмоишӣ 312 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 220 нафар кӯдакони синни томактабӣ, 36 мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ ва 52 нафар падару модарон буданд. Аз 220 нафар кӯдаконе, ки дар озмоиш ширкат варзиданд, 123 нафар ба гурӯҳи озмоишӣ ва 97 нафар ба гурӯҳи назоратӣ шомил гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар фаъолияти бозиҳо шароитҳои ташкилӣ-педагогии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ошкор карда шуд.

- моҳияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ илмӣ муайян карда шуд;
- илман собит гардид, ки роҳандозии мақсадноки ашё ва бозичаҳо дар раванди фаъолияти бозиҳо ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд;
- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмишҳои назариявии раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо васеъ менамоянд;
- ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илман исбот карда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа новобаста аз баландравии сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба тамоми воситаҳои ахборотӣ ва озодии комил дар фаъолият буҳронҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба назар мерасанд. Аз

ин рӯ, ҷустан ва эҷод кардани он ғояҳою арзишҳое, ки ангезаҳои насли наврасро ҷиҳати баланд намудани сатҳи дониш, малака, маҳорат ва маърифат бедор мекунанду ба ин раванд мусоидат мекунанд, ташаккул додан лозим аст.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки самтҳои инкишофи низоми соҳаи маорифро муайян мекунанд, пеша аз ҳама, мақсадҳои стратегии ин соҳаро барои ҳалли проблемаҳои ба миёномада ва ҷойдошта ошкор месозанд. Рафъи бухрони маънавӣ, чораҳои бетаъхир андешидани ин раванд ва аз нав дида баромадани вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таълиму тарбия ба шумор меравanд.

2. Самтҳои асосии рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ин ворид кардани навгониҳо ва роҳҳои инноватсионии фаъолият мебошанд, ки шарти асосии таъмини самаранокии кор ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз, ворид кардани роҳҳои инноватсион, аз нав кардани принсипҳо ва истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар фаъолият авлавият дошта, талаботи замон низ чунин тартиби корро тақозо мекунад.

3. Дар шароити кунунӣ, раванди таълиму тарбия ба ташаккули шахсияти қавӣ ва рақобатпазир, ки барои ҳалли мустақилонаи вазифаҳои ҳаётан муҳим омода аст, нигаронида шудааст. Барои тарбия кардани шахсияти комил аз овони хурдсолӣ дар ниҳоди ӯ ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар айёми хурдсолӣ бо роҳи бозиҳо ҳалли худро меёбанд. Бозӣ як намуд фаъолияти дӯстдоштаи кӯдакони синни томактабӣ ба шумор меравад, ки дар он инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ, фаҳмиши адолат, дӯстӣ, рафоқат ва таҳаммулпазирӣ сурат мегиранд.

4. Бозиҳо барои ташаккули ҳамаҷонибаи кӯдакони синни томактабӣ нақши созгор ва муассир доранд. Бозиҳо чунин муҳитеро барои кӯдакон муҳайё месозанд, ки онҳо худро дар шароити бароҳатӣ, интихоби

комили шарикон ва ашё эҳсос мекунанд. Маҳз, дар бозӣ ҳаёти иҷтимоии кӯдакон пурратар фаъол мешавад. Бозиҳо ба кӯдакон дар марҳилаҳои аввали рушд имкон медиҳанд, ки мустақилона шаклҳои гуногуни муоширатро эҷод кунанд. Дар бозиҳо равандҳои равонӣ аз соддатарин сар карда, бо мураккабтарин ба охир мерасанд, фаъолона ташаккул ё аз нав сохта мешаванд.

5. Бозиҳо барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти писандида буда, қобилиятҳои эҷодӣ ва тафаккури образии онҳоро рушд мебахшанд. Моҳияти бозиҳо дар ташаккули шахсияти кӯдакон дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мегарданд:

- бозиҳо иқтидори бузурги тарбиявӣ дошта, ба рушди тамоми равандҳои маърифатӣ: тафаккур, хотира, диққат ва тасаввурот таъсир мерасонанд;

- бозиҳо ҳиссиёти кӯдаконро инкишоф дода, амалҳои ӯро ба танзим медароранд;

- бозиҳо ба кӯдакон лаззат ва вақтхушӣ бахшида, меъёрҳои рафтору гуфтор ва амалу ахлоқе, ки барои ҷомеа зарурӣ арзёбӣ мегарданд, ташаккул медиҳанд;

- бозиҳо шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон таҷрибаҳои иҷтимоиро омӯзанд ва дар ин замина, бо ҳамсолон фаъолона муошират кунанд;

- маҳз дар бозиҳо иродаи кӯдакон инкишоф ёфта, барои бартараф кардани душвориҳо заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад;

- дар фаъолияти бозиҳо ҷанбаҳои ақлии кӯдакон ташаккул ёфта, дарки дигарон ва ба эътибор гирифтани фикру ақидаи ҳамсолон сурат мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун манбаи ҳақиқӣ дар таҳқиқи минбаъдаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо хизмат намоянд.

Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо ба таври назариявӣ ошкор карда шуд.

Имкониятҳо ва иқтидори эҷодии кӯдакони синни томактабӣ барои офаридани нақш дар фаъолияти бозиҳо муайян ва асоснок карда шуданд.

Инчунин, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводҳо ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқот барои мукаммал намудани мундариҷаи кори муассисаҳои таълимии томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- методҳои босамари педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;
- роҳҳо ва усулҳои методикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозиҳо дар таҷриба дохил карда шуд;
- шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва методҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;
- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳои бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд.
- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ муайян карда мешавад. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз

корҳои озмоишӣ ба даст омада, пурсишнома, саволнома, сухбат, мусоҳиба ва санадҳо аз муассисаҳои томактабӣ тасдиқ менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундарича ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мутобиқат мекунад. Аз ҷумла: ба банди 1 – Назарият, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Бояд қайд кард, ки диссертант аз соли 1994 то инҷониб дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаъолияти корӣ намуда, дар бароҳмонии усулҳои инновасионии педагогӣ баҳри ташаккул, инкишоф ва бакамолрасии кӯдакони синни томактабӣ саҳми беандоза гузоштааст. Пажӯҳишгар дар фаъолияти корӣ тавонистааст, тамоми паҳлуҳои мавзуи матраҳшавандаро то сатҳи лозимӣ ҳаллу фасл намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст.

Диссертант барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо методикаи гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳлилиро таҳия намуда, ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ баровардан ноил шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор ёфт.

Инчунин, иштирок ва ибрози андеша дар конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ (2019-2023). Аз он ҷумла: Суханронии муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалӣ бо номи «Тарбияи кӯдакон тавассути фаъолияти бозӣ» (Душанбе - 2019), суханронӣ дар конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Технологияи инноватсионии фаъолияти эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ» ( Душанбе - 2021).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонидаи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун, аз он ҷумла, чортои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, се параграф, хулоса, адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда иборат мебошад.

Муҳтавои диссертатсия аз 189 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 7 ҷадвал, 5 диаграмма ва 6 нақшаю расмҳо мавҷуд аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШКИЛИ БОЗИҲО ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

## 1.1. Фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ

Аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оила ҳаёти онҳоро мувофиқи қоидаҳои ҷомеа ташкил ва ба роҳ мемонад. Падару модар ӯро ба амалҳои ҳаррӯза ба мисли: хӯрок хӯрдан, дар вақти муайяншуда аз хоб бедор шудан ва амсоли инҳо одат мекунонанд. Баъди гузашти 4-5 моҳ кӯдак ашёро дарк карда, мехоҳад бо онҳо амалеро иҷро кунад. Ва ӯ ба идора кардани онҳо шуруъ мекунад. Баъди 6 моҳи ҳаёт дар кӯдак эҳтиёҷ ба муошират бо калонсолон ва хоҳиши иҷрои амал пайдо мегардад. Дар ҷавоб ба муҳаббат ва ғамхории волидон кӯдак ҳисси мусбат, хушҳолӣ, хайрхоҳӣ ва кунҷкобиро инкишоф медиҳад. Ин хусусиятҳо дар оянда ҳамчун шарти зарурии рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мегарданд.

Ба андешаи муҳаққиқ, олим ва педагоги тоҷик Маҷидова Бибиҳафиза «Барои кӯдакони то яксола фаъолияти аввалин ин муносибати эмотсионалӣ-ашёӣ бо калонсолон аст. Дар ҷараёни ин фаъолият дар кӯдак талабот ба таассуроти нав инкишоф ёфта, тасаввуроти нав ҳосил мешавад. Дар баробари калон шудан кӯдак тарзи иҷрои амалҳоро аз худ мекунад, ки он воситаи зиёд шудани фаъолиятнокӣ мегардад»[97, С.31].

Дар давоми соли аввали ҳаёти кӯдакон шахси калонсол муносибати худро бо истифода аз воситаҳои тақлидӣ ба мисли: тарҳи рӯй, афшондани даст ва нутқ ифода мекунанд. Волидон баъзе аъмоли тифлро ташвиқ, дигареро маҳкум мекунанд ва ҳамин тавр талабот ва хости худро нисбат ба кӯдак баён месозанд. Кӯдак ҳанӯз маънои ин талаботро намефаҳмад, аммо интонатсияи овозро хуб ҳис мекунад ва муносибати эмотсионалии худро нишон медиҳад. Масалан, кӯдак хуб хӯрок мехӯрад

ё ҳангоми хоб кардан баҳузур оромиш меёбад, калонсолон ба ӯ нигоҳ карда сар меҷунбонанду табассуму сила мекунанд ва бо меҳрубонӣ бо ӯ сухан мегӯянд.

Тавре ки муҳаққиқ И.Н. Евтушенко дар китоби худ «Инкишоф ва тарбияи кӯдакони синни хурдсол» қайд мекунад: «Муносибати меҳрубонона ба кӯдак шарти ташаккули муносибати мусбати ӯ ба одамон мебошад. Дар вуҷуди кӯдак эҳсосот ба андозаи лозимӣ рушд накардааст, аммо барои наздикон муҳимии худро эҳсос мекунад»[44,С.73].

Ташаккули тамоюл ба суханронии калонсолон дар охири соли аввали ҳаёт ба таъсиси робитаи байни сухану амал ва тарзи рафтор оварда мерасонад. Чунин робитаҳо ба ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак мусоидат мекунанд. Дар давраи аввали кӯдакӣ рушди роҳравӣ доираи муоширати кӯдакро бо ҷаҳони беруна ба таври назаррас васеъ мекунад. Рафтори кӯдак мураккабтар шуда, диққати ӯро ҳамагуна ашёи номаълум ҷалб месозанд. Вай бештар ба фаъолияти якҷоя бо калонсолон, махсусан ба корҳои хона машғул мешавад. Дар баробари ин, доираи зуҳури худмустақилӣ пайдо мегардад. Дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти кӯдак ба амал меоянд, зарурати ҷорӣ намудани қоидаҳои мураккабтари ахлоқиро аз тарафи волидон ба миён мегузоранд. Масалан, волидон ба ӯ мегӯянд ва талаб мекунанд, ки либосҳоятро ифлос накун, ба ҷойи обдор нарав, ҳангоми роҳ рафтан дастатро ба даҳонат нагузор ва ғайра.

Ташаккули одатҳои ахлоқӣ дар давраи аввали кӯдакӣ дар фаъолияти ҳамарӯза ва объективӣ, вақте ки шахси калонсол тарзи рафторро нишон дода, аз кӯдак талаб мекунад, ки онро аввал дар фаъолияти муштарак бо ӯ ва баъд мустақилона анҷом диҳад, зоҳир мегарданд.

Дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ мешаванд ва ташаккул меёбанд. Амалҳо

мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад [36, С.15].

Хоҳиши кӯдак дар якҷо бо калонсолон кору фаъолият ва амалеро иҷро намудан, тақлид ба рафторҳои онҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Кӯдак аз педагог ва падару модар услуби рафтор, одоб, одат ва ҳатто муносибатро нисбат ба одамон, ашё, ҳайвонот ва муҳити атроф меомӯзад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият аз қабили: муошират, бозӣ, тасвирӣ, меҳнатӣ, таълимӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ гардида, дар раванди ҳаёт аз онҳо истифода мебаранд. Кӯдакон тадриҷан ҳама намуди фаъолиятҳоро аз худ карда, онҳо бо мурури синну сол мураккабтар шуда, гуногунранг мегарданд ва дар оянда воситаи азхудкунии олами атроф мебошанд.

Бояд қайд кард, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули  хислат, маҳорат ва одатҳои рафтор сурат мегиранд.

Бо ин мақсад, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро дар асоси қонунҳо, консепсияҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳо роҳандозӣ намуда истодааст, то сатҳи тарбия ва ташаккули кӯдакони синни томактабӣ, тавре дар боло зикр кардем, аз ҳар ҷиҳат рушду инкишоф ёбанд. Аз ҷумла:

- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ»;
- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;

- «Барномаи давлатии рушди таълими томактабӣ барои солҳои 2020-2025»;

- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- «Лоиҳаи дастгирии рушди кӯдакони синни томактабӣ».

Бояд қайд кард, ки дар ин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тамоми масоили марбут ба таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба таври шоиста дарҷ гардидаанд.

Яке аз фаъолиятҳои асосӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ба шумор мераванд, ки дар раванди онҳо инкишофи рӯҳу равон ва ҷисмонии онҳо ташаккул меёбанд. Илова бар ин, бозиҳо воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдак дар бозиҳо ташаккул ёфта, барои гузаштан ба марҳилаи нави баланди рушд омода мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқон Н.В. Мелникова  ва Р.В. Овчарова: «Аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ дарк кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ташаккули эҳсосоти ахлоқӣ қисми раванди умумии воридшавии фаъолонаи онҳо ба ҳаёти калонсолон ва муносибат барқарор кардан мебошад» [99, С.49].

Педагогҳо ва психологҳо иқтидори бузурги таълимӣ ва тарбиявии бозиҳоро шарҳ дода, чунин мешуморанд, ки бозиҳо фаъолияти пешбари кӯдакони синни томактабӣ баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошанд. Дар байни ҳамагуна бозиҳо мавқеи асосиро бозиҳои нақшбозӣ ишғол мекунанд. Дар ин бозиҳо кӯдакони синни томактабӣ ҳама чизеро, ки дар ҳаёт ва фаъолияти калонсолон дар атрофи худ мебинанд, дар нақшҳо такрор мекунанд. Бозиҳои эҷодӣ шахсияти кӯдаконро комилан ташаккул медиҳанд, бинобар ин, онҳо воситаи муҳими тарбия мебошад.

Педагог Л. Иматова чунин қайд мекунанд, ки маҳз дар бозиҳо маҳорати эҷодии кӯдакон инкишоф меёбанд [62, С.21].

Дар бозӣ кӯдакон ҳаёти воқеии атрофро инъикос мекунанд. Дар раванди бозӣ гӯё ва ба қавли кӯдакон ҳама он чизҳое, ки онҳо истифода мебаранд, зинда мебошанд. Масалан, кӯдакон медонанд, ки лӯхтак, асп, хирс, паланг ва сагча бозичаанд, вале онҳоро мисли зинда дӯст медоранд. Дар раванди бозии ҳавонавард ва маллоҳи баҳрӣ онҳо хуб медонанд, ки ҳамаи персонажҳои бозӣ тахайюлӣ мебошанд, новобаста ба образнок будани онҳо кӯдакон худро ҷасур, нотарс ва қаҳрамон мепиндоранд.

Тақлид ба калонсолон дар бозӣ бо кори тахайюл алоқаманд аст. Кӯдак воқеиятро нусхабардорӣ намекунад, вай таассуроти гуногуни ҳаётро бо яклухтҳои шахсӣ муттаҳид мекунад.

Эҷодиёти кӯдакон дар идеяи бозӣ ва дар ҷустуҷӯйи воситаҳои татбиқи он зоҳир мешавад. Барои омода кардани бозӣ кӯдакон аз тасаввуроти худ бештар истифода мебаранд. Масалан, барои дуруст омода кардани раванди бозӣ кӯдакон бояд персонажҳоро ҷо ба ҷо гузоранд, кадом қаҳрамони бозӣ дар куҷо истад, либоси онҳо чӣ гуна бошад ва ғайра.

Дар бозӣ кӯдакон дар як вақт ҳамчун драматург, ороишгар ва актёр баромад мекунанд. Бо вуҷуди ин, кӯдакон барои бозӣ нақшаи пешакӣ намекашанд, барои иҷрои нақш ва тайёр кардани актёрҳо муддати дароз омодагӣ намебинанд. Онҳо барои худ бозӣ мекунанд, орзую аъмол, фикр ва эҳсосоте, ки доранд, ба воситаи бозӣ изҳор мекунанд. Аз ин рӯ, бозӣ ҳамеша ба таври тахайюлӣ сурат мегирад.

Ба андешаи педагог С.А. Шмаков: «Бозӣ як роҳи худшиносии ҳар як кӯдак буда, ба воситаи он имконият҇о, қобилиятҳо ва маҳоратҳои инфиродӣ дониста мешаванд. Худшиносӣ ҳамеша ба ташаккули қобилият мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бозии кӯдакон воситаи мухими худтаълимдиҳӣ мебошад. Дар раванди бозӣ ташаккули одатҳои мусбат ва азхуд кардани малакаҳои зарурӣ ба таври табиӣ ва ноаён ба амал меоянд»[171 ,С.4].

Бозӣ барои кӯдакон як фаъолияти мустақилест, ки дар он бори аввал бо ҳамсолони худ тамос мегиранд. Бояд қайд кард, ки мақсади ягона, саъю кӯшиши якҷо барои расидан ба муваффақият ва пирӯзӣ кӯдаконро муттаҳид мекунад. Худи кӯдакон бозиро интихоб мекунанд ва раванди онро маҳз худашон ташкил мекунанд. Илова бар ин, танҳо дар раванди бозии кӯдакон қоидаҳои қатъии риояшаванда, шарти рафтор ва иҷрои онҳо то ба охир дида мешаванд. Аз ин рӯ, бозӣ барои таълиму тарбияи кӯдакон муҳим арзёбӣ гардида, ташаккулдиҳандаи амал, фикр, рафтор, муносибат ва меъёрҳои рафтор мегардад.

Дар бозӣ кӯдак худро аъзои коллектив эҳсос мекунад, ба амалу кирдори рафиқон, ҳамсолон ва худаш одилона баҳо медиҳад. Вазифаи педагог дар ин раванд аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи бозигарон ба мақсадҳои муайян равона гардида, умумияти ҳиссиёт ва амалҳоро ба миён оварда , ба ин васила, ба роҳ мондани муносибатҳои мусбат дар байни кӯдакон, дӯстӣ, адолат, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ҳамдиливу ҳамдардиро тақвият бахшад.

Ба андешаи педагог Г.Ф. Бритко: «Фаъолияти муштарак кӯдаконро бо ҳадафҳои ягона, вазифа ва кори умумӣ муттаҳид мекунад. Дар он тақсимоти масъулиятҳо ва ҳамоҳангсозии амалҳо вуҷуд дорад. Тавассути иштирок дар фаъолияти муштарак кӯдакони синни томактабӣ тарзи қоидаҳои муносибатро меомӯзанд. Ва дар як вақт метавонанд, ба хоҳишҳои ҳамсолон итоат кунанд ё онҳоро ба ҳақ будани худ бовар кунонанд» [160, С.14].

Бозии коллективонаи эҷодӣ шароит фароҳам меорад, то кӯдакон худро дар муҳити барои онҳо мусоид эҳсос кунанд. Ҳиссиёте, ки дар раванди бозиҳо дар кӯдакон пайдо мегардад, дар оянда ба рафтору кирдор ва амалҳои онҳо дар зиндагӣ таъсир мерасонад. Инчунин, маҳорату малакаҳое, ки дар раванди муошırати ҳамарӯзаи кӯдакон бо ҳамдигар ва калонсолон ташаккул ёфтаанд, дар бозӣ боз ҳам инкишоф меёбанд. Бояд зикр кард, ки бозӣ воситаи муҳими тарбияи равонии

кӯдакон низ ба шумор меравад. Дониш ва фаҳмиши дар муассисаи томактабӣ ва дар хона гирифташуда дар раванди бозӣ амалӣ ва инкишоф меёбад. Дар фаъолияти бозӣ кӯдакон рӯйдодҳои гуногуни ҳаёт, лаҳзаҳо аз афсона ва ҳикояҳоро амалан иҷро намуда, дар бораи он чизҳое, ки дида, хонда ва шунида буданд, андеша мекунанд ва маънои бисёр ҳодисаҳову мазмуни онҳоро барои худ мефаҳманд.

Ба андешаи муҳаққиқ Е.И. Попова: «Дар бозиҳо интизоми бошуурона, меҳнатдӯстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, хоҳиши ҳамроҳ шудан ба фаъолиятҳои гуногун, мустақилият, қобилияти ҳимояи ақидаи худ, ташаббус нишон додан ва роҳҳои ҳалли дурустро интихоб кардан дар шароитҳои муайян дар кӯдакон тарбия карда мешавад»[122, С.11].

Таҷассуми таассуроти ҳаётӣ дар бозӣ як раванди мураккаб аст. Бозии эҷодиро ба ҳадафҳои маҳдуди дидактикӣ тобеъ кардан мумкин нест. Кӯдакон мувофиқи шавқу ҳавас бозиҳоро интихоб намуда, ба ин васила, барои интихоби касби оянда замина фароҳам меоранд. Бозиҳои кӯдакон соддалавҳона ва на як бору ду бор дигар мешаванд. Оҳиста-оҳиста дар бозӣ кӯдакон дар бораи моҳияти меҳнат ва нақши касбҳои гуногун тасаввуроти умумӣ пайдо мекунанд. Бозӣ қобилияти эҷодии кӯдаконро инкишоф медиҳад. Бозиҳои шавқовар табъи кӯдаконро болида гардонида, фазои фараҳбахш ба вуҷуд меоранд. Ҳатто дар шароити мусоид ва ғизои хуб кӯдак суст инкишоф меёбад, агар ӯ ба бозии ҷолиб фарогир набошад. Дар бозӣ тамоми ҷанбаҳои шахсияти кӯдак дар ягонагӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меёбанд. Коллективи дӯстона ташкил кардан дар раванди бозӣ дар кӯдакон ҳисси рафиқона ва маҳорати ташкилотчигиро парвариш медиҳад. Инчунин, бозии коллективона кӯдаконро фаъол гардонида, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, дар назди дӯстон масъул будан ва адолатона масъалаҳои баҳснокро ҳал намудан ташаккул меёбанд.

Барои ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз ҳама гуногунрангии бозиҳо бозии нақшбозӣ мавқеи муайян дорад. Дар он кӯдакон тарзи рафтор, амал, муносибат ва муошрати байниҳамдигариро меомӯзанд. Бо бозӣ кардани нақшҳо кӯдак мувофиқи меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, амал карданро меомӯзад.

Тавре ки педагог В.А. Виноградова қайд мекунад: «Бозиҳои нақшбозӣ табиати инъикоскунанда доранд. Дар нақшбозиҳо кӯдакон ҷанбаҳои воқеиятро, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд ва диққатро ҷалб кардаанд, дубора эҳё мекунанд»[27, С.31].

Мундариҷаи бозӣ асоси ҷанбаҳои тарбиявии бозӣ ба шумор меравад. Яъне, интихоби мавзуъ, таҳияи сюжет, тақсими нақшҳо ва татбиқи образҳои бозӣ раванди бомуваффақонаи бозӣ мебошад. Мавзуи бозиҳо ҳарчанд гуногун ҳам бошанд, аммо онҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, сипас ба таври образнок дар нақшҳо офарида мешаванд. Барои кӯдакон бештар он мавзуъҳое писанд мебошанд, ки диққати онҳоро ҷалб созанд. Ва дар онҳо хоҳиши нақш офаридан пайдо шавад. Бозиҳои образнок ба кӯдакон наздиктар мебошанд. Ва мундариҷаи онҳо барои бедор кардани тахайюли кӯдакон нигаронида шудаанд. Масалан, дар бозиҳои нақшбозӣ ба ҳар як кӯдак нақши муайян барои иҷрои он дода мешавад. Ба яке муаллим, ба дигаре капитан ба сеюмин ронанда. Инчунин, кӯдакон дар бозиҳо нақшҳои ҳайвонотро низ иҷро мекунанд. Дар офаридани қаҳрамони бозӣ кӯдак на танҳо муносибати худро нисбат ба персонажи интихобшуда баён мекунад, балки сифатҳои шахсиро низ нишон медиҳад. Масалан, ҳама духтарон модаранд, аммо ҳар яки онҳо нақши хислатҳои фардии худро нишон медиҳанд. Писарон бошанд нақши ҳавонавард ё маллоҳро иҷро мекунанд, вале бояд хислатҳои қаҳрамон бо хислатҳои кӯдак тавъам бошанд.

Аз ин рӯ, нақшҳо метавонанд якхела бошанд, аммо нақшофарии бозӣ ҳамеша инфиродӣ мебошад. Мазмуни бозиҳои кӯдакона

гуногунанд: дар онҳо ҳаёти оила ва боғча, мехнати одамони касбу кори гуногун, воқеаҳои ҷамъиятие, ки ба кӯдакон фаҳмо буда, диққатро ба худ ҷалб мекунанд, инъикос меёбанд. Аммо ҳар гуна бозӣ мақсаду мароми худро дорад, ки мазмуни он моҳияти педагогии бозиро муайян мекунад. Бозӣ бо лӯхтак дар дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Ин табиист, ки оила ба кӯдак таассуроти аввалини ҳаётиро медиҳад. Падару модар шахсони наздиктарин ва маҳбуб барои фарзандон мебошанд, ки пеш аз ҳама ба онҳо тақлид кардан мехоҳанд. Инчунин, табиист, ки лӯхтакчаҳо асосан духтаронро ба худ ҷалб мекунанд, зеро модарону бибиҳо ба кӯдакон бештар ғамхорӣ мекунанд. Рафтори кӯдаконро дар бозиҳо мушоҳида карда, муайян кардан мумкин аст, ки онҳо дар оила чӣ гуна зиндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ин бозиҳо ба кӯдакон таъсирҳои мусбат расонида, ҳисси эҳтиром ба падару модар, пиронсолон ва хоҳиши нигоҳубини кӯдаконро дар ниҳоди онҳо ташаккул медиҳанд. Дар нақшбозиҳо кӯдакон ба корҳои калонсолон тақлид карда, баъзе малакаҳои кори хонаро меомӯзанд. Масалан, чанги ашёи хонаи лӯхтакро тоза мекунанд, рахти хоби онро ба тартиб медароранд, хонаро тамиз мекунанд ва ғайра.

Мундариҷа ва маънои бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ тағйирёбанда мебошанд. Онҳо инкишоф ёфта, мураккабтар мешаванд (аз амалиёти объективӣ дар вазъияти воқеӣ то амалҳои бозӣ, ки дар вазъияти шартӣ анҷом дода мешаванд) [78, С.8].

Муассисаҳои томактабӣ барои фаъолияти бозиҳо, махсусан дар гурӯҳҳои хурдсол, вақте ки кӯдакон таҷрибаи ҳаётии на он қадар зиёд доранд, воситаи ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии онҳо мебошанд. Навъҳои гуногуни бозиҳо ҳаёти ҳаррӯзаи муассисаҳои томактабӣ мебошанд. Тавре дар боло зикр кардем, мундариҷаи бозиҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, рӯйдодҳои ғайриоддии хурсандиоварро инъикос мекунанд. Аксарияти бозихо ба тасвири меҳнати одамони касбу кори

гуногун бахшида шудаанд. Ба воситаи бозӣ шавқу рағбати кӯдакон ба касбҳои гуногун мустаҳкаму амиқтар мегардад ва ҳисси эҳтиром ба меҳнат тарбия карда мешавад.

Ба андешаи мо рушди ахлоқии кӯдаки синни томактабӣ се самти ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

- донишҳои ахлоқӣ;
- мулоҳизаҳо;
- ақидаҳо.

Самтҳои маърифатии кӯдакон ҷиҳатҳои гуногуни шуури ахлоқии ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама дарки талаботи ахлоқӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии ахлоқиро инъикос мекунанд. Дар раванди бозиҳо кӯдакон ба таври ихтиёрӣ риоя кардани меъёрҳои ахлоқиро меомӯзанд. Кӯдакон рафтори ахлоқиро азхуд намуда, метавонанд на дар сухан, балки дар амал интихоби дурусти ахлоқӣ кунанд. Дар доираи таҷрибаҳо кӯдакон муносибатҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманд ва тасдиқшударо дар робита бо одамони дигар инкишоф медиҳанд, ки дар ин раванд, дар онҳо ҳиссиёт ва муносибатҳои инсондӯстона, таваҷҷуҳ ба ниёзҳо ва манфиатҳои дигарон, қобилияти ба назар гирифтани онҳо, ҳамдардӣ ба мушкилот ва шодии дигарон, инчунин, эҳсоси худро хатокор донистан ҳангоми риоя накардани меъёрҳо ташаккул меёбад.

Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ шакли дастраси фаъолият ва ҳам воситаи шинохти олами атроф мебошад. Ҳисси кунҷкобӣ ва зарурати фаъол будан кӯдаконро ба бозӣ ташвиқ мекунад. Бозӣ донишро ғанӣ гардонида, маҳоратро инкишоф медиҳад, тахайюлотро бедор карда, ба рушди тафаккур мусоидат мекунад. Маҳз, дар бозӣ кӯдакон аввалин шаҳди ғолибиятро чашида, барои расидан ба муваффақиятҳо бештар кӯшиш мекунанд [58, С.6].

Дар синни калонсоли томактабӣ ташаккули баҳодиҳии ахлоқӣ бо баҳодиҳии рафтори калонсолон вобастагии ногусастанӣ дорад.

Кӯдакони калонсоли синни томактабӣ ташаббускори суҳбат ва муносибат бо волидон, педагог ва мураббиён мегарданд.

Қаҳрамонҳои адабиёти бадеӣ дар ташаккули ақидаҳо ва баҳодиҳии ахлоқӣ дар кӯдакон нақши муҳим доранд. Кӯдакони синни 3-4 сола ангезаҳои муносибати худро ба қаҳрамони бозиҳо дарк намекунанд, танҳо ба ӯ хуб ё бад баҳо медиҳанд.

Дар синии 4-5-солагӣ дар кӯдакон мафҳумҳои «бад» ва «хуб» то андозае бештар ташаккул меёбанд. Дар бозиҳо кӯдакон ба қаҳрамонҳо аз рӯйи мазмуни кирдораш баҳо медиҳанд. Кӯдакон ба таъсири мутақобилаи персонажҳои бозӣ ворид гардида, ақидаҳои худро дар бораи онҳо ташаккул медиҳанд. Пас аз 4 солагӣ дар кӯдакон ҳисси ҳамдардӣ, кумак ба қаҳрамон ва баҳси ахлоқӣ ба миён меояд. Амалҳои қаҳрамонони бозиҳо дар муҳити тахайюлӣ ба кӯдакон имкон фароҳам меоранд, то маромҳои рафторро дарк намояд ва ба ин васила муносибати эмотсионалӣ дар онҳо пайдо гардида, ба қаҳрамони бозӣ баҳодиҳии ахлоқии кирдорҳо ташаккул ёбад.

Кӯдакони синни томактабӣ ҷанбаи ахлоқии афсонаҳои халқиро хуб дарк мекунанд. Ҳангоми бозиҳо тарафи манфии ахлоқии кирдорҳои қаҳрамонон боиси эътироз ва хашму ғазаби кӯдакон гардида, онҳо бошуурона дар тарафи некӣ меистанд.

Ба андешаи муҳаққиқ З.И. Норова: «Афсонаҳо дар тарбия ва ба камол расонидани шахсияти кӯдакон нақши муҳим доранд. Аз тариқи афсонаҳои хуб кӯдакон ба бисёре аз арзишҳои ахлоқӣ пай мебаранд. Пойдорӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ, шуҷоат, навъи дӯстӣ, умедворӣ, озодагӣ ва ҷавонмардӣ арзишҳое ҳастанд, ки дар маркази бисёре аз афсонаҳо қарор доранд. Афсонаҳо ҳамчун манбаи боарзиш дар инкишофи тафаккур, фаҳмиш, нутқ ва ҷаҳонбинии насли наврас дар тули солҳо хидмат кардаанд, зеро дар онҳо масъалаҳои муҳими педагогӣ ба воситаи образҳои дилчасп ифода ёфтаанд» [109].

Кӯдакон рафторҳои худро на танҳо бо як шахси калонсол, балки бо як ғояи умумӣ алоқаманд мекунанд. Яъне, намунаи берунии рафтори калонсолон ба сатҳи ботинии кӯдакон гузашта, имкониятҳои инкишофи ахлоқии онҳоро тақвият мебахшанд. Ба ин васила, кӯдакон дар бораи дӯстӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, садоқат, меҳрубонӣ ва раҳму шафқат тасаввуроти умумиро инкишоф медиҳанд.

Пас аз омӯхтани меъёрҳои рафтор кӯдакон пеш аз ҳама ба назорат кардани амалҳои ҳамсолони худ шуруъ мекунанд. Барои кӯдакон дидаву баҳо додан ба мавҷудияти сифатҳои ахлоқӣ ва иҷрои меъёрҳо аз ҷониби ҳамсолон  нисбат ба худаш осонтар аст. Кӯдакон аксар вақт ба меъёрҳои ахлоқии рафиқон дуруст баҳо дода, дар баҳодиҳӣ ба амалҳои худ хато мекунанд. Дар баъзан ҳолатҳо кӯдакон аз рафторҳои ҳамсабақон норозӣ ва шикоят назди мураббӣ мебаранд. Кӯдаке, ки ба калонсолон муроҷиат менамояд, мехоҳад худ дарк кунад, ки оё меъёр ё қоидаро дуруст мефаҳмад. Оҳиста-оҳиста ба як ҳамсол баҳо дода, худро бо ӯ муқоиса карда, баҳодиҳии рафтори ӯро аз ҷониби калонсолон ва рафиқон гӯш карда, кӯдак ба худшиносии ҳақиқӣ меояд.

Дар синни калонсоли томактабӣ кӯдакон аз рафтори номутавозин ба шуурнокӣ мегузаранд. Барои онҳо меъёри ахлоқӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои байни одамон амал мекунад. Кӯдакони калонсоли синни томактабӣ мефаҳманд; ки меъёрҳои рафтор бояд риоя карда шаванд, то ин ки  фаъолияти коллективӣ бомуваффақият рушд кунад. Зарурати назорати педагог дар чунин ҳолат аз байн меравад. Рафтори кӯдакон ҳатто дар набудани шахсони калонсол низ ахлоқӣ мешавад.

Мусаллам аст, ки бозиҳо дар муҳити коллективона барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ, ҷисмонӣ ва равонии кӯдакон сурат мегиранд.

Коллектив ин гурӯҳи шахсоне мебошад, ки ба ҳамдигар таъсир расонида, бо мақсадҳои ягона, манфиатҳо, эҳтиёҷот, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, фаъолияти якҷояи иҷрошаванда, воситаҳои фаъолият, ягонагии иродавӣ ҷамъ меоянд.

Коллективи кӯдакон, ки дар он низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фаъолият ва муошрати баланди ахлоқӣ ва эстетикӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ба ташаккули шахсият ва инкишофи фардияти ҳар як аъзои он мусоидат мекунад.

Бозии дастаҷамъӣ фаъолияти табиии кӯдакон буда, дар тарбияи бисёр сифатҳои ахлоқии онҳо, ба мисли: дӯстӣ, ҳамдилӣ, якдигарфаҳмӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, сабру тоқат, меҳнатдӯстӣ ва амсоли инҳо мусоидат мекунад[17, С.28].

Дар бозиҳои коллективона чунин ҷанбаҳои шахсият ташаккул меёбанд:

- талаботи шахсро дар муошрат ва худизҳоркунӣ қонеъ мекунанд;
- ҳаёти ӯро рангоранг мегардонанд;
- таҷрибаи бойи эҳсосиро таъмин мекунанд;
- меъёрҳои рафторро муайян мекунанд;
- тавассути муошрат ва муносибат бо дигарон барои шинохти худ, шароит фароҳам меоранд;
- имконият медиҳанд, ки кӯдакон худро аз ҳама ҷиҳат нишон диҳанд;
- дӯстиву рафоқатро рушд мебахшанд;
- ҳисси ягонагӣ, пешсафӣ ва ташаббусро инкишоф медиҳанд.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки интихоби бозӣ бо қувваи таҷрибаи кӯдакон ва маҳорати онҳо муайян карда мешавад. Барои он ки бозӣ шавқовар гузаронида шавад, кифоя нест, ки кӯдакон танҳо бинанда бошанд. Агар кӯдаконро бо ин маҳдуд созем моҳияти фаъолият паст гардида, онҳо кори калонсолонро тақлид мекунанд, ки дар натиҷа бозӣ суст ва ба мақсад мувофиқ гузаронида намешавад. Кӯдакон бояд аз воқеаҳои ҳаётӣ ва корнамоиҳои қаҳрамонҳои мусбати бозӣ ба ваҷҳ омада, дар раванди фаъолият ба онҳо тақлид кунанд.

Баъзан бозиҳо дар зери таъсири барномаҳои махсуси кӯдакона, филмҳои тасвирӣ ва омилҳои ҳаррӯзаи ҳаётӣ ба вуҷуд меоянд. Инчунин,

сюжети бозиҳо барои кӯдакон метавонанд, он чизе, ки аз сайру гаштҳо, намоишҳои театрӣ ва рафтан ба боғи ҳайвонот таассурот бардоштаанд, гарданд. Кӯдакони хурдсол одатан дар бораи мақсади бозӣ ва мундаричаи он андеша накарда, ба бозӣ шурӯъ мекунанд [110].

Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки аллакай дар соли чоруми ҳаёт кӯдакони синни томактабӣ метавонанд мавзуи бозиро мустақилона интихоб кунанд ва ҳадафҳои мушаххасро гузоранд. Педагог метавонад пеш аз оғози бозӣ ба кӯдакон муроҷиат карда гӯяд, ки: «Шумо чӣ бозӣ мекунед?», «Ту дар бозӣ кадом нақшро интихоб кардаӣ?», «Шумо чӣ месозед?», «Шумо бо қатора ба куҷо меравед?», «Кадом бозичаҳо ба шумо лозиманд?» ин саволҳо кӯдаконро маҷбур мекунанд, ки дар бораи сюжети бозӣ фикр кунанд. Дар синни калонсоли томактабӣ таҷрибаи бештари бозӣ ва тасаввуроти инкишофёфта ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки худ ҳикояҳои гуногуни ҷолибро таҳия ва ҳамчун бозӣ истифода баранд.

Ҳавасмандгардонии кӯдакон барои фаъолияти бозӣ усули суҳбат низ гардида метавонад, ки ифшои чизҳои дидашуда ва хондашуда, хислатҳои қаҳрамонҳо ва таҷрибаи онҳоро ошкор мекунад. Ташкили дастаи бозӣ ва ташаккули шахсияти ҳар як кӯдак дар коллектив яке аз масъалаҳои муҳим ва хеле мураккаби педагогӣ мебошад. Ин мураккабӣ дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак нақши худро бо шавқу ҳавас иҷро карда, ҳисси воқеиятро гум намекунад. Масалан, агар ҳангоми бозӣ нақши маллоҳ ё ҳавонавард ба ҳамсабақи ӯ пешниҳод гардад, кӯдак дар раванди бозӣ метавонад аз худ норизо гардида, бозиро идома надиҳад.

Бозӣ бояд мақсаднок ташкил карда шавад. Бозӣ набояд аз ҳад зиёд эҳсосотӣ бошад, зеро норозигиро дар байни аъзоён ба вуҷуд меорад [171,С.6].

Агар бозӣ кӯдакро сахт мафтун кунад ва агар ӯ бошуурона ва амиқ ба нақш ворид шуда бошад, бозӣ эҳсосоти эгоистиро мағлуб мекунад. Вазифаи педагог аз он иборат аст, ки кӯдаконро бо намунаҳои беҳтарин

аз ҳаёт ва фаъолияти одамон, ки ба ташаккули эҳсосот ва ҳавасмандии мусбат мусоидат мекунанд, омӯзонад.

Дар раванди мушоҳидаҳои педагогӣ ба мо аён мегардид, ки ҳар як кӯдак мехоҳад нақши роҳбарро иҷро намояд. Вале на ҳамаи кӯдакон аз уҳдаи иҷрои ин нақш мебароmadанд. Нақши роҳбарро бозидан аз шахс заҳмати зиёдро талаб дорад: бо рафиқон дар созиш омадан, адолатона муносибатҳоро ҷорӣ намудан, тарҳи рӯй ва симои ҷозибанок доштан ва ғайра. Новобаста аз ин, бояд педагог дар ҳамаи кӯдакон қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва роҳбариро тарбия намояд.

Дар фаъолияти бозӣ бисёр сифатҳои мусбати кӯдак ташаккул ёфта, шавқу рағбат ва омодагӣ ба омӯзиши дарпешистода ва қобилиятҳои маърифатии ӯ инкишоф меёбад. Бозӣ ҳам барои ба оянда омода кардани кӯдакон ва ҳам барои пурмазмуну пурғановат гузаронидани вақти онҳо муҳим мебошад. Дар фаъолияти бозӣ тафаккур, тахайюл ва малакаву маҳорати кӯдакони синни томактабӣ фаъолтар гардида, қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбанд. Ҳангоми фаъолияти бозӣ қобилияти банақшагирӣ ва амалӣ намудани он, тафаккури эҷодӣ ва ҷустани роҳҳои иҷрои масъалаҳо ташаккул меёбанд [133, С.8].

Дар бозӣ бо ҳамсолон кӯдакон қоидаҳо ва зарурати риояи онҳоро меомӯзанд. Дар бозии коллективона ирода, истодагарӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия карда мешавад. Инчунин, бозӣ амалҳои муштарак ва дастаҷамъонаро таълим медиҳад. Қобилияти худро идора карданро дар ҳолатҳои гуногун инкишоф медиҳад.

Дар бораи фаҳмиш ва моҳияти бозӣ ҳаминро қайд кардан мехоҳем, ки бозӣ яке аз намудҳои фаъолияти инсон мебошад. Он ҳамчун як падидаи мураккаб ва ҷолиби ҳаёт диққати одамони касбу кори гуногун: педагогҳо, равоншиносон, файласуфон, сотсиологҳо ва физиологҳоро ба худ ҷалб кардааст. Дар бисёр рисолаҳои илмӣ оид ба мавқеи бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс таъкид гардидааст.

Моҳияти тарбиявии бозиҳо дар ашъори Н.К. Крупская ва А.С. Макаренко баръало нишон дода шудааст. Ба андешаи онҳо арзиши асосии бозӣ дар он аст, ки вай фаъолияти коллективона буда, муносибатҳои ҷамъиятиро тарбия мекунад. Бозиҳое вуҷуд доранд, ки шахсро рӯҳбаланд ва ба шӯр меоранд ва бозиҳое низ ҳастанд, ки боиси таассубу парешонӣ ва хислатҳои манфиро тарбия мекунанд. Таъсири тарбиявӣ пайдо кардани бозиҳо бештар аз шахсе, ки бозиро омода ва ташкил мекунад, вобаста мебошад. Н.К. Крупская қайд мекунад, ки дар раванди бозӣ танзими аз ҳад зиёд ба инкишофи интизоми бошуурона таъсир расонида, ташаббусҳоро пахш карда, бозиро беҳиссиёт мегардонад. Аз ин рӯ, барои зуҳури ташаббусҳо шароит фароҳам оварда, дар ин раванд хусусиятҳои синну солиро бояд ҳатман ба назари эътибор гирифт. Ба андешаи дигар муҳаққиқ Е.А. Покровский бозӣ моҳияти бузурги педагогӣ дошта, яке аз усулҳое мебошад, ки кӯдакон тадриҷан олами беруниро азхуд мекунанд [179].

Бояд қайд кард, ки бозӣ як фаъолиятест, ки аз корҳои ҳаррӯза фарқ мекунад. Инсоният барои худ олами ихтироъкардаеро меофарад, ки дар паҳлӯи олами табиӣ вуҷуд дорад. Бозӣ ҳам барои инсон мисли як олами тахайюлие мебошад, ки аз олами табиӣ бо гуногунии худ тафовут дорад.

Бозӣ барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ, рӯҳӣ ва қаноатмандии худ аз раванди иҷрои амал омода карда мешавад.

Бозӣ ин фаъолиятест, ки муносибати шахсро бо олами гирду атроф инъикос мекунад.

Маҳз дар бозиҳо шахс худро дар олами тахайюлӣ тасаввур карда истиқлолияти комилро ба даст меорад. Дар раванди бозӣ шахс метавонад ба гузашта баргардад, ба оянда нигарад ва як амали писандидаро борҳо такрор кунад.

Дар бозӣ кӯдак зиндагӣ карданро намеомӯзад, балки ҳаёти ҳақиқии мустақили худро эҷод мекунад. Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ аз

ҳама намуди фаъолиятҳо наздик буда, эҳсосот ва таассуроти хотирмон дорад.

Фаъолияти бозӣ тавре сохта мешавад, ки дар натиҷа вазъияти хаёлӣ ба вуҷуд меояд. Дар бозӣ кӯдакон амал карданро дар вазъиятҳои гуногун меомӯзанд.

Дар марҳилаҳои аввали рушди кӯдакон бозӣ барои иҷрои амалҳои воқеӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳангоми бозӣ вақте, ки кӯдак қошуқи холиро ба даҳони лухтак барои хӯронидани хӯрок мегузорад, тахайюл алакай ба ин раванд ҳамроҳ мешавад.

Бозиҳо аз ҷиҳати мазмун ва шакл гуногун буда, кӯдаконро ба доираи зуҳуроти ҳаёти воқеӣ ворид намуда, азхудкунии беихтиёри таҷрибаи ҷамъиятӣ сурат мегирад. Дар бозӣ услуби муносибат, муоширати кӯдак бо ҳамсолон ва калонсолон ташаккул ёфта, эҳсосот ва завқ тарбия карда мешавад.

Ба андешаи педагог Е.В. Попова: «Бо вуҷуди он, ки бозиҳо тамоми функсияҳои равонии кӯдаконро ба мисли: тафаккур, тасаввурот, нутқ, диққат, хотира, амалҳо ва эмотсияро инкишоф медиҳанд, инчунин, ба рушди шахсии онҳо таъсири калон мерасонанд. Яъне, бозиҳо кӯдаконро иҷтимоӣ мекунанд, тарзи муоширатро рушд мебахшанд, иҷрои амалҳоро меомӯзонанд ва худбаҳодиҳиро тарбия мекунанд» [121, С.39].

Тавре зикр кардем, бозиҳои кӯдакон аз рӯйи мазмун, ташкил, қоидаҳо, хусусият, таъсир, намудҳои ашёи истифодашаванда, пайдоиш ва гайра гуногунанд. Дар илми педагогика бозиҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

- бозиҳои эҷодӣ;
- бозиҳо бо иҷрои қоидаҳо.

Кӯдакон мазмуни бозиҳои эҷодиро ба вуҷуд оварда, дар онҳо таассурот, дарки муҳити атроф ва муносибатро инъикос мекунанд.

Гурӯҳи бозиҳои эҷодӣ аз бозиҳои нақшбозӣ, бинокорӣ ва ихтироъкорӣ иборат аст, ки дар онҳо кӯдакон таассуроти худро аз ҳаёти

атроф ба таври мушаххас инъикос мекунанд. Инчунин, ба ин гурӯҳ бозиҳои драмавӣ, ки дар онҳо кӯдакон ба таври эҷодӣ мазмуни асарҳои адабӣ ва драмавиро иҷро мекунанд, дохил мешаванд.

Бозиҳои эҷодӣ таассуроти кӯдаконро аз ҳаёти атроф, умқи дарки онҳо дар бораи падидаҳои муайяни ҳаёт инъикос мекунанд.

Дар навбати худ, ҳар ду гурӯҳи бозиҳо навъҳои худро доранд. Бозиҳо бо қоидаҳо аз ҷониби шахсони калонсол роҳандозӣ гардида, риояи қоидаҳо дар онҳо ҳатмӣ мебошанд. Бозиҳои халқӣ низ қоидаҳои махсуси худро доранд, ки аксари онҳо аз насл ба насл интиқол меёбанд.

Бозиҳое, ки мазмуну қоидаҳои муайян доранд, аз рӯйи таъсири тарбиявии худ шартан ба бозиҳои дидактикӣ тақсим мешаванд, ки дар онҳо, пеш аз ҳама, фаъолияти равонии кӯдакон инкишоф ёфта, донишҳо амиқ ва васеъ мегарданд. Инчунин, бозиҳои серҳаракат, ки дар онҳо ҳаракатҳои гуногуни варзишӣ такмил дода мешаванд.

**Нақшаи намудҳои бозӣ аз рӯйи хислат**

Нақшаи №1

| Бозиҳои эҷодӣ | Бозиҳо бо қоидаҳои муайян |
|---|---|
| • Бозиҳои театрикунонидашуда<br>• Бозиҳои сюжетӣ (нақшбозӣ)<br>• Бозиҳои ихтироъкорӣ (аз масолеҳи сохтмонӣ)<br>• Бозиҳои режессуравӣ | • Бозиҳои серҳаракат:<br>- сюжетӣ;<br>- бесюжетӣ;<br>- варзишӣ.<br>• Дидактикӣ (аз рӯйи самт):<br>- мантиқӣ-математикӣ;<br>- барои инкишофи нутқ;<br>- барои рушди эстетикӣ;<br>- салоҳияти варзишӣ;<br>- салоҳияти экологӣ;<br>- рушди мусиқӣ;<br>- барои инкишофи иродавӣ-ҳиссӣ;<br>- барои имконият додан;<br>- рӯйи мизӣ;<br>- бо ашё ва бозичаҳо;<br>- бо тарзи сухан. |

Ба андешаи мо ба таври возеҳ гуфтан мумкин нест, ки таснифоти дар боло зикршуда аллакай ниҳоӣ мебошад. Илми педагогика инкишоф ёфта, назарҳо нисбати таснифоти бозиҳо такмил меёбад.

Баъд аз таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ ба сохтори онҳо таваҷҷуҳ мекунем. *Ба бозиҳои эҷодӣ чунин ҷузъҳои сохторӣ хосанд:*

- ҳолати хаёлӣ;
- сюжети бозӣ;
- нақшҳои бозӣ;
- амалҳои бозӣ;
- истифодаи бо ашё;
- сухан;
- муносибатҳо дар раванди бозӣ.

*Сохтори бозиҳо бо қоидаҳо:*

- мақсад ва маром;
- қоидаҳои бозӣ;
- ҳаракатҳои бозӣ;
- муносибатҳо дар раванди бозӣ;
- сухан;
- натиҷа.

Ҷузъҳои сохтории намудҳои гуногуни бозиҳоро таҳлил карда, мо фарқи асосии онҳоро дида метавонем ва ба хулосае омада метавонем, ки дар бозиҳои эҷодӣ қоидаҳои қатъии муқарраршуда вуҷуд надоранд. Онҳо танҳо дар бозиҳо бо қоидаҳо дида мешаванд.

Набудани қоидаҳои қатъии муқарраршуда дар бозиҳои эҷодӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки таҳияи бозиро дар интихоби шарикон, мақсаднокӣ, интихоби сюжет ва мавод муайян созанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бозиҳо бо қоидаҳо бояд оддӣ бошанд. Бозиҳое, ки боиси тарсу ваҳми кӯдакон мегарданд, набояд омода ва баргузор карда шаванд [118, С.33].

Мавқеи бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон на аз рӯйи вақти ба он ҷудогардида, балки аз ҷиҳати таъмин кардани талабот, бартараф кардани ҳолатҳои равонӣ ва хушу гуворо гузаронидани вақти онҳо муайян карда мешаванд.

Якчанд гурӯҳҳои бозиҳо мавҷуданд, ки зеҳнро инкишоф ва фаъолияти маърифатии кӯдаконро рушд мебахшанд:

Гурӯҳи I – бозиҳо бо ашёи гуногун. Ба воситаи бозичаҳо (ашё) кӯдакон шакл, ранг, ҳаҷм, намуд, тарзи ист, олами хайвонот ва набототро дарк мекунанд.

Гурӯҳи II - бозиҳои эҷодӣ ва сюжетӣ-нақшбозӣ.

Қисмати асосии бозиҳои нақшбозӣ сюжети онҳо мебошанд, ки бидуни сюжет бозии нақшбозӣ вуҷуд надорад. Бозиҳои нақшбозӣ ба чунин қисматҳо тақсим мешаванд:

- бозиҳо дар мавзуъҳои ҳаррӯза: дар хона, ҳаёти ҷамъиятӣ, рӯзҳои таваллуд, дар меҳмонӣ ва ғайра;

- бозиҳо дар мавзуъҳои истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар онҳо меҳнати одамон дар мактаб, мағоза, китобхона, нақлиёт ва ғайра инъикос меёбанд;

- бозиҳо дар мавзуъҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки дар онҳо корнамоиҳои қаҳрамонҳо тачассум меёбанд;

- бозиҳо дар мавзуъҳои қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, филмҳо, барномаҳои телевизионӣ ва ғайра.

Давомнокии бозиҳои нақшбозӣ бо чунин тартиби зер гузаронида мешавад:

- дар синни хурди томактабӣ 10-15 дақиқа;

- дар синни миёнаи томактабӣ 20-25 дақиқа;

- дар синни калони томактабӣ 30-35 дақиқа.

Кӯдакон дар солҳои аввали ҳаётӣ бо таъсири тарбиявии калонсолон марҳилаҳои инкишофи фаъолияти бозиро аз сар мегузаронанд:

- шиносои̅ бо бозиҳо. Калонсол бо истифода аз бозичаҳо ва ашёи гуногун фаъолияти кӯдакро ташкил мекунад;

- тарзи амали кӯдакон бо ашё. Дар ин марҳила кӯдакон хосияти ашё ва бо ёрии онҳо ягон амал иҷро карданро меомӯзанд;

- инкишофи бози̅. Кӯдакон таассуроти аз ҳаёти ҳаррӯза гирифташударо фаъолона намоиш медиҳанд;

- офаридани бози̅ бо сюжети худ;

Зуҳуроти эҷодии кӯдакон дар бозиҳо гуногунанд: аз ихтироъ кардани сюжет ва мазмуни бози̅, дарёфти роҳҳои амали̅ намудани идея, дар амал иҷро кардани он ва ғайра. Бозиҳои эҷоди̅ таассуроти кӯдаконро аз ҳаёти гирду атроф, фаҳмиш ва дарки онҳо инъикос мекунанд. Ҳодисаҳое, ки дар бози̅ аз ҷониби персонажҳо иҷро мешаванд, амали онҳо дар зеҳни кӯдак инъикос гардида, таҷрибаи воқеии ӯ, шинохти муҳити зист, дарки мундариҷаи китобҳои хондашуда ва филмҳои дидашуда мегарданд. Дар омезиши донишҳо дар раванди бозиҳо кӯдакон куллан озод мебошанд. Вазъиятҳои воқеии ҳаёт, ки кӯдакон ба онҳо дохил мешаванд (ба назди табиб рафтан, сартарош, сафар дар нақлиёт, боздид аз театр, экскурсияҳо, мушоҳидаҳо ва ғайра) ба онҳо имконият медиҳанд, то аз воқеаҳои дидашуда истифода бурда, мазмуни бозиҳоро такмил диҳанд.

Ба андешаи психолог Г.Г. Кравтсов: «Ҳар як кӯдак бози̅ карданро медонад, аммо агар ба ӯ ҳадафмандона бози̅ карданро ёд надиҳанд, пас ӯ ҳеҷ гоҳ ин шакли оддии фаъолияти инсониро азхуд карда наметавонад. Бозиро одатан фаъолияти озод меноманд, аммо он ба таври қатъи̅ мувофиқи қоидаҳо сохта мешавад» [75, С.8].

Бояд қайд кард, ки маҳз дар раванди бозиҳо эҳсосоти самимии кӯдакон рӯйи кор меоянд. Дар бозиҳои нақшбозии эҷоди̅ кӯдакон ҳиссиёти марбут ба нақшҳои иҷрошударо ба мисли: ғамхори̅, меҳрубони̅, дилсӯзи̅, нафрат, эътироз ва ғайра нишон медиҳанд. Масалан, дар бозиҳои коллективона эҳсосоти иҷтимоии кӯдакон (дӯсти̅, рафоқат,

якдилӣ, якдигарфаҳмӣ) зоҳир мешавад. Кӯдакон аз ноил шудан ба натиҷа дар бозиҳо барои бартараф кардани душвориҳо хурсанд мешаванд. Дар бозиҳое, ки зеҳн, чусту чолокӣ ва далериро талаб мекунанд, ҳиссиёти шодӣ ва хислати интеллектуалӣ доранд. Инчунин, дар аксари бозиҳо эҳсосоти эстетикӣ зоҳир мегардад, ки аз ҷолибияти бозичаҳои истифодашаванда, зебоии ҳаракатҳои бозӣ ва унсурҳои эҷодиёти бадеӣ ба вуҷуд меоянд.

Бозӣ яке аз намудҳои асосии фаъолият ва муҳимтарин воситаи тарбияи кӯдакон мебошад. Бозӣ нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти кӯдакон бартарӣ дошта, дар амалисозии равандҳои педагогӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Зеро, бозӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, то фаъолияту мустақилият, тасаввурот ва андешаҳои худро дар бораи олами атроф амалӣ созанд [168, С.10].

Дар баробари бозиҳои анъанавӣ ва суннатӣ дар шароити имрӯза ворид гардидани воситаҳои муосири техникӣ ба мисли: компютер, планшет, смартфон ва Интернет раванди таълиму тарбияро ба сатҳи сифатан нав баланд бардошт.

Бояд қайд кард, ки асри XXI ва равандҳои ҷаҳонишавӣ бо афзоиши фаъоли рушди системаҳои иттилоотӣ ва махсусан рушди илм тавсиф мешавад. Дар шароити кунунӣ ҳамаи соҳаҳои фаъолияти шахс бо таҷҳизотҳои муосирӣ техникӣ муҷаҳҳаз гардида истодаанд. Соҳаи маорифро  низ ин раванд фарогир мебошад. Технологияҳои муосири иттилоотии компютерӣ дар таълим ва тарбия ҳамчун воситаҳои таълим мавриди истифода қарор гирифта истодаанд. Бешубҳа, воситаҳои муосири техникӣ раванди таълимро бамаротиб самарабахш гардонида, кори педагогҳоро осон ва натиҷаҳои назаррасро таъмин месозанд.

Истифодаи технологияҳои муосир дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба самаранокии омӯзиш ва рушди онҳо мусоидат мекунанд. Тамоюли умумӣ ин аст, ки кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои компютериро афзалтар медонанд. Бартарии бозиҳо дар планшетҳо,

телефонҳо ва ноутбукҳо нисбат ба бозиҳои анъанавӣ дар амал маълум аст.

Мушоҳидаҳо дар ин самт собит кардаанд, ки бозиҳои компютерӣ диққат ва хотираи кӯдаконро мустаҳкам мекунанд. Инро бо сабабҳои зерин шарҳ додан мумкин аст. Дар муқоиса бо бозиҳои анъанавӣ бозиҳои компютерӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб месозанд. Зеро, ҳар як бозии компютерӣ ҳамеша дар шакли возеҳ, ҷолиб ва динамикӣ пешниҳод карда мешавад, ки таваҷҷуҳи онҳоро муддати дароз нигоҳ медорад. Кӯдакони муосир қоидаҳои бозиҳои компютериро зуд аз худ карда, ба вазифаҳои сатҳҳои гуногун зина ба зина одат мекунанд.

Барои инкишоф додани диққат, тафаккур, зеҳн ва тасаввуроти кӯдакон аз бозиҳои компютерӣ дар раванди таълим бо кӯдакони синни томактабӣ истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Ҷорӣ намудани бозиҳои компютерӣ дар раванди машғулиятҳо имкон медиҳанд, ки шахсияти ҳамаҷониба ташаккул ёбад.

Воқеан, компютер дорои иқтидори бузурги бозӣ ва имкониятҳои омӯзишӣ буда, ба кӯдак таъсири назаррас дорад, аммо мисли ҳама гуна технология дар худ арзишманд нест ва танҳо дар ҳамкории педагог (тарбиягар) ин раванд метавонад, судманд гардад. Педагог ва мураббӣ дар назди худ кадом ҳадафҳоро мегузорад ва бо кадом роҳҳо ба ҳалли онҳо ноил мегардад, таъсири компютер ба кӯдакон муайян карда мешавад [54, С.30].

Бозиҳои компютерии кӯдакони синни томактабӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунанд:

- логопедӣ;
- рушди зеҳн;
- эҷодӣ;
- омодагӣ ба мактаб;
- омӯзиши забонҳои хориҷӣ.

Ҳар як бозиҳои компютерӣ равандҳои маърифатӣ, малакаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдаконро инкишоф медиҳанд. Чун қоида, дар ҳама

бозиҳои компютерӣ қаҳрамонҳои дӯстдоштаи кӯдакон аз афсонаҳо, ҳикояҳо, филмҳои тасвирӣ, қоидаҳои бозӣ ва раванди онҳо мавҷуданд.

Тавре дар боло зикр кардем, бозиҳои компютерӣ дар шакли барномаҳои ҳаяҷоновар ва диққатҷалбкунанда офарида шудаанд, ки андеша ва тасаввуроти кӯдаконро дар бораи олами атроф инкишоф медиҳанд. Дар раванди бозӣ донишу таҷриба ва амалигардонии равандҳои маърифатии кӯдакон сурат мегиранд. Ба туфайли бозиҳои компютерӣ ташаккули ақидаҳо дар бораи сохти ҷаҳон ва қонуниятҳои фаъолияти он амалӣ мегарданд [92].

Маврид ба зикр аст, ки дар раванди бароҳмонии бозиҳои компютерӣ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синну солӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Якчанд гурӯҳҳои бозиҳои компютерӣ мавҷуданд, ки барои истифода дар синни томактабӣ мувофиқанд. Ба мисли:

- бозиҳои стратегӣ. Онҳо инкишофи маҳорати идоракуниро таъмин месозанд. Ҳар як иштирокчии бозӣ стратегияи худро барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбати амалӣ таҳия мекунад. Дар синни томактабӣ на стратегияҳои мукаммал, балки бозиҳо бо унсурҳои қисман стратегиявӣ истифода мешаванд. Кӯдакони синни томактабӣ аз сабабӣ надоштани таҷрибаи кофӣ ва сатҳи зеҳн наметавонанд дар стратегияи мукаммал иштирок кунанд. Аз ин рӯ, як ҷузъи стратегия ба бозиҳои ҳикоявӣ барои фаъол гардонидани сифатҳои идоракунии кӯдакон ва рушди ташаббуси онҳо дохил карда шудааст;

- муаммо. Чунин бозиҳо ба ташаккули малакаҳои зеҳнии ӯ нигаронида шудаанд. Сюжети бозӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки ҳамоҳангсозии ҳаракат, диққат ва малакаҳои вокуниши зудро инкишоф диҳанд;

- гузаштан аз монеаҳо. Чунин бозиҳо дар асоси иҷрои амалҳои қаҳрамонҳои бозӣ бо гузаштан аз монеаҳо барои расидан ба ҳадаф нигаронида шудаанд;

- бозиҳои сюжетӣ. Бозиҳои сюжетӣ бо истифодаи аз ҳикояҳо ва афсонаҳои кӯдакона асос ёфтаанд;

- бозиҳои таълимӣ. Чунин бозиҳо як ҷузъи омӯзиширо дар бар мегиранд, ки ба рушди малакаҳои муайяни кӯдакони синни томактабӣ, азхудкунии баъзе иттилоот ва рушди фаъолият нигаронида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо дарназардошти ҳама гуногунии бозиҳои компютерӣ дар раванди фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ, ин намуди бозиҳо моҳияти таълимӣ ва тарбиявӣ доранд ва чунин ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро рушд мебахшанд:

- васеъ кардани дониш дар бораи муҳити зист;
- ғанӣ гардонидани тафаккури луғавӣ;
- рушди хотира;
- инкишофи диққат.
- шиносоӣ бо ҳарфҳо ва рақамҳо;
- ташаккули малакаҳои расидан ба ҳадафҳо;
- инкишофи суръати амал;
- омодагӣ ба фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ;
- рушди иқтидори эҷодӣ (тахайюл, тасаввурот, образ);
- инкишофи ҳавасмандӣ ба дониш (маърифаткунонӣ);
- мустақилият ва малакаҳои худтанзимкунӣ;
- худбаҳодиҳии мувофиқ.

Ҳамин тариқ, бозиҳо барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти дӯстдоштатарин ба ҳисоб мераванд. Дар бозӣ кӯдакон пурра субъекти фаъолияти худ мегарданд. Маҳз, худи онҳо ташкилкунанда ва манфиатдор аз бозӣ мебошанд. Кӯдакон метавонанд сюжети бозиро эҷод кунанд ва онро амалӣ созанд. Аз бурду бохти худ дар раванди бозӣ розӣ ё норизо гарданд.

Дар бозӣ кӯдакон  рафторҳои худро идора карда, амалҳои инфиродиро меомӯзанд. Кӯдакон бо иҷрои ин ё он нақш меъёрҳои рафторро дар ҷомеа аз худ мекунанд. Ва ба ин васила, ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии худро рушд мебахшанд.

## 1.2. Моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ

Консепсияи муосири таълиму тарбия бештар ба шахсияти кӯдак, ба он равандҳое, ки таҳти таъсири муошират ва фаъолият ташаккул меёбанд, нигаронида шудааст.

Шахс дар ҳар як марҳилаи ҳаёт ташаккул ва инкишоф ёфта, рафтор, амал ва тарзи фикронии ӯ тағйир меёбад. Давраи томактабӣ давраест, ки ташаккули пуршиддати одатҳо, амалҳо ва рафтори кӯдакон сурат мегирад. Кӯдакони синни томактабӣ зери таъсири эҳсосот ва хоҳишҳои вазъиятӣ, ки дар айни замон ба вуҷуд меоянд, амал мекунанд. Дар баъзан ҳолат кӯдакон амалҳоро иҷро мекунанд, вале шарҳ дода наметавонанд, ки чӣ онҳоро ба ин кор водор кард. Дар синни 5-7-солагӣ огоҳӣ бештар мешавад, бинобар ин кӯдакон аллакай амалҳои худро шарҳ дода метавонанд.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба соҳаи маориф, махсусан, ба муассисаҳои томактабӣ сол аз сол бештар диққати ҷиддӣ дода истодааст. Зеро, тарбияи дурусти насли оянда маҳз аз синни хурдсолӣ маншаъ гирифта, чунин сифатҳо дар ниҳоди кӯдакон ба мисли: ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, якдигарфаҳмӣ ва амсоли инҳо ташаккул меёбанд.

Барои исботи гуфтаҳои боло ҳаминро зикр карданӣ ҳастем, ки 29 марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Гулистон бинои Муассисаи давлатии таълимии томактабии рақами №4 ба номи «Баҳор»-ро ифтитоҳ намуданд.

Бинои кӯдакистони «Баҳор» дуошёна буда, баъди таъмиру навсозӣ дар доираи тантанаҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ба истифода дода шуд. Иншооти нави соҳаи маориф бахшида ба ҷашни 35-солагии

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати мамлакат навсозӣ гардидааст[124].

Чунин биноҳои бо тарҳи замонавӣ сохташуда дар тамоми манотиқи кишвар сол аз сол сохта, ба истифода дода шуда истодаанд. Масалан, Президенти кишвар дар кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳри Сарбанд бо буридани лентаи рамзӣ, бинои хуштарҳу замонавии Муассисаи томактабии хусусии «Нигина»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд [64].

Сарвари давлат бо тамоми шароити муҳайёшуда дар ин Муассисаи нави томактабӣ шинос гардида, икдоми муассиси онро бобати бунёди чунин як кӯдакистони зебову замонавӣ ва шароити хуби таълиму тарбия фароҳам овардан барои насли оянда намунаи ибрат хонданд.

Раванди инкишофи кӯдаконро аз синни томактабӣ дуруст ба роҳ мондан асоси муваффақиятҳо дар оянда ба шумор меравад. Табибон, физиологҳо, педагогон ва равоншиносон хусусиятҳои инкишофи кӯдакони синни томактабиро то кунун мавриди омӯзиш қарор додаанд. Рушди функсионалӣ ва вазъи саломатии онҳо омилҳое мебошанд, ки муваффақияти таҳсили минбаъдаро дар мактаб муайян мекунанд.

Дар синни томактабӣ инкишофи зеҳнӣ, ахлоқӣ, иродавӣ ва эмотсионалии шахсият мушоҳида мешавад. Ташаккули шахсият аз пайдоиши сифатҳо ва талаботи нав ба мисли: донишҳо дар бораи ашё ва падидаҳо, дарки шакл, ранг, ҳаҷм ва ғайра ба вуҷуд меояд. Чӣ тавр ворид гардидани кӯдакон ба ин робитаҳо раванди инкишофи ӯро муайян мекунад.

Дар қатори дигар фаъолиятҳое, ки кӯдакон ба воситаи онҳо таассуроти худро бою рангин мегардонанд, бозиҳо мавқеи меҳвариро ишғол мекунанд.

Бозӣ як намуди дастрастарини фаъолият барои кӯдакон, роҳи коркарди таассурот ва донишҳои аз ҷаҳони беруна гирифташуда мебошад. Бозӣ хусусияти тафаккур ва тасаввуроти кӯдак, эҳсосот,

фаъолият ва эҳтиёҷоти инкишофёбанда ба муоширатро равшан зоҳир мекунад.

Нақшаи №2.




Тавре ки аз нақша мушоҳида мешавад, бозӣ тамоми ҷанбаҳои шахсро рушд ва инкишоф медиҳад. Ба мисли: инкишофи маромнокӣ, рушди малакаҳо, ба роҳ мондани муносибатҳои коммуникативӣ, воситаи ба даст овардани дониш ва иҷтимоикунӣ, инкишофи тахайюл, қобилият ва ирода.

Бозӣ барои солим гардонидани кӯдакон муҳим арзёбӣ мегардад. Бозиҳои серҳаракат воситаи муассири тарбия ва яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаву муфиди кӯдакон ба ҳисоб меравад. Бозиҳои серҳаракат ба машқҳои ҷисмонӣ ва ҳаракатҳо асос ёфтааст, ки дар раванди онҳо

иштирокчиён як қатор монеаҳоро барои ноил шудан ба ҳадафи муайян паси сар мекунанд. Аз сабаби гуногунии мундариҷаи фаъолият бозиҳои серҳаракат ба бадан ва ҳолатҳои равонии кӯдакон таъсир расонида, дар ҳалли вазифаҳои муҳими ҷисмонӣ саҳм мегузоранд.

Ба андешаи муҳаққиқ Э.Я. Степаненкова: «Дар бозиҳои серҳаракат кӯдакон олами атрофро дарк карда, дар онҳо ақлу хирад, дониш ва тахайюл инкишоф ёфта, сифатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Бозиҳои серҳаракат ҳамеша як фаъолияти эҷодие мебошанд, ки дар онҳо маҳорати табиии кӯдакон дар ҳаракат ва зарурати дарёфти роҳи ҳалли мушкилот зоҳир мешавад»[141, С.5].

Бозиҳои సераҳаракат чунин амалҳоро ба мисли: роҳ рафтан, давидан, ҷаҳидан ва ба шикам лағжиданро дар бар мегиранд. Чунин ҳаракатҳо организмро инкишоф дода, мушакҳоро қавӣ ва мустаҳкам мегардонанд. Дар раванди бозиҳои серҳаракат тахайюли кӯдакон инкишоф ёфта, ангезаҳо тезу тунд мешаванд. Чунин бозиҳо таассуроти кӯдаконро бою рангин намуда, ташаббускорӣ, фаъолият, мустақилият, боварӣ ва суботкориро инкишоф медиҳанд.

Бозиҳои серҳаракати ҷисмонӣ воситаи самараноки тарбияи устуворӣ низ ба шумор мераванд. Чунин бозиҳо барои кӯдакони синни томактабӣ, ки дар онҳо раванди ҳаяҷон ба раванди монеъшавӣ бартарӣ дорад, муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз, дар бозиҳои серҳаракати ҷисмонӣ дар кӯдакон шавқу рағбат барои ба даст овардани ғолибият афзун гардида, чунин сифатҳо ба мисли: рақобат, маҳорат, суръат, заковат, далерӣ ва шуҷоат ташаккул меёбанд. Аз нигоҳи мундариҷа ҳама намуди бозиҳои серҳаракати ҷисмонӣ барои кӯдакон ифоданок ва дастрас мебошанд. Онҳо боиси фаъол гардонидани фикр, васеъ шудани доираи ҷаҳонбинӣ ва инкишофи малакаҳои ҷисмонӣ мегарданд.

Яке аз чунин бозиҳои серҳаракати ҷисмонӣ бозии билбок мебошад, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон маълум аст. Якчанд навъҳои онро дар

муассисаҳои томактабӣ бо ҳамроҳии кӯдакон ташкил ва мегузаронанд. Ба мисли: «тӯбро дар сӯрох гиред», «ҳалқаро дар чӯб доред» ва ғайра. Дар ин бозиҳо маҳорати чашм, ҳамоҳангсозии даст-чашм ва суботкорӣ муҳим мебошанд.

Асосан, бозиҳои серҳаракат дар ҳавои кушод ва дар майдончаҳои махсус гузаронида мешаванд. Майдони бозӣ бояд ҳамвор бошад. Дар ҳавои гарм онро об пошида, аз чангу ғубор тоза кардан лозим аст. Дар фасли зимистон бошад, майдонча бояд аз барфи зиёдатӣ тоза карда шавад, то ки кӯдакон дар нимаи рӯз аз он истифода баранд [72, С.14].

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи аз ҷиҳати эмотсионалӣ муҳим барои кӯдакон дар бозӣ ифода мегардад. Вазифаи асосии бозӣ ин табдил додани чизи ғайричашмдошт дар ҳаёти воқеӣ ба ҳолатҳои идорашаванда мебошад. Бозӣ фаъолияте ба ҳисоб меравад, ки тавассути он ифодаи мушаххаси кӯдакон рӯйи кор меоянд. Аксар вақт кӯдакон барои ифшои ҳиссиёти худ ба душвориҳо дучор меояд. Аммо, дар раванди бозӣ онҳо бо тамоми эҳсосоти дохиливу берунӣ мехоҳанд бар рақибон ғолиб оянд ё он бозие, ки бо истифода аз тахайюл эҷод кардаанд, аксуламали худро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, кӯдакон бо тамоми ҳастӣ ва эмотсия ба фаъолияти бозӣ машғул мегарданд.

Инкишофи шуури инсон дар фаъолият сурат мегирад. Барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти пешбаранда бозӣ мебошад. Маҳз дар он равандҳои равонӣ инкишоф ёфта, шаклҳои нави муносибат ва фаъолияти пешбарандаи давраи оянда ба вуҷуд омада, шахсият ташаккул меёбад.

Бозӣ як падидаи бисёрҷанба буда, онро метавон ҳамчун шакли махсуси мавҷудияти тамоми паҳлӯҳои ҳаёти даста бидуни истисно баррасӣ кард.

Дар инкишоф ва тарбияи кӯдакон бозӣ муҳимтарин намуди фаъолияти кӯдакон нақши бузург дорад. Ин воситаи самараноки

ташаккули шахсияти кӯдаки синни томактабӣ ва сифатҳои маънавию ахлоқӣ мебошад.

Бозӣ ба монанди ҳама гуна фаъолияти ғайрибозии инсон аз муносибат ба ҳадафҳое, ки барои шахс муҳимият доранд, бармеангезад. Дар бозӣ танҳо амалҳое иҷро карда мешаванд, ки мақсадҳои онҳо баҳри қонеъ кардани талаботи дохилии шахс нигаронида шудаанд.

Хусусияти бозӣ дар он аст, ки амали бозӣ ангезаҳои гуногуни фаъолияти инсонро ба шӯр оварда, маромнокиро ба маротиб дучанд мегардонад. Бозӣ як роҳи амалӣ сохтани ниёзҳо ва дархостҳои кӯдак дар доираи имкониятҳои ӯ мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки маромнокӣ (мотиватсия) барои иҷрои амалҳо дар раванди бозӣ нақши муҳим дорад. Маромнокиро метавон ҳамчун ҳиссиёти дохилии шахс тавсиф кард, ки ӯро ба анҷом додани ҳама гуна амал ташвиқ мекунанд. Маромнокӣ эҳсоси махсуси ботинӣ буда, шахсро барои иҷрои амал водор мекунад[29, С.19].

**Шаклҳои маромнокии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозиҳо**

Нақшаи №3.

| Ҷанбаҳои манфӣ | Ҷанбаҳои мусбат |
|---|---|
| Эҳсоси шарм | Аз натиҷаи бозӣ ифтихор намудан |
| Тарс аз ҷазои дарпешистода | Эҳсоси лаззат аз бозӣ |
| Тозиёна ҷазо медиҳанд | Боварӣ ба қобилиятҳо |
| Сарзаниш мекунанд | Қаноатмандӣ аз натиҷа |
| Дар гӯшаи синф рост мегузоранд | Сила кардани сар |
| Бо дӯстон дигарбора бозӣ кардан намемонанд | Ҳамчун намуна ба дигарон муаррифӣ кардан |

Аз таҳлилҳои адабиёти писхологию педагогӣ ошкор гардид, ки ду намуди маромнокӣ вуҷуд дорад:

- дохилӣ;

- берунӣ.

Маромнокии ботинӣ ин хоҳиши самимии кӯдак ба кор ё амале мебошад. Яъне, кӯдакро касе барои анҷом додани амалҳо маҷбур намекунад ва онҳо дар назди касе ухдадору вазифадор нестанд.

Маромнокии беруна бо ҳама гуна сабабҳои дигар барои анҷом додани коре алоқаманд аст. Яъне, кӯдакон барои анҷом додани кор мехоҳанд, ки ҳавасманд гардонида шаванд.

Бояд қайд кард, ки агар маромнокӣ дар шахс вуҷуд надошта бошад, ӯ ба ҳеҷ чиз эътибор намедиҳад. Маромнокӣ шахсро маҷбур месозад, ки амалеро бахри пешрафт, ҳавасмандӣ ва қонеъ кардани талаботи худ анҷом диҳад.

Шарти муҳими маромнокӣ дар бозӣ ин ба даст овардани ғолибият, лаззат бурдан аз он, шодӣ ва хурсандӣ кардан мебошад.

Ба андешаи мо якчанд намуди маромнокие вуҷуд доранд, ки кӯдакон ба фаъолияти бозӣ машғул мегарданд. Аз ҷумла:

- таваҷҷуҳи кӯдакон ба ҷаҳони калонсолон. Кӯдакон одатан ҳама чизро мехоҳанд мисли калонсолон анҷом диҳанд. Хоҳиши мисли калонсолон будан (падару модар, педагог, мураббӣ ва ғайра) ӯро дар бозии накшбозӣ роҳнамоӣ мекунад;
- маромнокии бозӣ. Онҳо дар ҷараёни азхудкунии фаъолияти бозӣ пайдо мешаванд, ки бо хоҳиши мисли калонсолон рафтор кардан алоқаманданд;
- маромнокии худнишондиҳӣ ва ифтихор. Худро ҳамчун шахсият дар байни коллектив нишон додан. Мисли калонсолон рафтор кардан дар кӯдакон пайдо мегардад;.
- маромнокӣ барои барқарор кардан ва нигоҳ доштани муносибатҳои мусбӣ бо кӯдакон ва калонсолон. Барои кӯдакон муносибати хуб аз ҷониби дигарон муҳим мебошад, аз ин рӯ, онҳо мекӯшанд, ки муҳаббат, таъриф ва тавсифро аз дигарон шунаванд;
- маромнокии маърифатӣ ва рақобатӣ;
- маромнокии ахлоқӣ ва ҷамъиятӣ .

Синни томактабиро метавон марҳилаи инкишофи мунтазамӣ ва равонии кӯдакон ҳисоб кард. Маҳз, дар ин синну сол тағйирот ва инкишофи тамоми паҳлӯҳои кӯдакон ба назар мерасад. Дар ин давра дараҷаи дифферентсиалии идрок баланд мешавад. Дар ин синну сол гузариши кӯдак аз истифодаи тасвирҳои муайяни объективӣ ба истифодаи меъёрҳои бевоситаи ҳиссиётӣ, ки дар бораи хосиятҳои асосии ашё ва падидаҳо аҳамияти махсус доранд, амалӣ мегардад.

Тавре ки педагог С.В. Еманова қайд мекунанд: «Дар синни томактабӣ рушди субъективӣ, қобилияти ишғол кардани мавқеи фаъол дар намудҳои гуногуни фаъолият, гузоштани мақсадҳои муайян, ангезаҳо, рафтор, мустақилона амал кардан ва баҳо додан ба натиҷаҳо мушоҳида мешавад» [45, С.22].

Дар инкишофи хотираи кӯдакони синни томактабӣ низ тағйрот сурат мегиранд. Хотираи кӯдакони синни томактабӣ бо хусусияти ғайриихтиёрӣ хос аст. Кӯдакон ҳодисаҳои дидашуда ва он чизҳое, ки барои ӯ бештар муҳимият доранд, беҳтар ба ёд меоранд. Ҳаҷми маводи дар хотир сабтшуда аз бисёр ҷиҳат бо муносибати эмотсионалӣ ба падида ё ашёи дидашуда муайян карда мешавад. Дар синни томактабӣ инкишофи хотираи ихтиёрӣ низ инкишоф меёбад. Шаклҳои алоҳидаи ин азхудкуниро дар кӯдакони синни чор-панҷсола метавон мушоҳида кард, вале ҳифзи ихтиёрӣ дар синни шаш ё ҳафтсолагӣ ба рушди назаррас мерасад. Аз бисёр ҷиҳат ин ҳолат бо фаъолияти бозии кӯдаки синни томактабӣ мусоидат мекунад, ки дар доираи он қобилияти дар хотир нигоҳ доштан ва такрори баъзе маълумот дар як вақт ҳамчун яке аз шартҳои муҳимтарини ноил шудан ба муваффақиятҳо ба шумор меравад.

Инкишофи тасвирҳои тахайюлии кӯдакон дар ин синну сол ба дараҷаи хеле баланд мерасанд. Давраи кӯдакии томактабиро метавон давраи ташаккули фаъоли психикӣ ва равандҳои инкишофи шахсӣ низ номид. Шаклҳои нави баландсифат бо таъсири омилҳои зиёд – гуфтор ва муоширaт бо калонсолон ва ҳамсолон, бо шаклҳои гуногуни маърифат

ва тавассути ҷалби кӯдак ба фаъолиятҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба мутобиқшавии самарабахши кӯдакон ба шароити иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ҳаётӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин шаклҳои ибтидоии психика, идрок ва ҳиссиёт низ инкишоф меёбанд.

Аз ҳама фаъолиятҳо ва машғулиятҳо барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти бозӣ писандида ва мақбули онҳо мебошад. Асосан, бозӣ фаъолияти махсусе мебошад, ки дар он кӯдакон воқеияти атрофро инъикос намуда, донишро тақвият бахшида, онро бо рафиқон мубодила мекунанд.

Тавре муҳаққиқон Т.В. Газизова ва З.У. Колоколникова қайд мекунанд: «Бозӣ як шакли азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, роҳи коркарди таассурот ва донишҳои аз ҷаҳони беруна гирифташуда мебошад. Бозӣ хусусияти тафаккур, тасаввурот, эҳсосот, фаъолият ва эҳтиёҷоти инкишофёбанда ба муоширати кӯдаконро равшан зоҳир мекунад»[40,С.118].

Бояд қайд кард, ки намудҳои ҷудогонаи бозиҳо ба рушди рӯҳии кӯдакон бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонанд:

- бозиҳои нақшбозӣ тасаввуротро дар бораи муҳити атроф васеъ карда, ба инкишофи муоширати шифоҳӣ мусоидат мекунанд;

- бозиҳои драмавӣ ва саҳнавӣ ба дарки амиқтари асарҳои бадеӣ кумак карда, суханро фаъол мегардонанд;

- бозиҳои ихтироъкорӣ ва сохтмонӣ қобилиятҳои созандагиро инкишоф дода, донишҳоро дар бораи шаклҳои геометрӣ ва муносибатҳои фазоӣ васеъ мекунанд.

Бозӣ яке аз падидаҳои пурасрор ва муъҷизаовар барои кӯдакон мебошад. Ҳар як шахс чӣ будани бозиро медонад, вале ба шарҳ додани моҳият ва муайян кардани таъсирҳои равонии он мушкилӣ мекашад. Баъзе муҳаққиқон онро ҳамчун роҳи эстетикӣ ва ба ин васила инсонгардонии шахс, дигарон ҳамчун воситаи муошират, бархе ҳамчун

механизми мантиқӣ, дигарон ҳамчун воқеияти забонӣ, қисме ҳамчун падидаи фарҳангӣ ва баъзе ҳамчун алгоритми математикӣ медонанд.

Аз ин рӯ, барои ошкор кардани моҳият ва барои чӣ пурасрор будани он як қатор таърифҳои бозиро дар педагогикаи муосир, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа баррасӣ хоҳем кард.

Моҳияти бозиро дар раванди иҷтимоишавии кӯдакон психолог Л.Виготский дар асарҳои худ қайд кардааст. Ба ақидаи ӯ, бозӣ аввалан рафтори оқилона ва бошууронаро дар ниҳоди кӯдакон таълиму тарбия дода, тафаккури онҳоро ташаккул медиҳад. Инчунин, барои омода кардани кӯдакон ба ҳаёти оянда замина мегузорад [33, С.202].

Бозӣ фаъолиятест, ки дар он рафтору кирдор дар асоси самтгирии муайян ташаккул ва такмил меёбад. Ба тариқи дигар бозӣ як фаъолияти озод аст, ки воситаи худшиносии субъект буда, ба қонеъ гардонидани талабот ба дилхушӣ, лаззату оромиш, рафъи стресс, инчунин ташаккули маҳорату малакаҳои муайян нигаронида шудааст. Бозӣ бо майли шахс ба донистани чизи номаълум ва қонеъ кардани ҳиссиёти кунҷкобонаи ӯ алоқаманд аст. Бозӣ ба азхудкунии ҷаҳони атроф ва эҷоди воқеияти нави шартӣ ва ба тасаввурот озодӣ бахшидан водор мекунад. Бозӣ як соҳаи муоширатест, ки одамонро бо мақоми гуногуни иҷтимоӣ муттаҳид мекунад, инчунин як роҳи фароғат ва вақтхушӣ мебошад.

Педагог Ю.Г Бринзарей чунин мешуморад, ки бозӣ дар синни томактабӣ муҳимтарин фаъолият ба ҳисоб меравад. Дар солҳои аввали таҳсили кӯдакон дар муассисаҳои таълимӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Дар бозиҳо шарти воқеӣ аз рӯйи вазъият, фазо ва вақт вуҷуд надорад. Кӯдакон офарандаи имрӯзу оянда мебошанд [20, С.4].

Низоми қоидаҳо фазои мушаххаси бозиро ба вуҷуд меорад, ки воқеияти ба истилоҳ «шартӣ» пайдо мегардад. Воситаи муҳими педагогии танзими муносибатҳои байни кӯдакон ва омӯзгорон бозӣ мебошад. Моҳияти он дар қобилияти инъикос кардан ва тағйир додани воқеият аст.

Бозиҳо зуҳуроти ҷамъиятиву таърихӣ буда, намуди мустақими фаъолияти ба инсон хос мебошанд. Бозиҳои миллии тоҷикӣ, ҳамчун бозиҳои халқҳои дигар вобаста ба машғулияти сокинони ин ё он ноҳия ташаккул ёфтаанд. Маводи таърихӣ ва этнографӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бозиҳо дар ҳаёти одамон нақши муҳимро мебозанд. Тоҷикон аз давраҳои қадим бозиҳои гуногунро истифода мебурданд. Ин ба як системаи таърихии тарбияи ҷисмонӣ мубаддал гашта буд. Бо мурури замон бозиҳо шаклу намудҳои навро мегирифтанд. Дар давраи муосир барои инкишофи кӯдакон бозиҳои ачдодии рангу тобиши миллӣ дошта аҳамияти бузург доранд [149].

Дар бозӣ бори аввал талаботи кӯдакон барои таъсир расондан ба муҳити атроф зоҳир ва ташаккул меёбад. Фаъолияти бозӣ як фаъолияти мустақилест, ки дар он кӯдакон бо ҳамсолони худ муоширатро барқарор карда, раванди педагогии онро таъмин мекунанд. Кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти муштараки бозӣ бо ҳадафи ягона, кӯшишҳои якҷоя барои ноил шудан ба ҳадафи бозӣ, таҷрибаҳо, инчунин манфиатҳои умумӣ муттаҳид мешаванд. Кӯдакони синни томактабӣ метавонанд бозиро интихоб кунанд, онҳо фаъолияти бозиро худашон ташкил мекунанд. Дар баробари ин, дар ягон машғулиятҳои дигари кӯдакон ин қадар қоидаҳои қатъӣ ва шартнок будани рафтори иштироккунандагон дида намешавад. Аз ин рӯ, фаъолияти бозӣ кӯдаконро меомӯзонад, то фаъолияти худро ба ҳадафҳои мушаххас равона гардонида, танзими рафторҳоро назорат кунанд.

Дар раванди фаъолияти бозӣ кӯдакон худро ҳамчун аъзои коллектив эҳсос карда, ба рафтору кирдору амалҳои инфиродии худу дигарон баҳои сазовор дода метавонад. Вазифаи педагог аз он иборат иборат аст, ки таваҷҷуҳи кӯдаконро ба чунин мақсадҳое равона созад, ки боиси умумияти амалу ҳиссиёт гардида, ба барқарор намудани муносибатҳо дар коллектив мусоидат кунанд.

Намудҳои гуногуни фаъолияти бозӣ дар раванди таъмини инкишофи маърифатии кӯдакони синни томактабӣ вобаста ба шароити психологию педагогӣ вуҷуд доранд, ки дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳми назаррас доранд.

Педагог К.Д. Ушинский қайд карда буд, ки кӯдакон дар раванди бозӣ ашёи навро осонтар, нисбат ба дигар машғулиятҳо азхуд мекунанд. Ба андешаи ӯ сарҳади бозиҳоро дар раванди машғулиятҳои таълимӣ маҳдуд кардан лозим нест [111, С.12].

Яъне, дар машғулиятҳои таълимӣ истифода намудани бозиҳои гуногун ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Оғози инкишофи фаъоли зеҳнии кӯдаки синни томактабӣ бо ташаккули функсияи рамзии шуур алоқаманд аст, ки дар охири давраи соли сеюми ҳаёт ба амал меояд. Функсияи аломат ин қобилияти истифода бурдани як объект ҳамчун объекти дигар мебошад. Функсияи аломат дар ибтидо бо фаъолияти объективӣ инкишоф меёбад ва танҳо баъд ба истифодаи калимаҳо мегузарад, ки ба кӯдакон имкон медиҳад, ки суханҳои минбаъдаи худро фикр кунанд.

Барои он ки нутқи кӯдакони синни томактабӣ барои дигарон фаҳмою ҷолиб бошад, онро инкишоф додан лозим аст, ки ин тавассути бозиҳои гуногун бо назардошти талаботи кӯдакони ин синну сол таҳия шудаанд, имконпазир аст.

Бартарии бозӣ нисбат ба дигар фаъолияти кӯдакон дар он аст, ки дар он худи кӯдакон ба қоидаҳои муайян ихтиёран итоат мекунад ва маҳз татбиқи қоидаҳо лаззати манфиатбахш ба онҳо мебахшад. Аз ин рӯ, бозӣ амалан ягона соҳаест, ки кӯдакони синни томактабӣ метавонад ташаббус ва фаъолияти эҷодии худро нишон диҳанд.

Вақте ки кӯдакон бозӣ мекунанд, онҳо пайваста сухан мегӯянд, ҳатто агар танҳо бозӣ кунад ҳам, ашёро идора карда, суҳбатро ба вуҷуд меоранд.

Дар раванди бозиҳо нутқи диалогӣ рушд карда, кӯдакон ҷавобҳои кӯтоҳ ё дарозро мувофиқи савол истифода мебаранд. Ба андозаи муайян қобилияти тартиб додани саволҳо, эродҳои дахлдор додан, мушаххас ва пурра кардани ҷавобҳои рафиқон зоҳир мегардад. Қобилияти хеле пайваста ва возеҳ эҷод кардани ҳикояҳои тавсифӣ ва сюжетӣ дар мавзуи пешниҳодшуда пайдо мешавад [128, С.6].

Дар бозӣ кӯдакон таҷрибаи назаррасро ба даст меоранд. Дар раванди фаъолияти бозӣ кӯдакон образҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки бо калима алоқаманд аст. Бозӣ ва меҳнат барои зуҳуроти ташаббуси кӯдакон шароити мусоид фароҳам оварда, боиси ба шӯр овардани ангезаҳои онҳо мегарданд. Бо ашёи дар бозӣ истифодашаванда кӯдакон ба муоширати такрорӣ ворид гардида, хотира ва тахайюли худро тақвият мебахшанд.

Бозӣ ба кӯдакон ҳаловати рӯҳӣ, хурсандӣ ва шодӣ мебахшад, ки ин ҳиссиёт воситаи пурқуввате мебошанд, ки нутқро фаъол гардонида, фаъолияти мустақилонаи онро ба вуҷуд меоранд.

Бозиҳое, ки дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида мешаванд, ба дуруст талаффуз кардани овозҳо, калимаҳо, ибораҳо, суръат ва дарҳол шунидани нутқ мусоидат мекунанд.

Дар бозӣ кӯдакон ҳамчун шахс ташаккул меёбанд. Бозӣ он ҷанбаҳои равонии кӯдаконро инкишоф медиҳад, дар оянда барои онҳо зарурӣ арзёбӣ мегарданд.

Бозиҳо барои паст кардани фишори равонӣ ва ҷисмонӣ муҳим мебошанд. Ноқисиҳои нутқро дар синни томактабӣ хеле муҳим аст, зеро ин амалро баъдтар, дар вақти мустаҳкам шудани онҳо душвортар мегардад. Чунки синни томактабӣ давраи инкишофи пурҷӯшу хурӯши нутқ ва махсусан азхуд намудани талаффузи дурусти овоз ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки кӯдакон ҳатто бе маълумоти махсус аз хурдсолӣ ба сухан гуфтан ва эҷоди калимаҳои нав таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Аз

ин рӯ, омӯзиши мақсаднок барои бедор кардани шавқу рағбат ба забони модарӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, фароҳам овардани шароит ба ташаккули муносибати эҷодӣ ба сухан мусоидат менамояд. Барои инкишофи нутқи кӯдакон бозиҳои гуногун ва машқҳои оддӣ мавҷуданд, ки онҳоро дар роҳ ба боғча, ҳангоми сайру гаштҳо ё пеш аз хоб истифода бурдан ба манфиати кор хоҳад буд [56, С.2].

Бозиҳои кӯдакон чунин ҷанбаҳои инфиродии онҳоро рушд мебахшад:

- кӯдаконро ба муоширати бо ҳамдигар ташвиқ мекунад;
- малакаҳои истифодаи нутқи ташаббускориро мустаҳкам мекунад;
- тарзи гуфтор ва баёнро такмил медиҳад;
- захираи луғавиро ғанӣ мегардонад.

Дар фаъолияти бозиҳои кӯдакон фарҳанги муоширати шифоҳӣ, эҳсосот ва сифатҳои ахлоқӣ ва ақидаю андешаҳои ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

Бояд қайд кард, ки бозиҳои дидактикӣ дар тарбияи нутқи кӯдакон нақши бориз доранд. Бозиҳои дидактикӣ ба ду навъ тақсим мешаванд:

- шифоҳӣ;
- бо ашё дар рӯйи миз.

Дар бозиҳои дидактикӣ дар баробари нутқ инчунин, рушди маърифатӣ низ роҳандозӣ мегардад, зеро онҳо барои васеъ кардани ғояҳо дар бораи воқеияти атроф, такмили диққат, хотира, мушоҳида ва тафаккур кумак мекунанд.

Тавре қайд кардем бозиҳо барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии кӯдакон мусоидат мекунанд. Дар раванди бозиҳо кӯдакон шаклҳои гуногуни гуфтор, синонимҳо, антонимҳо ва калимаҳои ҳамрадифро меомӯзанд. Дар муассисаҳои томактабӣ ташкил ва баргузор намудани бозиҳои лексикию грамматикӣ аз ҷумлаи «Шумо дар атроф чӣ мебинед?», «Се калимаро номбар кунед», «Кӣ чӣ кор мекунад?» ва ғайра

ба манфиати кор хоҳад буд. Чунин бозиҳо барои донистани номи ашё, сифату хусусияти онҳо ва тарзи талаффуз ба кӯдакон мусоидат мекунанд.

Дар раванди бозӣ кӯдакон тавассути тақсими нақшҳо дар байни ҳамсолон маҳорати суханронии ифодаи ҳамоҳангро инкишоф медиҳанд. Дар рафти бозиҳои нақшӣ захираи луғавӣ пурра ва фаъол мегардад, паҳлӯи синтаксисӣ, лексикӣ ва грамматикии нутқ ва муҳимтар аз ҳама, ифоданокии нутқ ташаккул меёбад [73, С.24].

Инчунин, бозиҳо бо калимаҳо низ барои ташаккули қобилиятҳои кӯдакон муҳим мебошанд. Мисол, бозии «Оё ин дуруст аст ё не?», «Анҷоми афсонаро фикр кунед», «Ҷумларо ба итмом расонед», «Ҳикояи тавсифӣ созед» ва дигар кӯдаконро ба такрор нақл кардан, мустақилона аз рӯи намуна ҳикоя эҷод кардан, аз рӯйи ҷадвали пешниҳодгардида сюжет офаридан, донистани муаммоҳоро меомӯзонанд.

Дар бозиҳо кӯдакон бо ҳамсолон муоширати дурустро ёд мегиранд, калимаҳои нав ва дуруст сохтани ҷумлаҳоро меомӯзанд. Аз ин рӯ, бозӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти кӯдаки синни томактабӣ буда, самаранокии он аз педагог ва ҷонибдорию дастгирии волидон вобастагии калон дорад.

Бояд қайд кард, ки бозиҳо ба равандҳои равонии кӯдакони синни томактабӣ, махсусан, ба тафаккур мусоидат мекунанд. Файласуф, физик ва математики фаронсавӣ Декарт гуфта буд: «Ман фикр мекунам, пас ман зинда ҳастам» [165].

Тафаккур раванди олии маърифатӣ ва вазифаи майнаи сар мебошад. Ин як шакли инъикоси эҷодӣ ба шумор меравад.

Ба таври шартӣ се намуди тафаккур бо ҳам алоқаманд аст:

- тафаккури аёнӣ-таъсирбахш. Як намуди тафаккурест, ки дар он амалҳои амалӣ бо предметҳои моддии воқеӣ бартарӣ доранд;

- тафаккури аёнӣ-образӣ, ки бо такя ба ғояҳо ва тасвирҳо хос буда, дар тӯли ҳаёт инкишоф меёбад;

- тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ - як намуди тафаккурест, ки бо ёрии амалҳои мантиқӣ бо мафҳумҳо сурат мегирад.

Инкишофи тафаккур дар синни томактабӣ ин гузариш аз аёнӣ-таъсирбахш ба аёнӣ-образӣ ва дар охири давра ба тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ мебошад. Амалиёти шифоҳӣ-мантиқӣ хусусияти маъноии фаъолияти зеҳнии кӯдаки синни томактабиро муайян мекунад. Инкишофи тафаккур дар синни томактабии калонсол бо таҳлили нақшавӣ, тафриқаи умумӣ ва қобилияти умуми кардан фарқ мекунад.

Бозиҳои дидактикӣ бо предметҳо аз ҷиҳати истифодаи ашёи бозӣ хеле гуногунанд. Ба сифати маводи дидактикӣ бозичаҳо, ашёи ҳақиқӣ (асбоби рӯзгор, ашёи дастрас ва ғайра), ашёи табиӣ (сабзавот, меваҷот, барг, тухм ва ғайра) истифода мешаванд.

Бозиҳо бо ашё имкон медиҳанд, ки вазифаҳои гуногуни таълимӣ ва тарбиявӣ ҳал карда шаванд. Яъне, дар раванди чунин бозиҳо донишҳои кӯдакон васеъ гардида, амалиёти равонӣ (таҳлил, синтез, муқоиса, фарқият, умумӣ, таснифот), такмили нутқ, рафтор, хотира ва диққат ташаккул дода мешаванд.

Бозиҳои рӯйимизӣ ҳам дар ташаккули равандҳои равонӣ нақши босазо доранд. Бозиҳои рӯйимизӣ аз рӯйи мундариҷа, вазифаҳои омӯзишӣ ва тарҳрезӣ гуногунанд. Онҳо ба аниқ ва васеъ намудани ақидаҳои кӯдакон дар бораи олами гирду атроф, ба низом даровардани донишҳо ва  инкишоф додани равандҳои тафаккур ёрӣ мерасонанд.

Бояд гуфт, ки тафаккур баландтарин сатҳи шинохти шахс дар бораи воқеият аст. Асоси эҳсосии тафаккурро ҳиссиёт, дарк ва фаҳмиш ташкил медиҳанд. Тавассути узвҳои ҳиссиёт, ки инҳо ягона воситаи алоқаи байни бадан ва ҷаҳони беруна мебошанд, иттилоот ба майнаи сар ворид мешавад. Мазмуни иттилоотро майнаи сар коркард мекунад. Шакли мураккабтарини коркарди ахборот фаъолияти тафаккур мебошад. Тафаккур вазифаҳои зеҳниеро, ки ҳаёт дар назди шахс мегузорад, хал

карда, хулоса мебарорад, моҳияти ашёю ҳодисаҳоро мефаҳмад, қонунҳои алоқаи онҳоро кашф мекунад ва дар ҳамин асос оламро дигар мекунад.

Инкишофи амалиёти равонӣ боиси ташаккули тафаккури дедуктивӣ мегардад, ки он ҳамчун қобилияти ба зиддиятҳо наафтидан ва бо ҳам мувофиқ кардани ҳукмҳои худ фаҳмида мешавад. Дар аввал кӯдак, гарчанде ки ӯ бо мавқеи умумӣ амал мекунад, онро асоснок карда наметавонад ё асосҳои тасодуфӣ медиҳад. Тавассути рушди тафаккур оҳиста-оҳиста ба хулосаҳои дуруст мебарояд [140, С.9].

Тавре дар боло зикр кардем, дар фаъолияти бозӣ ташаккули идрок, тафаккур, хотира ва нутқ ба амал меоянд, ки бе инкишофи кофии онҳо дар бораи тарбияи шахсияти комил сухан рондан мумкин нест. Дараҷаи инкишофи тафаккури кӯдакро хусусияти фаъолияти ӯ ва сатҳи зеҳн, қобилият ва ташаббусҳо муайян мекунад. Ҳама гуна фаъолияти кӯдакон ба ҳалли мушкилоти мушаххас нигаронида шудааст. Вазифаҳои амалие, ки кӯдакон дар фаъолияти бозӣ бояд ҳал кунанд, аз вазифаҳои таълимӣ фарқ мекунанд. Мазмуни вазифаҳои бозиро худи ҳаёт, муҳити кӯдак, таҷриба ва дониши ӯ муайян мекунад.

Кӯдакон дар раванди фаъолиятҳо таҷриба ва малакаҳоро бо дастгирии педагогҳо, мураббиён, падару модар аз худ мекунанд. Донишҳои гуногун ва таассурот олами маънавии ӯро ғанӣ мегардонанд, ки дар раванди бозӣ зоҳир мегарданд. Мисол, кӯдакон бо лӯхтакчаҳо бозӣ карда, дар як вақт бо ӯ сухан мегӯянд, дастҳояшро мешӯянд, хӯрок мехӯронанд, либосҳояшро оро медиҳанд ва ғайра. Ин амалҳо маънои онро доранд, ки кӯдакон мушкилоти бозиро дар сатҳи баланди зеҳнӣ ҳал карда, дар тафаккури худ рафтори ояндаи бозиро тарҳрезӣ мекунанд.

Хусусияти бозиҳо дар он аст, ки дар онҳо ҳадаф дар шакли хаёлӣ ва шартӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз ҳадафи амалӣ бо номуайянии натиҷаи интизорӣ ва ихтиёрӣ фарқ мекунад.

Вақте ки сатҳи зарурии тафаккур ташаккул меёбад, кӯдак метавонад симои шахси дигарро иваз кунад, яъне нақшро ба уҳда гирад ва мувофиқи мундариҷаи он амал кунад.

Моҳияти фаъолияти бозӣ дар рушди ҳавасмандии кӯдак ва ташаккули омодагии иҷтимоии ӯ ба мактаб бузург аст. Бозӣ асосҳои ахлоқии донишҷӯйи ояндаро фаъолона ташаккул медиҳад.

Моҳияти дигари фаъолияти бозӣ дар он аст, ки он барои ташаккули муҳити кӯдакон имкониятҳои бештар муҳайё месозад. Маҳз, дар бозӣ ҳаёти иҷтимоии кӯдакон пурратар фаъол мешавад. Бозиҳо ба кӯдакон дар марҳилаҳои аввали рушд имкон медиҳанд, ки мустақилона шаклҳои гуногуни муоширатро эҷод кунанд. Дар бозиҳо равандҳои равонӣ аз соддатарин сар карда, бо мураккабтарин ба охир мерасанд, фаъолона ташаккул ё аз нав сохта мешаванд. Дар бозиҳо кӯдакон бо мақсади бошуурона аз ёд кардан ва ба хотир оварданро нисбат ба машғулиятҳои дигари синфӣ ташаккул медиҳанд. Дар фаъолияти бозиҳо, махсусан, барои инкишофи зеҳн, яъне гузаштан аз тафаккури аёнӣ - таъсирбахш ба унсурҳои тафаккури шифоҳӣ - мантиқӣ шароити мусоид фароҳам меояд. Маҳз, дар бозиҳо кӯдакон қобилиятҳои эҷоди системаҳои умумии тасвирҳо ва падидаҳои маъмулиро инкишоф медиҳанд, ки онҳоро минбаъд дар амал татбиқ менамоянд.

Тавре қайд кардем дар раванди фаъолияти бозӣ намудҳои ҷадиди фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ ба вуҷуд меоянд. Дар бозӣ фаъолияти бадеӣ низ ҷой доранд, ки минбаъд барои пайдоиши унсурҳои меҳнатӣ замина мегузорад. Кӯдакон дар бозӣ кушиш мекунанд, ки аз сатҳи рафтори муқаррарии худ ҷаҳида баланд шаванд.

Дигар шарт ва моҳияти бозиҳо дар он аст, ки ҳангоми бозиҳо маромнокӣ дар кӯдакон афзуда, ангезаҳо ва нигарониҳо барои иштирокчиён ба назар мерасанд. Ин  ангезаҳо ва нигарониҳо раванди бозиро боз ҳам ҷолиб намуда, кӯдаконро ба ваҷд меоранд, ки ин ҳолат

бозиро боз ҳам диданӣ ва дилчасп менамояд. Бозӣ, ба монанди ҳама гуна фаъолияти ғайрибозии инсон, аз муносибат ба ҳадафҳое, ки барои шахс аҳамият доранд, бармеангезад. Дар бозӣ танҳо амалхое иҷро карда мешаванд, ки мақсадҳои онҳо аз ҷиҳати мазмуни дохилии худ барои шахс аҳамияти калон доранд. Ин хусусияти асосии фаъолияти бозӣ ба шумор меравад. Хусусияти дигари бозиҳо дар он аст, ки амали бозиҳо маромнокии (мотивҳои) гуногуни фаъолияти шахсро амалӣ менамояд.

Хусусияти дигари бозӣ ин аст, ки дар раванди бозӣ имкони иваз кардани маводҳои он вуҷуд дорад. Масалан, кӯдакон метавонанд чубро ҳамчун асп ё курсиро ҳамчун нақлиёт истифода намоянд.

Дар бозӣ дуршавӣ аз воқеият вуҷуд дорад, аммо воридшавӣ ба он низ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҳар он чизе, ки дар раванди бозӣ мавриди истифода қарор мегирад, аз воқеият бармеояд. Дар баъзан ҳолат бошад, бозӣ аз ҳудуди воқеият дур шуда, тахайюлан образҳо офарида мешаванд.

Дар синни томактабӣ кӯдакон дар рафти бозиҳо барои ташаккули минбаъдаи худ дониш ва малака мегиранд. Машғулияти муҳими кӯдакони синни томактабӣ бозиест, ки дар он кӯдакон фаъолият ва муносибатҳои калонсолонро тақлид мекунанд. Дар инкишофи равонии кӯдакони синни томактабӣ дигар намудҳои фаъолияти онҳо ба мисли: эҷодкорӣ, аёнӣ, ихтироъкорӣ, шунидани афсонаҳо, шаклҳои ибтидоии меҳнат ва ғайра саҳми бештар доранд.

Таҳлилҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки бозӣ ҳаёти кӯдак аст. Дар бозӣ мисли ҳаёт, мушкилоти муваққатӣ вуҷуд доранд, аммо аксар вақт арзиши асосӣ дар онҳост. Маҳз, дар рафъи душвориҳо хислат ва рафтори кӯдакон ташаккул меёбанд. Дар раванди бозиҳо эҳтиёҷ ба ёрӣ ва дар мавридҳои зарурӣ ба дигарон ёрӣ додан ба миён меоянд. Бозиҳои шавқовар лаззати хубу фараҳбахшро ба вуҷуд меоранд, ҳаёти кӯдаконро мукаммал ва талаботи онҳор қонеъ мегардонанд.

Ба кӯдакон бояд бозӣ кардан омӯзонида шавад. Чунки бозӣ фаъолиятест, ки мақбули кӯдакон буда, педагог метавонад барои

таълиму тарбия додани онҳо аз амалҳо, усулҳо ва воситаҳои гуногун истифода намуда, раванди педагогиро ба роҳ монад.

Тавре ки педагогҳо М.М. Конторович ва Л.И. Михайлова қайд мекунанд: «Барои он ки бозиҳо ба кӯдакон таъсири мусбати тарбиявӣ дошта бошанд, танҳо истифода бурдани дастурҳо кифоя нест. Зарур аст, ки худи мураббиён ва педагог ба бозӣ шавқу ҳавас дошта бошад ва ҳар ду мураббие, ки дар як гурӯҳ кор мекунанд, нисбат ба кӯдакон як хел талабот пешниҳод кунанд» [72, С.28].

Чунин мушкилиҳо дар ин раванд вуҷуд доранд:

- кӯдакон худашон бозӣ мекунанд;
- намехоҳанд ва намедонанд чӣ гуна бозичаҳоро мубодила кунанд;
- дар бозӣ кӯдакон худхоҳона муносибат мекунанд;
- кӯдакон байни худ ҳамдигарфаҳмӣ надоранд.

Сабаби ин дар он аст, ки дар хона кӯдак аз ҳамсолон ҷудо мешавад. Ба он одат кардааст, ки тамоми бозичаҳо танҳо ба ӯ тааллуқ доранд, ҳама чиз ба ӯ иҷозат аст, дар хона касе чизе аз ӯ намегирад. Ва бо омадан ба муассисаи томактабӣ, ки дар он ҷо кӯдакони зиёде ҳастанд, мехоҳанд бо ҳамон бозичаи ӯ бозӣ кунанд. Аз ин рӯ, муноқишаҳо ва нофаҳмоиҳо бо ҳамсолон рух медиҳанд.

Барои он, ки кӯдакон оромона аз муҳити хонагӣ ба муассисаи томактабӣ гузаранд, ташкили фазои оромонаву дӯстона дар байни кӯдакон ташкил кардан лозим аст. Яке аз чунин воситаҳо бозӣ ба шумор меравад, ки ҳамчун як шакли муттаҳидшавӣ ва ташкили ҳаёти кӯдакон дониста мешавад.

Муносибатҳои дӯстона шарти зарурии инкишофи умумии рӯҳии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Ин ҳолатест, ки дар он зарурати муошират бо ҳамсолон талаботи муҳими иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ мегардад [163, С.19].

Иштирок дар бозиҳо ба ҳамдигар наздик шудани кӯдаконро осон мегардонад ва ба пайдо кардани муҳити созгор мусоидат мекунад.

Инчунин, ба раванди таълиму тарбия ёрӣ расонида, ба кори фикрӣ, ки барои таълим дар мактаб зарур мебошад, замина фароҳам меорад.

Дар синни томактабӣ азхудкунии донишҳои нав дар бозӣ назар ба машғулиятҳои дарсӣ хеле муваффақтар аст. Кӯдакон, ки саргарми бозӣ мегарданд, пай намебаранд, ки онҳо чизҳои навро омӯхта истодаанд.

Хусусияти дигари бозӣ ин ду ҷанба доштани он мебошад. яъне бозӣ ҳам ҷанбаи тарбиявӣ ва ҳам маърифатӣ дорад. Дар ҳар ду ҳолат, ҳадафи бозӣ на ҳамчун интиқоли дониш, балки ҳамчун инкишофи баъзе равандҳои равонӣ ва қобилиятҳои кӯдакон ба ҳисоб меравад.

Барои он ки бозӣ кӯдаконро саргарм ва ҷалб кунад, ба ҳар яки онҳо таъсири мусбат расонад, тарбиятгар, педагог ва мураббӣ бояд иштирокчии бевоситаи он гардад. Педагог бо рафтор ва муошírати эмотсионалии худ, кӯдаконро ба фаъолияти муштарак ҷалб карда, раванди бозиро барои онҳо муҳим ва пурмазмун мегардонад. Педагог ба маркази ҷалби бозӣ табдил меёбад, ки ин махсусан дар марҳилаҳои аввали шиносоӣ бо бозии нав муҳим мебошад [144].

Бозиҳо бо ҳама гуногунрангии худ барои кӯдакон бо мақсадҳои муайян пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла:

- кӯдакон дар раванди бозӣ аз муошират шодӣ мекунанд;
- имову ишора ва калимаҳоро барои баён кардани муносибати худ ба бозичаҳо ва шахсони дигар истифода мебаранд;
- фаъолияти мустақилонаи кӯдаконро рушд мебахшанд;
- амалҳои ташаббускории кӯдаконро дастгирӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, бозӣ воситаи хеле муассири ташаккули чунин хислатҳо ба монанди муташаккилӣ, худдорӣ, таҳаммулпазирӣ ва диққат мебошад. Бозӣ рафтори кӯдаконро танзим карда, беэътиноии онҳоро маҳдуд мекунад.

Барои кӯдакон бозӣ як роҳи худшиносӣ ва худнишондиҳӣ мебошад. Дар бозӣ онҳо метавонад он нақшеро офаранд, ки дар ҳаёти воқеӣ

буданашро орзу мекунанд. Маслан мехоҳанд муаллим, ронанда, табиб, сохтмончӣ ва дигар бошанд.

Моҳияти бозӣ дар он аст, ки кӯдакон донишҳои навро азхуд карда, фаҳмишҳои аллакай доштаашонро такмил медиҳанд. Дар бозӣ бо истифода аз ҳисси кунҷкобона сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба мисли: ирода, далерӣ, чусту чолокӣ,  устуворӣ, масъулият ва қобилиятҳоро инкишоф медиҳад. Лаззати мусбати бозиҳо барои нигоҳ доштани табъи болида ва вақтгузаронии бофароғат мусоидат менамоянд.

Бесабаб нест, ки дар кӯдаконе, ки пеш аз мактаб фаъолона бозӣ мекунанд, психологҳо ва педагогҳо барвақттар ва бештар ташаккул ёфтани асосҳои таваҷҷуҳи ихтиёрӣ, хотира, тафаккур ва қобилияти амал кардан мувофиқи вазъиятро қайд мекунанд.

### 1.3. Нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кудакони синни томактабӣ

Ташаккули доираи маънавӣ-ахлоқӣ шарти муҳими тарбияи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ба ҳисоб меравад. Аз он ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон чӣ тавр сурат мегирад, на танҳо бомуваффақият дар мактаб хондани онҳо, балки ба ташаккули мавқеи ҳаётӣ низ таъсир мерасонад.

Нодида гирифтани моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар синни хурдсолӣ дар кӯдакон боиси нодуруст баҳо додан ба рафторҳои худ, танбалӣ, худбоварӣ ва худхоҳӣ мегардад.

Албатта, раванди шахсият шудан ва ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро ба синну сол маҳдуд кардан лозим нест. Чунки он дар тӯли ҳаёт идома ва тағйир меёбад. Новобаста аз он, асосҳое низ ҷой доранд, ки бе онҳо шахс дар ҷомеаи инсонӣ амал карда наметавонад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин асосҳо бояд дар синни хурдсолӣ дар ниҳоди шахс тарбия карда шаванд.

Мусаллам аст, ки синни томактабӣ бо афзоиши ҳассосият ба таъсироти иҷтимоӣ хос аст. Кӯдак вақте ба дунё меояд, ҳама чизи инсониро аз худ мекунад: тарзу усулҳои муоширати, рафтор, гуфтор ва ғайра. Аз ин муносибатҳо барои худ хулосаҳо ва натиҷаҳо мебарорад. Ва аз озмоиш ва таҳлили хатоиҳои содиршуда шахс метавонад дар ниҳоят меъёрҳои ибтидоии ҳаёти ҷомеаро аз худ кунад.

Устувории сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс аз он вобаста аст, ки онҳо чӣ гуна ташаккул ёфтаанд ва кадом механизм ҳамчун асоси таъсири педагогӣ истифода бурда шудааст.

Барои ташаккули ҳар як сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ аҳамиятнок аст, ки он бошуурона ба амал ояд. Аз ин рӯ, дониш ва фаҳмише лозим аст, ки дар асоси онҳо кӯдакон дар бораи моҳияти сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ,

дар бораи зарурат ва афзалиятҳои азхудкунии онҳо тасаввурот пайдо кунад.

Дар кӯдакон бояд хоҳиши азхуд кардани хислатҳои маънавӣ-ахлоқӣ пайдо шавад, яъне муҳим аст, ки ангезаҳои ба даст овардани чунин сифатҳо дар онҳо ба вуҷуд оянд.

Пайдоиши ангеза муносибат ба сифатҳоро ба миён меорад, ки дар навбати худ эҳсосоти иҷтимоиро ташаккул медиҳад. Эҳсосот ба раванди ташаккули шахсияти кӯдакон тарҳи дигар бахшида, барои пайдоиши сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ таъсир мерасонанд. Дониш ва ҳиссиёт зарурати татбиқи амалҳои кӯдакон гардида, дар рафтор, гуфтор ва муносибат зоҳир мегарданд.

Воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ асосан фаъолияти бозӣ, меҳнат, таълим ва тасвирӣ ба шумор мераванд. Ҳар як намуди фаъолият хусусияти хоси худро дошта, вазифаи тарбияро иҷро мекунанд.

Ба ақидаи педагог Н.Ч. Асророва: «Бозӣ ҳам машғулият ва ҳам вақтхуширо дар бар мегирад. Истифодаи бозиҳо ба мо имкон медиҳад, ки як масъалаи амалан хеле муҳимро, ки бо зарурати ташкили истироҳати психологӣ ва физиологӣ алоқамандананд, ҳал кунем. Шаклҳои бозӣ, махсусан дастаҷамъӣ, барои коркарди ҳолатҳои функсионалии равонӣ мувофиқанд»[7,С.305].

Дар муассисаҳои томактабӣ инкишофи кӯдакон, асосан, дар фаъолияти бозӣ бештар сурат мегирад. Педагогу психологҳо пайдоиши бозӣ ва мавқеи онро дар ҳаёти кӯдакон ва имконияти истифодаи самараноки бозиҳоро барои ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ мавриди назар қарор медиҳанд. Моҳияти иҷтимоии бозиҳо аз он вобаста аст, ки кӯдакон дар ҷамъият зиндагӣ мекунанд. Онҳо аллакай аз моҳҳои аввали ҳаёт кӯшиш мекунанд, ки бо дигарон муошират, саволу ҷавоб ва фаъолияти муштарак гузаронанд. Инчунин, бо истифодаи ҳисси

кунҷкобона мехоҳанд, иштирокчии фаъоли ҳаёти калонсолон бошанд. Ин тарзи рафтори онҳо махсусан дар бозиҳои гуногун бештар ба назар мерасанд. Дар бозӣ кӯдакон ба рафтори шахсони калонсол тақлид карда, ба ин васила ба ҳаёт ҳамроҳ мешаванд.

Психолог Б.Г. Ананиев чунин мешуморад, ки бозӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолият таърихи ба худ хоси инкишоф дошта, тамоми давраҳои ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Дар айёми наврасию ҷавонӣ ва ҳатто дар пиронсолӣ низ зуҳуроти он мушоҳида мешавад.

Психологҳо инро бо он шарҳ медиҳанд, ки бозӣ ниёзҳои дохилӣ ва манфиатҳои шахсро қонеъ мегардонад [8, С.214].

Таҳлилҳо педагогӣ ва омӯзиши мазмуну мухтавои бозиҳо дар кӯдакони миллатҳои гуногун нишон доданд, ки сарчашмаи асосии онҳо (бозиҳо) ҳаёти ҷамъиятӣ, шароити зиндагӣ, урфу одат ва анъанаву суннатҳои мардумӣ мебошанд.

Унсурҳои асосии сохтории бозӣ инҳо мебошанд:

- идеяи бозӣ;
- сюжет ё мундариҷаи бозӣ;
- амалҳои бозӣ;
- нақшҳо;
- қоидаҳои бозӣ.

Ин унсурҳо бо ҳам зич алоқаманданд ва бозиро ҳамчун як намуди фаъолият барои кӯдакон муайян мекунанд.

Мақсади бозӣ - кӯдакон чӣ хел ва чӣ гуна бозӣ мекунанд. Офаридани нақши милитсионер, духтур, ошпаз ва ронанда аз тарафи кӯдакон ба воситаи нутқ ифода ва дар худи амалиёти бозӣ инъикос меёбад.

Нақши бозиҳои гуногун дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бениҳоят калон мебошад. Бозиҳо чунин ҷанбаҳои шахсияти кӯдаконро рушд мебахшанд:

- тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим;

- ташаккули тасаввуроти кӯдак дар бораи хосиятҳои ашё;
- рушди нутқ;
- омӯзиши муҳити атроф;
- ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ:
- эҷодкорӣ ва ихтироъкорӣ;
- тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнатӣ;

Бозиҳо дар тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакон нақши бориз доранд. Дар низоми умумии ҷорабиниҳо оид ба тарбия ва таълими кӯдакон дар муассисаи таълимии томактабӣ, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаю мутаносиб ва ташаккули хислатҳои зарурии онҳо нигаронида шудаанд, тарбияи ҷисмонӣ яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Тарбияи ҷисмонӣ воситаи самарабахши инкишоф додани ҳаракатҳо ва қобилиятҳои бадан ба шумор рафта, ба ташаккули ахлоқ, руҳия ва тарзи ҳаёти солими кӯдакон мусоидат мекунад.

Ба андешаи муҳаққиқ Ғ. Абдураҳмонов: «Дар раванди машқҳои варзишӣ шахс таҷрибаи ҷисмониро афзун карда, инкишофи баъзе хусусиятҳоро, аз қабили: боварӣ ба худ, қатъият, истодагарӣ, худтанзимкунӣ ва далериро тақвият мебахшад. Махсусан мусобиқаҳои варзишӣ хислатҳои ахлоқӣ, эҳтиром ба калонсолон, ростқавлӣ ва поквиҷдониро тарбия мекунад» [2, С.246].

Тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои муҳимтарини нигоҳдории саломатӣ ва беҳдошти кӯдакон буда, сифати ҳаёти онҳоро муайян, ва ба беҳтар мутобиқ шудани организм ба талаботи иҷтимоию педагогии муассисаи томактабию ба тағйирёбии ҳолатҳои ҳаёти ҳаррӯза мусоидат мекунад. Тарзи ҳаёти солимро маҷмуи шароитҳои тиббӣ, гигиенӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муҳити зист муайян мекунад.

Ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ, маҳорат ва қобилиятҳои ҳаракатӣ бо инкишофи зеҳнӣ ва рӯҳии кӯдак ва бо тарбияи хислатҳои ахлоқӣ вобастагии зич дорад.

Вазифаҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ барои кӯдакони синни томактабӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Муҳофизат ва мустаҳкам намудани бадан ва саломатии кӯдакон.

2. Тарбияи хислатҳои ахлоқ, фаъолият ва мустақилият.

3. Муҳайё намудани шароит барои фаъолияти дурусти ҷисмонии кӯдакон.

4. Ташаккули ҳаракатҳои муҳими ҳаётӣ ба мисли: давидан, ҷаҳидан, хазидан, баромадан, партофтан, гирифтан ва ғайра.

5. Ташаккули тасаввурот ва донишҳо дар бораи манфиатҳои машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳо.

6. Баланд бардоштани шавқу рағбат ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ.

Дар кӯдакони синни томактабӣ аз хурдсолӣ одати риоя кардани реҷаи ҳаррӯзаро ташаккул додан ва эҳтиёҷот ба машқҳои ҷисмониро инкишоф додан, меҳру муҳаббат ба варзиш, шавқу ҳавасро ба натиҷаҳои хониш ва комёбиҳои варзишгарон парваридан лозим аст. Дар сурати дуруст ташкил кардани машқҳои ҷисмонӣ барои тарбияи хислатҳои мусбат ба мисли: муташаккилӣ, фаъолият, мустақилӣ, интизом, сифатҳои ахлоқӣ: ёрии ҳамдигарӣ, адолат, иҷрои супоришҳо, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар коллектив ворид гардидан шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Инчунин, барои зуҳуроти хислатҳои қавии иродагӣ, матонат дар бартараф кардани душвориҳо, далерӣ, қатъият, боварӣ ба худ ва устуворӣ шароит фароҳам меорад.

Ба андешаи педагог Ш.Б. Шарипов: «Дар таърихи фарҳанги миллӣ, ки варзиш ҷузъе аз он маҳсуб меёбад, обутоб додани бадан ва муҳимтар аз ҳама, таҳрики фикру андеша ҳадафи асосӣ дониста мешудааст. Аз ин ҷост, ки варзиш додани тафаккур ва зеҳн дар баробари тамрини бадан аз аслҳои фарҳанги варзишӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии бумӣ пазируфта мешавад. Варзиш додани тафаккуру зеҳн ба василаи бозиҳо дар тамаддуни ориёӣ мавқеи аввалиндараҷа доштааст» [170, С.176].

Тавре ёдрас гардидем тарбияи насли солим бо инкишофи мутаносиби сифатҳои ҷисмонӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои томактабӣ ва ҷомеаи муосир мебошад. Дар ҳар ҷомеае, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстиву демократӣ бунёд ёфтааст, саломатии инсон арзиши олӣ, муҳимтарин сарвати давлат буда, афзалияти баҳснопазир, гарави зиндагонӣ ва пешрафти ҷомеа мебошад.

Ғамхорӣ дар бораи ҳарҷониба инкишоф додани насли наврас бахусус, кӯдакони синни томактабӣ ҳамеша дар маркази диққати соҳаи маориф буд ва мемонад. Ҷузъҳои муҳими шахсияти комилан обутобёфтаи ҷисмонӣ инҳо мебошанд: саломатии хуб, тобоварӣ, ахлоқи ҳамида, чусту чолокӣ, боқувватӣ, устуворӣ ва ғайра. Тарбияи чунин сифатҳо бояд аз синни хурдсолӣ оғоз карда шавад.

Педагог Ш.А. Сафаров чунин мешуморад, ки: «Ба воситаи машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шахс аз лиҳози ҷисмонӣ зебову тавоно мешавад, тавассути машқҳои ҷисмонӣ рӯҳи инсон покизаву қавӣ ва дунёи иродатмандию маънавиёти он пурғановату мукаммал мегардад. Дар замири одами машқварзида иродаи қавӣ, иитизоми шоиста, солимии тафаккур ва мустақилияту фидокорӣ дар ҷодаи меҳнат, фаъолияти муташаккилу масъулиятшинос тарбия меёбад»[132, С.6].

Инкишофи ҷисмонӣ маҷмуи хусусиятҳои вазифавие мебошанд, ки имкон медиҳанд захираи қувваи ҷисмонӣ, устуворӣ ва фаъолияти организм муайян карда шавад. Давраи томактабӣ барои инкишофи ҷисмонӣ хеле муҳим мебошад. Ҳам падару модар ва ҳам мураббиёну педагогон бояд аз имкониятҳои ин синну сол бештар истифода бурда, барои инкишофи мутаносиби кӯдакон шароити мусоиди равонӣ ва ҷисмонӣ фароҳам оваранд, то ки онҳо тавоноии худро пурра дарк намоянд. Чунин шароитҳоро мураббиён ва педагогҳо метавонанд, дар раванди фаъолияти бозиҳои гуногун амалӣ созанд.

Ба ақидаи Н.В. Самоукина бозӣ фаъолияти эҷодӣ аст. Дар бозӣ шахсияти инсон эҷод мешавад, худсозии ӯ сурат мегирад. Олати чунин эҷод ё офариниш – муошират аст. Бозӣ тарзи аз ҳама зуд ва самараноки ба даст овардани таҷриба мебошад. Бозиро истифода бурда, мо раванди инкишофи кӯдак, ҷалбшавии ӯро ба арзишҳо метезонем ва тақвият мебахшем[39, С.265].

Бозиҳо барои кӯдакон хушҳолиро ба бор меоранд. Кӯдакон бозӣ карданро дӯст медоранд.  Тавассути бозиҳо кӯдакон ба ҳаёт омода гардида,  малака ва одатҳои муайян пайдо карда, таҷрибаи ҷамъиятиро аз худ мекунанд. Бозии кӯдакон машғулияти бефоида нест, балки воситаи педагогии муассири таълиму тарбия ба шумор меравад.

Дар бозиҳо кӯдакон қавиирода, маҳорат, тобоварӣ, ба худ эътимод пайдо кардан ва мустақилиятро меомӯзанд.

Бозиҳои серҳаракат яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи кӯдакон мебошанд. Онҳо воситаи комплексии тарбияи ҷисмонӣ ба шумор рафта, ба инкишофи ҳаматарафаи организми кӯдакон мусоидат мекунанд.

Фаъолияти бозӣ ба эътидол овардани равандҳои асаб, ташаккули сифатҳои ихтиёрӣ, инкишофи хотира, таваҷҷуҳ, зуҳури ташаббус, рушди қобилият мустаҳкам гардидани системаҳои дилу рагҳо ва нафаскашӣ, инкишофи ҳаракат ва фаъолшавии мубодилаи моддаҳоро тақвият мебахшад.

Инчунин, дар раванди бозиҳо узвҳои ҳисси кӯдакон аз ҷумла: шунавоӣ, ламс ва биноӣ ташаккул ёфта, ба фаъолияти маърифатӣ ва ҷисмонӣ замина гузошта мешавад. Бо гузашти айём бозиҳо пурмазмун мегарданд, вале мақсади он- дониши олам ва муҳит бетағйир мемонад.

Чун қоида, ҳар як падару модар мехоҳад, ки фарзандон аз ҷиҳати зеҳн, тафаккур, маърифат ва ақл зуд инкишоф ёбанд. Аз ин рӯ, ба ташаккули қобилияти устуворӣ, давидан, ҷаҳидан ва хазидан кам эътибор медиҳанд. Хуб мебуд волидон барои боз ҳам рушди кӯдакон аз ҳама воситаҳои таълиму тарбия, ки ба онҳо тарбияи ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим, рӯҳӣ ва равонӣ дохил мешаванд, истифода мебурданд.

Яке аз соддатарин, вале муфидтарин ҳаракатҳо давидан ба шумор меравад, ки ба инкишофи суръат, чолокӣ ва устуворӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми давидан ба кӯдакон қоидаҳои онро пеш аз дав ва баъди он фаҳмонидан лозим аст. Зеро, баъзан кӯдакон аз надонистани қоидаҳои оддӣ дар вақти давидан шинос нестанд ва боиси бемор гардидани онҳо шуда метавонад. Ба кӯдакон фаҳмонидан лозим ки:

- ҳангоми давидан ба масофаи дур яку якбора қувваи худро сарф накунанд. Оҳиста- оҳиста суръатро зиёд кардан лозим аст;
- пеш аз давидан ба кӯдакон либоси сабук пӯшидан лозим аст;
- баъди ба итмом расидани машғулият либосҳои худро фавран иваз кардан лозим аст;
- баъди машқҳои варзишӣ оби хунук нӯшидан лозим нест.

Бояд қайд кард, ки мукаммалсозии бадан ва инкишофи мутаносиби ҷанбаҳои физиологӣ дар асоси рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва қобилияти ҳаракатҳо ҳал карда мешавад.

Сифатҳои ҷисмониро тавсиф намуда, хусусиятҳои рушди онҳоро дар синни томактабӣ ошкор намуда, муайян гардид, ки сифатҳои ҷисмонӣ барои инкишофи ҷисмонӣ ва бадани кӯдакон аҳамияти калон доранд. Ташаккули сифатҳои асосии ҷисмонӣ дар робитаи зич бо ташаккули малакаҳои ҳаракат ба амал меояд. Машқҳое, ки ба рушди сифатҳои ҷисмонӣ нигаронида шудаанд, бо пайдарпаии қатъӣ татбиқ карда мешаванд, ки ба шаклҳои гуногуни фаъолият дохил мешаванд.

Нақши бозиҳо дар ташаккули тасаввуроти кӯдак дар бораи хосиятҳои ашё низ моҳияти калон дорад. Синни томактабӣ давраи шиносоӣ бо воқеияти атроф мебошад. Дар ин давра қобилиятҳои маърифатии кӯдакон босуръат инкишоф меёбанд. Кӯдакон ҷаҳони объективӣ ва ҳодисаҳои табиатро оҳиста-оҳиста аз худ карда, бо тариқи саволу ҷавоб ва ҳисси кунҷкобона онҳоро рушд мебахшанд. Дар давраи аввали хурдсолӣ дар кӯдакон захираи муайяни фаҳмишҳо дар бораи хосиятҳои гуногуни ашё пайдо мешаванд ва объектҳои навро дар раванди дарки онҳо муқоиса мекунанд.

Хусусияти хоси ҳама гуна бозӣ ин зухури эҷодкорӣ аст. Зеро, ҳангоми бозӣ кӯдакон на танҳо амали касеро нусхабардорӣ мекунанд, балки ба дигарон тақлид карда, фикру ақидаҳои худро инъикос мекунанд. Бо нишон додани эҳсосот ва эмотсияҳои худ, кӯдакон муносибатро ба объекти тасвиршуда нишон медиҳанд [143, С.14].

Яъне, ба ин васила кӯдакон муҳити атрофро мавриди омӯзиш қарор дода, сипас аз худ мекунанд.

Тасдиқи гуфтаҳои болоро мушоҳидаҳои педагогие, ки дар яке аз пойгоҳҳои таҳқиқот, аниқтараш дар муассисаи томактабии №55-и шаҳри Душанбе, дар гурӯҳи синни миёнаи томактабӣ (4 - 5 сола), ки мураббияи он Қодирова Саида буд, карда метавонанд. Ҳангоми роҳандозии бозии навбатӣ, ки аз тариқи расм кӯдакон ашёи дида ва мешинохтаи худро нишон медоданд, дар онҳо тарзи фикррронӣ ва инкишофи нутқ сурат мегирифт. Мураббӣ ба онҳо мурочиат карда мегуфт, ки «Бачаҳо ин ашёро дар куҷо шумо дидаед?». Кӯдакон бо хурсандӣ ҳар кадоме даст боло карда мегуфтанд, ки «Ман ин ашёро дар кӯча, дигаре дар бозор, дигаре дар хона дидаам». Албатта, чунин бозиҳо аввалан, ба кӯдакон хурсандӣ ва фараҳ бахшида, баъдан онҳоро водор мекард, ки дар бораи он ашё фикр, муқоиса ва хулосабарорӣ кунанд. Яъне, кӯдакон ҷаҳони воқеиро оҳиста-оҳиста аз бар ва фаҳмиш мекарданд.

Расми №1



Азхудкунии меъёрҳои рафтор, гуфтор, кирдор ва амалҳо аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ аз он оғоз меёбад, ки онҳо мувофиқи барномаҳои муассисаҳои томактабӣ бо шаклҳо ва рангҳои геометрии алоҳидаи ашё шинос мешаванд. Фаҳмиш ва дарки меъёрҳои ҳиссиётӣ дар натиҷаи амалҳои идрок ба таҳқиқи навъҳои шакл, ранг, андоза ва намуд ба амал меояд. Инчунин, дар ин раванд дар кӯдакон дарки муқоисаи хосиятҳои объектҳои гуногун, монандӣ ва якҷоякунӣ ба вуҷуд меояд.

Бе таълими махсуси дарки биноӣ кӯдакон одатан дар аввал танҳо баъзе намунаҳоро, аз қабили: шаклҳои доира, росткунҷа ва рангҳои гуногунро меомӯзанд, зеро ин шаклу рангҳо нисбат ба дигар фаҳмишҳо ба онҳо бештар маъмуланд. Баъди гузашти вақт дар кӯдакони синни томактабӣ донишҳо дар бораи хосиятҳои объектҳо пайдо мегарданд.

Такмили дарку фаҳмиш дар бораи рангҳо боиси фарқ кардани рангҳо ва дар ҷойи мувофиқ ҷой кардани онҳо пайдо мегардад. Илова бар ин, дар кӯдакон ҳисси андоза: дарозӣ, паҳноӣ ва баландӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин фаҳмишҳоро кӯдакон дар ҷараёни фаъолияти амалии ҳаррӯза ба мисли: машғулиятҳои тасвирӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, варзишӣ ва бозӣ ба даст меоранд.

Дарк, хотира, диққат ва тафаккури кӯдакон дар ҷараёни амалҳои объективӣ ташаккул меёбанд. Тафаккури кӯдакони хурдсол асосан хусусияти тасвирӣ-таъсирбахшӣ доранд. Дар баробари ин намуди тафаккур чунин шаклҳои он ба монанди тафаккури тасвирӣ ва рамзӣ низ инкишоф меёбанд.

Таҷрибаи дарки шакли ашё ва фигураҳои геометриро кӯдакон дар бозиҳо бо ашё ва мозаика ва дар раванди фаъолияти тасвирӣ коркарди фигураҳои геометрии гуногунро аз худ мекунанд. Дар бозиҳо бо реги тар кӯдакон амалҳои шаклсозиро меомӯзанд.

Ташаккули тасаввурот дар бораи шакли ашё ва шаклҳои геометрӣ дар ҳаёти кӯдаки синни томактабӣ аҳамияти калон дорад. Ҳар чизе, ки

дар атрофи онҳо аст, дорои як қатор хосиятҳо аз қабили: шакл, андоза, ранг, намуд ва ғайра мебошанд [93, С.5].

Дар раванди бозиҳо бо кӯдакони синни томактабӣ ҷиҳатҳои педагогии фаъолиятро ба мисли: дарки ашё аз ҷониби онҳо ба воситаи монанд кардани фигураҳо истифода бурдан ба маврид аст. Масалан, ҳангоми бозӣ бо ҳалқа педагог метавонанд, бо онҳо муроҷиат карда гӯяд, ки: «Ин ҳалқаи мудаввар ба чӣ шабоҳат дорад?» ё ҳангоми бозӣ бо тӯб. Педагог ба кӯдакон савол медиҳад, ки «Бачаҳо боз тӯбро дар куҷо дидан мумкин аст?». Чунин тарзи машғулиятҳо аз манфиат холӣ набуда, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон нақши созгор доранд.

Барои ташаккул додани қобилияти дарккунии ашё, ки ба воситаи онҳо дарки олами атроф пайдо мегардад, машқҳои якҷоякунии ашё бо дигар амалҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Миқдори ашёе, ки кӯдакон дарк мекунанд, аз имкониятҳои инфиродии онҳо вобаста мебошад. Одатан, кӯдакон дар машғулиятҳои амалии бозӣ доираҳо, секунҷаҳо, чоркунҷаҳо, силиндрҳо ва кубҳоро истифода мебаранд.

Ҳангоми бозиҳо кӯдакон шакли ашёро бо ҳам муқоиса мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки монандӣ ё фарқиятҳои онҳоро муайян созанд. Дар ин раванд шаклҳо, андоза ва рангҳои гуногунро истифода мебаранд. Оҳиста-оҳиста кӯдакон муносибатҳои оддии байни рақамҳоро аз рӯйи сохтор, мақсад ва истифода дар бозиҳо меомӯзанд. Дар раванди бозӣ ҳар як супориш бояд ба кӯдакон аз рӯйи мавзуъ ё тасвир пешниҳод карда шавад ва ба ҷавоб додан онҳоро шитобон намудан лозим нест. Бояд дар назар дошт, ки кӯдакони синни томактабӣ барои дарки мустақилона ва қабули вазифа вақти хеле дарозро талаб мекунанд.

Дар натиҷаи бозиҳо ва машқҳо дар кӯдакон омӯзиш, маърифатии муқоиса, ҷуфткунӣ, таносуб, гурӯҳбандӣ, дигаргунсозӣ ва амсоли инҳо пайдо мегарданд.

Нақши бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ дар инкишофи нутқ низ калон мебошад. Муошırати шифоҳии кӯдакон бо калонсолон манбаи дониш, маърифат ва тафаккур дар бораи ҷаҳон ва муҳити иҳота кардашуда ба ҳисоб меравад. Бозиҳои кӯдакон ба таври стихиявӣ, вале табиатан ҳамчун инъикоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии калонсолон ба вуҷуд меоянд.

Инкишофи нутқи кӯдакон бояд дар ҳамаи машғулиятҳои муассисаҳои томактабӣ ба таври назаррас роҳандозӣ гардад. Ба андешаи мо нисбати дигар машғулиятҳо фаъолияти бозиҳои гуногун ба инкишофи нутқи кӯдакон мусоидат мекунанд.

Ба ақидаи педагог Р.Х. Абдуллина: «Зуҳуроти нутқи кӯдак дар бозӣ равшантар зоҳир мегардад. Дар байни нутқ ва бозӣ алоқаи дутарафа мавҷуд аст. Яъне, аз як тараф нутқ дар бозӣ рушд ёфта, фаъол мешавад, аз тарафи дигар, худи бозӣ дар зери таъсири нутқ инкишоф меёбад. Тавассути бозӣ кӯдакон муошırати муттасил, ҳамоҳангӣ ва мантиқӣ доранд, ки дар натиҷа хиҷолатро аз нутқи нодуруст бартараф мекунанд» [1, С.4].

Бартарии бозӣ нисбат ба дигар фаъолият дар он аст, ки дар фаъолияти бозиҳо кӯдакон ба қоидаҳои муайян ихтиёран итоат мекунанд ва маҳз татбиқи қоидаҳо ба онҳо лаззату шодӣ мебахшад. Ин раванд рафтори кӯдаконро пурмазмуну бошуурона мегардонад. Аз ин рӯ, бозӣ амалан ягона соҳаест, ки кӯдакони синни томактабӣ метавонанд ташаббус ва фаъолияти эҷодии худро нишон диҳанд.

Нутқ як қисми воқеият барои кӯдакон дар раванди бозиҳо мебошад. Аз ин бармеояд, ки батанзимдарории фаъолияти кӯдакон ва рушди нутқ, бошуурона ташкил кардани муҳити бозӣ, интихоби мувофиқи ашё ва бозичаҳое, ки ба ин фаъолият мусоидат мекунанд, то чӣ андоза муҳим аст.

Нутқи инкишофёфта яке аз нишондиҳандаҳои ташаккули равандҳои маърифатӣ ба мисли: диққат, хотира, тафаккури мантиқӣ ва тасаввурот

мебошанд. Агар нутқ то андозаи лозима дар кӯдакон рушд накарда бошад, пас барои онҳо азхуд кардани барномаи таълимии мактабӣ душвор мегардад [120, С.16].

Бояд қайд кард, ки дар банақшагирии тамоми корҳои таълимию тарбиявӣ бо кӯдакон бозиҳои инкишофи нутқ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо воситаи самараноки таълиму тарбия буда, қисми ҷудонашавандаи машғулиятҳо ба шумор мераванд. Масалан, дар машғулиятҳо оид ба мавзуи «Тирамоҳ» ҳодисаҳои табииро, ки ба ин фасл мувофиқанд, интихоб кардан лозим аст: резиши ях, қатраҳо, баргҳо, туфону барф, борон ва ғайра. Дар машғулиятҳои математикӣ бошад, ба кӯдакон муайян кардани мафҳумҳоро, аз қабили васеъ - танг, баланд - паст, ғафс - борик, калон – хурдро пешниҳод кардан лозим аст.

Барои нигоҳ доштани шавқу завқи кӯдакон ба бозиҳои нутқ нақши педагог дар ин раванд калон мебошад. Бешубҳа, роҳнамоии педагогии моҳирона барои бомуваффақият гузаронидани бозиҳо бо истифода аз калимаҳо мусоидат мекунад. Шарти муҳим барои бедор кардани шавқу завқ дар ниҳоди кӯдакон ҷанбаи эмотсионалии ташкили бозӣ мебошад, ки дар рафти он педагог ва мураббӣ бояд бо рафтор ва рӯҳияи эмотсионалии худ дар онҳо эҳсосоти мусбат ба вуҷуд орад. Нақши педагог ва мураббӣ дар бозии шифоҳӣ, ки инкишофи нутқро таъмин мекунад, ду ҷанба дорад. Яъне, аз як тараф, педагог ба раванди маърифатии бозӣ роҳбарӣ мекунад, аз тарафи дигар нақши иштирокчии бозӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, ҳар як кӯдак амалҳои бозиро иҷро карда, дар мавридҳои зарурӣ дар бозӣ намунаи рафтор нишон медиҳад. Ҳангоми иштирок дар бозӣ, педагог ва мураббӣ, ҳамзамон, риояи қоидаҳоро назорат мекунанд.

Бозиҳои шифоҳӣ инкишофи нутқи кӯдаконро ба маротиб баланд гардонида, ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои гуногуниро ташаккул диҳанд, ки барои таҳсили минбаъда дар муассисаҳои таълимӣ замина хоҳанд гузошт. Мунтазам гузаронидани бозиҳои шифоҳӣ ба инкишофи

нутқи мураттаби кӯдакон мусоидат мекунанд, захираи луғавиро ба таври назаррас пурра карда, нутқро ифоданоктар мегардонанд. Барои кӯдакони синни томактабӣ ва кӯдаконе, ки аз нуқсонҳои гуногуни нутқ мушкилӣ доранд, фаъолияти бозиҳои шифоҳӣ воситаи муассири рафъи чунин мушкилот мегарданд.

Ҳар гуна нутқи ташаккулноёфта ба ин ё он сатҳ метавонад ба фаъолият ва рафтори кӯдакон таъсир расонад. Кӯдаконе, ки хуб гап намезананд, камбудиҳои худро дарк карда, беҷуръат, хомӯш ва шармгин мешаванд[69,С.4].

Нақши бозиҳо барои омӯзиши муҳити атроф низ хеле калон аст. Муҳит воқеиятест, ки дар он рушди шахс сурат мегирад. Муҳити рушди кӯдакон фазои ҳаёти онҳо мебошад. Ҷаҳони атроф ба тамоми ҷанбаҳои инкишофи кӯдакон: рӯҳӣ, ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ таъсир мерасонад. Зеро, кӯдакон на танҳо ашёро мешиносанд ва хосиятҳои онҳоро азхуд мекунанд, балки аксуламали эмотсионалии худро тавассути муносибатҳо ба муҳити атроф нишон медиҳанд. Ва дар натиҷа муносибатҳои воқеӣ ташаккул мeёбанд.

Бояд қайд кард, ки яке аз шартҳои муҳимтарини инкишофи равонии кудакон ин азхуд намудани таҷрибаи ҷамъиятию таърихии башарият мебошад, ки дар объектҳои фарҳангии моддию маънавӣ ҷой гирифтаанд.

Оҳиста-оҳиста ҷаҳони атрофи кӯдакон ҳудудҳои худро васеъ мекунад. Яъне, кӯдакон хосияти ашё, ранг, намуд ва шакли онҳоро азхуд мекунанд. Ва ҳар чизе, ки кӯдаконро иҳота мекунанд, рӯҳияи онҳоро ташаккул медиҳанд. Аз ин лиҳоз, раванди муташаккили педагогии шиносоӣ бо муҳити зист дар рушди рӯҳии кӯдакон нақши муҳим дорад.

Педагог Е.И. Тихеева муҳити атроф ва табиатро барои кӯдакон манбаи адонашавандаи ғояҳо баҳри пайдоиши сюжаи бозӣ ҳисоб мекард. Ба андешаи ӯ барои дарки табиат ҳарқадар узвҳои ҳиссии кӯдаки синни томактабӣ бештар иштирок кунанд, ҳамон қадар олами атрофро онҳо хуб дарк мекунанд[31, С.10].

Муҳити кӯдакон, ба маънои дигар, чунин муҳите мебошад, ки маҷмуи объектҳои моддии фаъолиятро дар бар гирифта, инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонии онҳоро ба таври самтгирӣ тарҳрезӣ мекунад. Дар давраи аввали ҳаёт кӯдакон ҷаҳонро дар асоси эҳсосӣ-ҳиссӣ ва самтгирӣ меомӯзанд. Кӯдакон он чизҳо ва ашёе, ки дар зери назари онҳо қарор дорад ва барои фаҳмиши онҳо дастрас аст, азхуд мекунанд. Бо вуҷуди ин, падару модар ва шахсони тарбиятгар набояд фаромӯш созанд, ки донишҳои аввалия дар бораи олами атроф моҳияти худро нигоҳ дошта, дар азхудкунии минбаъдаи воқеият аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Ҳангоме, ки кӯдакон қобилият ва маҳорати худро дарк мекунанд, дар онҳо равандҳои таҳлилӣ ва хулосабарорӣ дар бораи ашё сурат мегирад. Яъне, кӯдакон дар бораи воқеияти атроф ва ашёе, ки онҳоро иҳота кардааст ва дар бораи пайдоиши онҳо тасаввурот пайдо мекунанд. Муҳити  муассисаҳои таълимии томактабӣ олам ва фазои субъективии инкишофёбанда мебошад, ки амнияти равонии ҳар як кӯдакро таъмин намуда, бо шарофати он дониш, малака ва қобилиятҳои зарурӣ барои рушди ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон замина ба вуҷуд меоранд.

Кӯдакон дар хурдсолӣ моҳияти бисёре аз ашёи фарҳанги моддӣ ва маънавиро дарк карда, онҳоро ба таври хос мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар синни томактабӣ дар кӯдакон ҳадафҳои инфиродӣ, аз ҷумла, фаъолияти тасвирӣ, ҷисмонӣ ва шавқу рағбат ба бозӣ пайдо мегардад. Дар ин давра кӯдакон бо ашёи гуногун, пеш аз ҳама, бо бозичаҳо ва лӯхтакҳо бозӣ мекунанд. Онҳоро ба таври тахайюли худ идора карда, чизҳои нав месозанд.

Дар солҳои минбаъда инкишофи амали рамзӣ дар кӯдакон зуҳур карда, ҳаракатҳо ва амалҳои онҳо мураккабтар мегарданд. Кӯдакон дар бозиҳо амали калонсолонро бо ашё тақлидкорона такрор мекунанд. Яъне, кӯдакон дар бозӣ амалҳоро рамзона ифода мекунанд, ки ба азхудкунии меъёрҳою шаклҳои рафтори калонсолон ва баъд ба

ташаккули сифатҳои муайяни шахсӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ мусоидат мекунанд.

Масалан, кӯдак як лӯхтакро аз табақи бозича ғизо медиҳад, ки дар ин раванд аллакай ҳиссаи тахайюл вуҷуд дорад. Кӯдакон дарк мекунанд, ки ғизо тамоман вуҷуд надорад. Ё ин ки агар табақча барои кӯдакон дар ҳамон лаҳза дастнорас бошад, онҳо ба ҷои табақча ягон зарф ва ба ҷои қошуқ чӯбчаро истифода мебаранд. Яъне, кӯдакон ҳақиқати воқеиро ба таври иваз кардани як ашё ба ашёи дигари дастрас месозанд. Чунин амал дар бозӣ аз сатҳи баланди инкишофи эҷодкории кӯдакон шаҳодат медиҳад [136].

Бозиҳои кӯдакон дар раванди азхудкунии муҳити атроф се намуд мебошанд:

- бозиҳои тадқиқотӣ;
- бозиҳои ихтироъкорӣ;
- бозиҳои нақшофарӣ.

Ҳамаи намудҳои бозиҳо барои инкишофи маърифатӣ, зеҳнӣ, дарки муҳити атроф ва шахсияти кӯдакон нигаронида шудаанд.

Дар бозии нақшофарӣ кӯдакон тарзи муносибат бо предметҳо ва муоширати онҳоро бо ҳам дар ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ инъикос мекунад. Ба ин васила, кӯдакон амалҳои объективӣ, шаклу меъёрҳои муошират ва равандҳои нақшофариро беҳтар меомӯзанд. Аз нуқтаи назари функсионалӣ, бозиҳои нақшофариро метавон ҳамчун омода кардани кӯдакон барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ баррасӣ кард.

Самти асосии инкишофи тафаккури образнок ва тахайюлоти кӯдакон ин пайдоиши қобилиятҳои ҷойивазкунии як ашё ба ашёи дигар мебошад. Қобилияти истифода бурдани чунин ҷойивазкунӣ аз ҷониби кӯдакон дар раванди бозиҳо шарти муҳими рушди тафаккури образнок ба шумор меравад [123].

Ташкили бозӣ барои дарки муҳити атроф ҷузъи ҷудонашавандаи татбиқи раванди педагогӣ мебошад, ки хусусияти рушдёбанда дорад. Зеро, аз нигоҳи педагогон ва равоншиносон муҳит ин шароит, раванд ва натиҷаи рушди худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ, ташаккули муносибат ба арзишҳои асосӣ ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии шахсият дониста мешавад. Бозиҳои гуногуни кӯдакон дар ташаккули тасаввуроти оддии математикии онҳо низ нақши созгор доранд. Яке аз вазифаҳои муҳим ва таъхирнопазири рушди зеҳнӣ ва шахсии кӯдакони синни томактабӣ рушди тафаккури мантиқӣ ва қобилиятҳои маърифатӣ, ташаккули мафҳумҳои ибтидоии математикӣ, малака ва маҳорат мебошад. Методикаи ташаккули тасаввуроти математикии ибтидоӣ дар системаи илмҳои педагогӣ баҳри кӯмак расонидан ба кӯдакони синни томактабӣ барои дарк ва азхудкунии математика, ки яке аз муҳимтарин ва мураккабтарин фанни мактабӣ ба ҳисоб меравад, равона карда шудааст. Маҳз, математика тафаккури кӯдаконро рушд бахшида, қобилият ва маҳоратро инкишоф медиҳад.

Дар ҷаҳони муосир математика ҳамчун илм босуръат инкишоф ёфта, ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ворид мегардад. Дар шароити кунунӣ технологияҳои муосир, компютер, гаҷет ва дигар воситаҳои гуногуни техникӣ муҳити кӯдаконро фаро гирифтааст. Дар робита ба ин, бисёр волидон мекӯшанд, ки ба фарзанди худ ба шинохти рақамҳо, ҳисобҳо ва ҳалли онҳоро омӯзонанд. Аз ин рӯ, ба кӯдакони синни томактабӣ таълим додани донишҳои ибтидоии математикӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқон И.М. Маҳмудов ва А.А. Азизов: «Математика дар системаи муосири маориф мавқеи марказиро ишғол мекунад, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки шаклҳои муайяни тафаккурро, ки барои омӯзиши ҷаҳони атроф заруранд, ташаккул диҳем» [95, С.269].

Талаботи замони имрӯза аз педагог ва мураббиён тақозо мекунад, ки на танҳо ба кӯдакон чизеро омӯзонанд, балки чӣ тавр ва ба кадом

усул раванди таълиму тарбияро ба роҳ монанд, то ки раванди фаъолият самаранок бошад. Бинобар ин, шаклҳои нави корро бо кӯдакон доимо ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Методикаи ташаккули мафҳумҳои математикии оддӣ дар кӯдакон пайваста инкишоф ва такмил ёфта, ин раванд аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ ғанӣ мегардад. Фаъолияти муташаккилона оид ба инкишофи тасаввуроти оддии математикӣ мувофиқ ба талаботи имрӯза ба баланд гардидани дараҷаи инкишофи математикаи кӯдакон ёрӣ мерасонад. Дар раванди ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ дар кӯдакон аз шаклҳои бозӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин карда, диққат, хотира, ҳиссиёт ва тасаввуротро беҳтар мекунад.

Ташаккули дониш ва малакаҳои ибтидоии математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бояд тавре сурат гирад, ки раванди таълим на танҳо натиҷаи амалии фаврӣ диҳад, балки таъсири васеи инкишофдиҳанда низ гардад.

Асосан, бозӣ барои кӯдакон як амал ё фаъолияте маҳсуб меёбад, ки дар он кӯдакон барои фаъол будан, амалҳоро иҷро намудан, ноил шудан ба натиҷаҳо ва ғолиб шудан ҷалб карда мешаванд. Кӯдакон амалиётҳои бозиро бомуваффақият иҷро намоянд ҳам, агар дониш ва малакаҳои зеҳниро азхуд накунанд, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад. Аз ин рӯ, иштироки фаъолона, махсусан ғолибиятро дар бозиҳои дидактикӣ ба даст овардан аз он вобаста аст, ки кӯдакон дониш ва малакаҳоеро, ки вазифаҳои таълимии онҳо муайян кардааст, то чӣ андоза азхуд кардаанд. Бозиҳои зеҳнии дидактикӣ кӯдаконро ба бодиққат будан, дар хотир нигоҳ доштан, муқоиса кардан, гурӯҳбандӣ намудан ва ба равшан кардани донишҳои худ оварда мерасонад [30, С.8].

Бозиҳои шавқовару мароқангез фаъолияти равонии кӯдаконро зиёд мекунад ва онҳо метавонанд нисбат ба машғулиятҳои таълимӣ масъалаҳои душворро ҳал кунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки машғулиятҳо бояд танҳо бо усули бозӣ гузаронида шаванд. Раванди

таълиму тарбия истифодаи усулҳои гуногунро талаб мекунад, ки бозӣ яке аз онҳо ба шумор рафта, танҳо дар якҷоягӣ бо усулҳои дигар ба мисли: мушоҳида, суҳбат, мубоҳиса ва ғайра натиҷаи назаррас медиҳад. Дар бозиҳо кӯдакон дониш ва маҳорати худро дар амал татбиқ намуда, онҳоро дар шароитҳои гуногун истифода мебаранд.

Дар раванди таълиму тарбия намудҳои гуногуни бозиҳо бояд мувофиқи имкониятҳои дидактикии онҳо мавриди истифода қарор дода шаванд. Зеро, танҳо намудҳои гуногуни бозӣ самаранокии муваффақонаи раванди таълимро таъмин мекунанд. Ҳар як намуд ва шакли бозӣ вазифаҳои муайяни дидактикӣ аз ҷумла: назорати дониш, мустаҳкамкунӣ, такрор, омӯзиши мавод ва ғайраро иҷро менамоянд.

Мусаллам аст, ки ҳар як вазифаи математикӣ новобаста аз синну сол то андозае мушкилтар буда, аз шахс заҳмат ва машаққати зеҳниро талаб мекунад. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар раванди бозиҳо ба таври вазифа ва машқҳои мантиқӣ пешниҳод мегарданд.

Дар раванди чунин бозиҳо бо кӯдакон бояд аз соддатарин муаммоҳо ва масъалаҳо оғоз карда шавад. Аввал бо чӯбчаҳо, ки дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои бозӣ метавонад тағйир ёбанд, машғулиятро оғоз кард. Яъне, чӯбчаҳо барои кӯдакон чизи дастрас ва фаҳмо мебошад ва онҳо метавонанд, шумораро ба шумораи дигар иваз кунанд.

Дар рафти ҳалли ҳар як вазифаи нав кӯдакон ба фаъолияти фаъоли зеҳнӣ ҷалб гардида, барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ саъю кӯшиш менамоянд.

Инчунин, машғулиятҳои ҳаррӯза оид ба кашидани фигураҳои геометрӣ бо чӯбчаҳо имкон медиҳанд, ки донишҳо дар бораи шакл, андоза ва ҳаҷм мустаҳкам карда шаванд.

Натиҷаҳои таълими математикӣ на танҳо дониш, балки услуби муайяни тафаккур низ мебошад. Математика барои инкишоф додани тафаккури кӯдакон дар раванди омӯзиши онҳо аз хурдӣ имкониятҳои

калон дорад. Ташаккул ва инкишофи сохторҳои мантиқии тафаккур бояд дар синни хурдсолӣ ва сари вақт ба амал бароварда шаванд[37,С.6].

Тавре ёдрас гардидем, бозиҳои дидактикӣ барои тасаввуроти оддии математикии кӯдакони синни томактабӣ нақши созгор дорад. Ва шартан ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Бозиҳо бо шумора ва рақамҳо.

2. Бозиҳои сайёҳат дар фазо (бозиҳо бо санаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, оилавӣ ва ғайра бо кӯдакон гузаронида мешаванд).

3. Бозиҳо бо шаклҳои геометрӣ.

4. Бозиҳо барои тафаккури мантиқӣ.

Бояд қайд кард, ки бозиҳои дидактикӣ ва мундариҷаи машқҳои бозии математикӣ дар амалияи муосири таълими томактабӣ маъмултарин ва бештар истифодашаванда мебошанд. Дар раванди бозиҳои математикӣ кӯдакони синни томактабӣ бевосита ба фаъолият ворид гардида, ташаккули донишҳои нав, васеъ ва равшану мустаҳкам кардани маводи таълимӣ дар онҳо сурат мегирад.

Ҳар як бозии дидактикӣ як масъалаи мушаххасро ҳал мекунад, ки ба такмил додани тасаввуроти оддии математикии кӯдакон нигаронида шудаанд [96, С.7].

Бозиҳо ба эҷодкорӣ ва тартибкории кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд. Чӣ тавре, ки кӯдакон дар бозӣ амал мекунанд, дар раванди ҳаёти минбаъда низ ҳамон хел рафтор мекунанд. Бинобар ин, тарбияи шахсияти оянда аз бисёр ҷиҳат дар фаъолияти бозӣ сурат мегирад. Бозӣ хусусияти муваққатӣ ва гузаранда дорад, ҳадафи он тағйир додани шахсият аст. Бозӣ воситаи мутобиқшавӣ ба олами ҳастӣ ва офаридани хурдафарҳанги шахсӣ мебошад. Он кӯдаконро ба ҳаётиояндаи мустақил омода мекунад. Дар фаъолияти бозӣ ҳамеша тасаввур вуҷуд дорад, ки ҳангоми ба бозӣ машғул гардидан равшан зуҳур мекунад. Бозӣ ва тасаввурот бо ҳам зич алоқаманданд.

Дар раванди бозӣ шахс ҷаҳони худро эҷод мекунад ва ба таври худ дар он амалҳоро роҳандозӣ мекунад. Масалан, духтарчае, ки бо лӯхтак бозӣ мекунад, худро модар тасаввур мекунад ва хуб медонад, ки тамоми аъмоли ӯ вонамуд аст. Ҳангоми бозиҳо педагог ва мураббиён метавонанд қобилиятҳои инфиродӣ ва сатҳи дониш, малака ва маҳорати мавҷудаи кӯдаконро мушоҳида кунанд. Инчунин, шавқу завқ, маърифат, эҷодиёт, сатҳи эмотсионалӣ ва ҷисмонии кӯдаконро дидан мумкин аст.

Раванди бозӣ ҳар қадар фаъолтар ва ҳамчун усули таъсиррасонии таълиму тарбия истифода гардад, ташаккули эҷодиёт ҳамон қадар бомуваффақият сурат мегирад. Бозӣ барои педагоги моҳир воситаест, ки ҳисси кунҷкобонаи кӯдаконро ба фаъолияти мақсадноки таълимӣ равона месозад.

Ба андешаи педагог Т. Нахаева: «Педагог бояд бозиҳои мустақилонаи кӯдаконро мунтазам ва мақсаднок мушоҳида кунад. Ва ба кӯдакон имконият диҳад, ки аз намудҳои гуногуни бозӣ барои худ интихоб кунанд. Инчунин, бозиро бо вақт ва миқдори зиёди қоидаҳо маҳдуд накунад» [105, С.26].

Эҷодкорӣ ва тартибдиҳӣ дар раванди бозӣ аз мавҷудияти таҷрибаҳои гуногуни қаблии кӯдакон вобаста аст. Ғанӣ гардонидани таҷрибаи кӯдакон бо мақсади ба вуҷуд овардани замина барои ташаккули эҷодиёти онҳо зарурӣ арзёбӣ мегардад. Кӯдакон ҳар қадар бештар бинанду шунаванд, ҳамон қадар мефаҳманду меомӯзанд.

Дар зери мафҳуми тартибдиҳии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозӣ мо чунин ҷанбаҳои шахсии онҳоро дар назар дорем:

- қобилияти эҷод кардани чизҳои нав дар бозӣ;
- пайдо кардани роҳҳои нави ғайристандартӣ барои ҳалли масъала;
- моҳирона иҷро кардани масъала;
- суръати тафаккур ва эҷодкории амалҳо;
- мустақилона ҳал кардани мушкилот.

Аз нишондодҳои дар боло зикр гардида, метавон ба хулосае омад, ки тартибдиҳӣ неруи ақлро тарбия мекунад ва ба кӯдакон имкон медиҳад, ки орзуҳои худро дар раванди бозӣ амалӣ созанд. Муҳимтар аз ҳама, барои эҷодкорӣ ва худшиносӣ шароит фароҳам меорад.

Тавре педагог Л.А. Пшеничних қайд мекунад: «Инкишофи эҷодии кӯдаки синни томактабӣ ин раванди хоҳишҳо ба фаъолияти мусбати дигаргунсозандае мебошанд, ки дар ин раванд дар онҳо қобилиятҳои гуногун пайдо мешаванд» [125, С.8].

Тартибдиҳии кӯдакон, ки дар раванди тарҳрезии техникӣ ташаккул меёбад, бо рушди қобилиятҳои техникии онҳо мусоидат мекунад.

Нақши бозиҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнатии кӯдакони синни томактабӣ низ бағоят калон арзёбӣ мегардад. Дар байни вазифаҳои тарбия ва таълимии муассисаи таълимии томактабӣ масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнатии кӯдакон ҳамеша дар мадди аввал меистанд.

Тарбияи меҳнатӣ дар синни томактабӣ бо тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ зич алоқаманд мебошад. Дар раванди ин фаъолият хислатҳои шахсӣ ва муносибатҳои мусбати инфиродӣ тарбия карда мешаванд. Инчунин, матонат, ҷасорат, софдилӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва сифатҳои маънавию иродавӣ ташаккул меёбанд. Педагог ҳангоми ҳалли вазифаҳои меҳнатӣ бояд диққати кӯдакони синни томактабиро ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намояд, ки дар натиҷа аз кори иҷрошудаи умумӣ каноатмандӣ ба вуҷуд меояд. Меҳнат талаботи кӯдаконро ба худшиносӣ ва донистани қобилиятҳои худ қонеъ мегардонад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Л.А. Егорова қобилияти сохтани ашё бо истифодаи амалӣ ва бо дасти худ барои кӯдакон хеле ҷолиб аст. Ин хусусияти меҳнатии дастӣ ангезаи мустаҳками азхуд кардани малакаҳои суботкорӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди фаъолият мегарданд. Ғайр аз ин, ҳар як намуди меҳнати дастӣ имкони тарбияи сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, эҷодкорӣ ва масъулияту ташаббускориро дорад [151, С.25].

Муносибати эмотсионалии мусбатро ба меҳнат тарбия намуда, бо ҳамин мо меҳнатдӯстӣ ва хислати муҳимми ахлоқии кӯдаконро тарбия мекунем. Дар меҳнат кӯдакони синни томактабӣ меъёрҳои ахлоқии рафторро меомӯзанд ва мустаҳкам мекунанд.

Меҳнати кӯдакон аз меҳнати калонсолон ба куллӣ фарқ мекунад. Кӯдакон дар меҳнати худ арзишҳои моддие, ки барои ҷомеа аҳамиятнок бошанд, эҷод намекунанд. Меҳнати кӯдакон хусусияти тарбиявӣ дошта, талаботи онҳоро қонеъ мегардонад ва барои донистани қобилиятҳои худ кумак мерасонад.

Хусусияти меҳнати кӯдакон аз он иборат аст, ки вай бо фаъолияти бозӣ алоқаманд аст. Байни бозӣ ва меҳнати кӯдакон сарҳадҳо вуҷуд надоранд ва тафовути чандон зиёд ҳам нест. Зеро, шакли меҳнати эҷодии кӯдакон шабеҳи бозӣ дорои унсури ҳаловатбахш, ба шӯроваранда ва лаззатофар мебошад.  Аз ин рӯ, ташкили тарбияи меҳнатӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ бояд маҳз дар фаъолияти бозӣ сурат гирад. Масалан, бозиҳои дидактикӣ оид ба тарбияи меҳнат дониши кӯдакони синни томактабиро дар бораи меҳнати калонсолон, равандҳои мушаххаси меҳнатии ин ё он касб амиқ ва васеъ мекунанд. Инчунин, дар бозиҳои нақшофарӣ бошад, кӯдакон малака ва маҳоратҳои меҳнатиро меомӯзанд ва ин ё он нақшеро, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманданд, иҷро мекунанд, ки дар натиҷа назари онҳо нисбат ба меҳнат ташаккул меёбанд. Бозиҳои халқӣ низ қисми таркибии тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Дар онҳо тарзи зиндагонии одамон, меҳнат, рӯзгор, ғояҳои миллӣ ва фаҳмишҳо дар бораи шаъну шараф инъикос ёфтааст. Хусусияти бозиҳои халқӣ дар он аст, ки онҳо кӯдаконро ба пайдо кардани сифатҳои устуворӣ, шавқмандӣ ва муносибатҳои эҳтиромонаро ба фарҳанги кишвари худ тарбия карда, барои ташаккули ҳиссиёти маънавӣ-ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Тавре муҳаққиқ Г.А. Қурбонова қайд мекунанд: «Аз нуқтаи назари илми муосир бозиҳои серҳаракати мардумӣ ҳамчун мафҳуми бисёрҷанбае баррасӣ карда мешаванд, ки унсурҳои психологию педагогӣ, фарҳангӣ ва таърихиро ба ҳам мепайвандад. Бозиҳои халқӣ барои ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ-маърифатӣ ва фарҳангӣ-солимгардонии инсон аз синни хурдсолӣ мусоидат мекунанд» [80, С.14].

Ҳамин тариқ, шартҳои муҳими тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз идоракунӣ ва роҳандозии мақсадноки педагогии бозиҳо ва ғанӣ гардонидани мундариҷаи онҳо мебошад. Албатта, ин равандро бе дастгирии ҳамаҷонибаи педагог ба роҳ мондан душвор аст. Аз ин рӯ, вазифаи педагог дар фаъолияти бозӣ аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи иштирокчиёнро бо роҳҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ ҷалб карда, умумияти ҳиссиёт ва рафторро ба вуҷуд орад.

## Хулосаи боби 1

Дар синни томактабӣ бозӣ як намуди фаъолиятест, ки дар он шахсият ташаккул ёфта, дарку фаҳмиш ва маҳорати ӯ ғанӣ мегардад. Моҳияти педагогии бозӣ дар он аст, ки дар кӯдакон талаботи тағйир додани воқеияти атроф ва қобилияти эҷод кардани чизи нав ба вуҷуд меоянд. Бозӣ падидаҳои воқеӣ ва афсонавиро дар сюжет муттаҳид карда, кӯдаконро ба хусусият ва хосияти объектҳо шинос менамояд. Дар раванди бозӣ ҳангоме, ки кӯдакон ягон нақшро ба мисли: духтур, ронанда, ошпаз ва омӯзгорро ба уҳда мегиранд, на танҳо касб ва хусусиятҳои шахсияти каси дигарро месанҷанд, балки ба эҳсосот ва рӯҳияи вай ворид гардида, паҳлӯҳои шахсияти дигарро аз худ мекунанд.

Бозӣ вобаста ба мундариҷаи фаъолият ба инкишофи кӯдак таъсирҳои гуногун мерасонад. Яъне, ба воситаи бозӣ метавон шахси ба ҷомеа зараррасон ва ё баръакс метавон шахси эҷодкор, инсонгаро ва ҳалиму меҳрубонро тарбия кард. Дар таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ ба таври эътимодбахш исбот шудааст, ки дар ҷараёни бозӣ рушди ҳамаҷонибаи кӯдак ба амал меояд.

Ҳарчанд бозӣ аз як тараф фаъолияти мустақилонаи кӯдакон ба шумор равад ҳам, аз тарафи дигар, таъсири калонсолон ба ин раванд, ки аввалин мактаби онҳо дониста мешавад, калон арзёбӣ мегардад. Педагогон ва мураббиён метавонанд бозиро ҳамчун воситаи тарбия дар раванди фаъолият мавриди истифода қарор диҳанд. Бозиро ба воситаи тарбия табдил додан маънои таъсирнок кардани мазмуни он ва ба кӯдакон омӯзонидани роҳҳои муоширати комилро дорад.

Инчунин, ашё ва бозичаҳои бозӣ метавонанд воситаи тарбияи кӯдакон низ гарданд. Бозичаҳо тасаввуроти кӯдаконро дар бораи ҷаҳони атроф ташаккул дода, завқу шавқ ва эҳсосоти ахлоқиро инкишоф медиҳанд.

Аз таҳлилҳо ва мушоҳидаҳои педагогӣ чунин бармеояд, ки бо дуруст ва бошуурона ба роҳ мондани раванди бозиҳо онҳо метавонанд ба ғанӣ гардидани ҷаҳонбинии кӯдакон, инкишофи шаклҳои образноки маърифатӣ

ба мисли: тафаккур, тасаввурот ва тахайюли образнокӣ, мустаҳкам гардидани шавқу ҳавас ва инкишофи нутқ оварда расонад.

Моҳияти бозӣ дар азхуд намудани меъёрҳои рафтор, гуфтор ва амалҳо дар ҷомеа хеле калон мебошад. Мусаллам аст, ки дар раванди бозӣ кӯдакон нисбат ба ҳаёти воқеӣ бештар муҳити озод доранд ва дар интихоб низ мустақил мебошанд.

Муносибатҳои воқеӣ на танҳо дар бозӣ, балки дар тамоми ҳаёти кӯдакон ва дар муассисаҳои томактабӣ сурат мегиранд. Ҳангоме, ки кӯдакон бо касе эҳсоси ҳамдилӣ ва якдигарфаҳмӣ доранд, мекӯшанд бо ӯ муошират, суҳбат ва бозӣ кунанд. Бо туфайли ҳамдилию якдигарфаҳмӣ кӯдак метавонад аз бозичаи дар ихтиёр доштааш даст кашад ё нақшеро, ки дар раванди бозӣ ба ӯ писанд нест, иҷро намояд. Яъне, манфиатҳои худро ба хотири муошират бо ҳамсабақон метавонад, қурбон кунад.

Дар шароити мусоиду созгор кӯдакон малакаҳои рафтори ҷамъиятиро азхуд мекунанд. Қобилияти барқарор кардани муносибат бо ҳамсолон дар бозӣ аввалин мактаби рафтори иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Яъне:

- дар асоси муносибатҳо ҳиссиёту одатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд;
- қобилияти якҷоя ва мақсаднок амал кардан рушд мекунанд;
- фаҳмиши манфиатҳои умумӣ пайдо мегардад;
- ба амалҳои худ ва дигарон баҳо додан ташаккул меёбад.

Маврид ба зикр аст, ки бозиҳои нақшофарӣ писандидаи ҳама кӯдакони синни томактабӣ ба шумор меравад. Маҳз, дар бозиҳои нақшофарӣ кӯдакон нақши шахсони писандида ва наздиктарини худро ихтиёран иҷро мекунанд. Кӯдакон дар амалҳои бозӣ рафтор, гуфтор ва ҳиссиёти волидони худро ҳамон тавре, ки онҳоро тасаввур мекунанд, иҷро менамоянд. Проблемаи тарбияи сифатҳои ахлоқии писарону духтарон, ки дар оянда падару модар мешаванд, аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар раванди бозиҳо писарон аксар вақт мехоҳанд нақши падарро иҷро намоянд, зеро онҳо мекӯшанд, ки дар рафтор ва кирдор шабеҳи падари худ бошанд ва бо ин амал фахр мекунанд. Духтарон бошанд бештар нақши

модарро иҷро кардан мехоҳанд. Яъне, ҳангоми бозӣ ба модар тақлид карда, эҳсоси худро дар бозӣ баён мекунанд, корҳои хонагии модар ва нигоҳубини кӯдакро такрор мекунанд.

Бозӣ ҳамон вақт воситаи тарбияи ахлоқӣ мегардад, ки дар амалҳои муштарак кӯдакон аз муваффақиятҳо шодию хурсандӣ кунанд ё аз нокомиҳо маъюсу ғамгин гарданд. Дар бозӣ кӯдакон ҳиссиёти ҳақиқиро дарк мекунанд, ки дар асоси онҳо рафоқат, дӯстӣ, коллективизм, ёрии ҳамдигарӣ, ҳамфикрию ҳамдилӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳангоми иҷрои нақши сарбоз кӯдакон мекӯшанд бо тамоми маҳорат аз иҷрои он бароянд. Рафтору хислат ва гуфтори худро мисли қаҳрамони нақш тавъам месозанд.

Кӯдакон ҳамон вақт бо тамоми маҳорат ба раванди бозӣ ворид мегардад, ки иштирокчиён фикрҳои якдигарро эҳтиром намоянд ва бомаслиҳатона амал кунанд. Барои бо ҳам бозӣ кардан ҳар як иштирокчӣ бояд аз хоҳишҳои худ ихтиёран даст кашад, нақшаҳои худро мутобиқ ба нақшаҳои дигарон ба роҳ монад ва дар бораи амалиёти якҷоя созиш кунад. Дар акси ҳол бозӣ баргузор намегардад.

Дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мазмуну қоидаҳои бозӣ нақши муҳим дорад. Аксарияти бозиҳои дидактикӣ дар якҷоягӣ бо коллектив гузаронида мешаванд. Мавҷудияти қоидаҳо барои худидоракунии кӯдакон шароит фароҳам меорад, ки ин дар навбати худ, асоси ташаккули рафтори дуруст ва муносибатҳо дар коллектив мегардад.

Бозиҳои дидактикӣ дар кӯдакон эҳтиром нисбат ба шахсони касбу кори гуногунро ташаккул дода, шавқу рағбатро ба меҳнат, идрок, тафаккур ва диққат афзун мегардонад. Масалан, дар бозии «Ин боғро кӣ бунёд кардааст?» кӯдакон дарк мекунанд, ки дар бунёди боғ саҳми коргарон ва деҳқонон калон буда, барои ба воя расонидани дарахтон меҳнат кардан лозим аст. Яъне, ба воситаи чунин бозиҳо дар ниҳоди кӯдакон ҳисси меҳнат кардан, талош намудан барои мақсадҳои худ ва устувор будан дар иҷрои амалҳо пайдо мегардад.

Бозиҳои серҳаракат, ки дар толори калон ва майдончаҳои муассисаҳои томактабӣ гузаронида мешаванд, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ нақши созгор ва муассир доранд. Чунин бозиҳо бо гурӯҳи калони кӯдакон, бо қоидаҳои муайян ва дар асоси ҳаракатҳои гуногун ба мисли: роҳ рафтан, давидан, ҷаҳидан, партофтан ва лағжидан гузаронида мешаванд. Бозиҳои серҳаракат талаботи кӯдаконро бо рангорангии худ қонеъ гардонида, барои рушди ҷисмонӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Амалиёти гуногуни ҳаракатҳо дар бозиҳои серҳаракат дар шакли табиӣ иҷро карда мешаванд, ки бо зуҳури эмотсионалии кӯдакон зич алоқаманд мебошанд. Бо шарофати амалҳои гуногун ифоданокии ҳаракатҳо, маҳорат, далерӣ. суръати ангеза, чусту чолокӣ, заковат, қобилияти зуд ва дуруст баҳо додан ба вазъият дар кӯдакон пайдо мегардад. Инчунин, риояи қоидаҳои бозӣ ба ташаккули хислатҳои иродавӣ ва ташкилотчигӣ мусоидат мекунанд.

Бояд қайд кард, ки бозиҳои серҳаракат назар ба бозиҳои дидактикӣ гуногунанд. Аз рӯйи пайдоиш бозиҳо ба бозиҳои халқӣ ва муаллифӣ ҷудо мешаванд. Аз рӯйи сохт бозиҳоро ба бозиҳои сюжетӣ ва ғайрисюжетӣ, аз рӯи характери ташкилӣ бошад, онҳоро ба гурӯҳӣ ва бегурӯҳӣ ҷудо менамоянд.

Дар адабиёти педагогӣ таснифоти бозиҳо аз рӯи намуди ҳаракатҳои асосӣ ба мисли: давидан, ҷаҳидан, лағжидан ва ғайра тақсим карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳар як бозӣ ба кӯдакон ҳамоҳангсозии ҳаракатҳоро меомӯзад, ки ин воситаи расидан ба ҳадафи бозӣ мебошад. Педагог ва мураббиёнро зарур аст, ки шароит мухайё созанд, то кӯдакон тавонанд ба рафтори ҳамаи иштирокчиёни бозӣ, аз он ҷумла ба рафтори худ баҳои сазовор диҳанд. Ташкил кардани муносибати дӯстона дар раванди бозӣ омили муҳими барпо кардани дӯстӣ, рафоқат, якдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ ва хайрхоҳӣ мегардад. Бозиҳо ба баланд гардидани фаъолияти шуури кӯдакон замина фароҳам оварда, ба рафторҳо ва ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо мусоидат мекунанд.

# БОБИ 2. УСУЛ, ШАКЛ ВА ВОСИТАҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОЗИҲО

## 2.1. Рушди самарабахши ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо

Дар раванди таълими муассисаҳои томактабӣ масъалаҳои таълим, инкишоф ва тарбияи кӯдакон дар маҷмӯи шароитҳои педагогӣ амалӣ карда мешаванд. Яке аз чунин шароитҳои педагогӣ ташкили фаъолияти бозӣ дар асоси ба эътибор гирифтани ҳолатҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва эҷодии кӯдакон мебошад. Ҷолибияти бозӣ ҳамчун фаъолияти озоди эҷодӣ, ки бо ташаббуси кӯдакон ба вуҷуд меояд, аз рӯи имконият, ҷойгоҳ ва нақши он муайян карда мешавад.

Пеш аз он ки шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар раванди фаъолияти бозӣ ошкор созем, бояд мафҳуми шароитҳои педагогии муассисаҳои томактабиро донем. Яъне, зери ин мафҳум чиро мо дар назар дорем.

Ба андешаи педагог О.В. Галкина: «Шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ маҷмуи шароитҳое мебошанд, ки педагог бо мақсади амалисозии фаъолият ва омӯзиши объекти муайян роҳандозӣ мекунад» [34, С.18].

Мафҳуми шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ аз ду қисмат иборат мебошад: шароити ташкилӣ ва шароити педагогӣ.

Асосан, мафҳуми «ташкилӣ» чунин тавсиф мешавад:

- мувофиқати дохилӣ ва мураттаб будани таъсири мутақобилаи қисматҳои каму беш худмухтору фарққунанда, ки бо сохтори он муайян карда мешавад;

- низоми амал ё равандҳое, ки боиси ташаккул ва такмили муносибатҳои байни қисмҳо гардида, дар натиҷа як бутун мешаванд;

- гурӯҳи одамоне, ки якҷоя барнома ё мақсади муайянеро амалӣ мегардонанд ва дар асоси қоидаву расмиёти муайян амал мекунанд.

Мафҳуми «шароитҳои педагогӣ» бошад мафҳуми умумии илмӣ буда, дар тавсифи системаи педагогӣ васеъ истифода мешавад.

Шароитҳои педагогӣ ин кори банақша гирифта шудаи мунтазам барои мушаххас кардани қонуниятҳои муносибатҳои устувори раванди таълим, ки имкони санҷиши натиҷаҳои таҳқиқоти илмию педагогиро таъмин менамояд, дониста мешавад [157, С.23].

Дар таҳқиқоти муосир олимон аз рӯйи аломатҳо гурӯҳҳои гуногуни шароитро муайян мекунанд, аз ҷумла:

- берунӣ ва дохилӣ - аз рӯйи доираи таъсир;
- объективӣ ва субъективӣ - аз рӯйи характери таъсир;
- умумӣ ва мушаххас - аз рӯйи хусусиятҳои объекти таъсир.

Ба эътиборгирии шароитҳои педагогӣ барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳо ва вазифаҳое, ки ҳангоми амалигардонии раванди педагогӣ ба миён меоянд, зарур аст.

Муҳаққиқ Н.С. Табаров дар ин бора чунин андеша дорад: «Шароити ташкилӣ-педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, пеш аз ҳама, ҷавобҳоро ба саволҳое, ки ҳангоми асосноккунии навъҳои гуногуни тарбия ба миён меоянд, талаб мекунад» [145, С.13].

Тафсирҳои сершумори истилоҳи «шароитҳои педагогӣ»-ро омӯхта, якчанд мавқеъҳоро муайян кардан мумкин аст, ки олимон дар ин масъала ба онҳо эътиқод доранд. Маънои маъмултарини ин мафхум таърифи шароитҳои педагогӣ дар заминаи муҳити моддӣ-фазоӣ ҳамчун маҷмуи шароит, тадбирҳо, шаклҳо, усулҳо ва имкониятҳои таъсири педагогӣ ба ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда мебошад.

Маънои дигари ин мафҳум бо системаи педагогӣ алоқаманд буда, онро ҳамчун ҷузъи таркибие, ки таъсири мутақобилаи унсурҳои берунӣ ва дохилиро инъикос мекунад ва фаъолияти пурсамари системаи педагогиро таъмин менамояд, дониста мешавад.

Дар адабиёти илмӣ таснифоти зерини шароитҳои педагогӣ дида мешавад:

- ташкилӣ-педагогӣ. Дар доираи мафҳуми ташкилӣ-педагогӣ аксарияти муҳаққиқон маҷмуи имкониятҳои объективии шаклҳо, усулҳо ва мазмуни як раванди педагогиро дар назар доранд, ки барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои фаъолияти педагогӣ нигаронида шудаанд.

- психологӣ-педагогӣ. Ин шартҳо пеш аз ҳама ба ташаккули шахсияти субъектҳои системаи педагогӣ нигаронида шудаанд. Хусусияти шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар он аст, ки истифодаи онҳо мувофиқи хусусиятҳои муайяни шахсияти табдилёфта ва бо назардошти имкониятҳои муҳити моддӣ-фазоӣ ва таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди ягонаи педагогӣ интихоб карда мешавад;

- дидактикӣ. Ин шарт бештар дар заминаи самаранокии фаъолияти таълимии хонандагон ва ҳангоми ба фаъолияти касбӣ омода намудани омӯзгорони оянда ба роҳ монда мешавад. Инчунин, дар ин раванд: шароитҳои мавҷудаи таълим ба инобат гирифта мешаванд; роҳҳои ба самти ҳадафҳои таълим табдил додани ин шароитҳо пешбинӣ мегарданд; бо тарзи муайян унсурҳои мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилии таълим истифода мешаванд.

Педагог В.И. Андреев шароитҳои ташкилӣ-педагогиро ҳамчун маҷмуи тадбирҳо, мазмун, усулҳо, методҳо ва шаклҳои ташкилии таълиму тарбия мешуморад [6, С.9].

Ба андешаи педагог Е.А. Баева шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ин ҳамгироии шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ҳангоми амалигардонии равандҳои таълим ва таъсири мутақобилаи онҳо ба ҳамдигар, ки дар натиҷа онҳо ба сатҳи сифатан нав мебароянд, дониста мешавад [12, С.19].

Дар умум, мо шароитҳои ташкилӣ-педагогиро маҷмуи ҳолатҳое меҳисобем, ки дар онҳо раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо суръат мегиранд ва ба самаранокии ин раванд мусоидат мекунад.

Дар таърихи педагогикаи томактабӣ якчанд муносибатҳои педагогии идоракунии бозиҳои кӯдакон таҳия шудаанд.

Яке аз ин муносибатҳо ба истилоҳ анъанавӣ барои идоракунии бозиҳои кӯдакон мебошад. Дар доираи ин равиши педагогӣ, педагог ва мураббиён дар бозӣ нақши пешбарандаро мебозанд. Педагог тавассути ташкили машғулиятҳо, сайру гаштҳо, мутолиаи асарҳои бадеӣ ва фароҳам овардани муҳити бозӣ тасаввуроти кӯдаконро дар бораи муҳити зист ғанӣ мегардонад. Бо шарофати ин муносибат дар раванди машғулият усулҳои идоракунии бевосита ва бавоситаи бозӣ ташаккул меёбанд. Вазифаи педагог дар ин раванд дар он аст, ки ӯ ҳам ба интихоби мавзуъ ва ҳам ба таҳияи сюжети бозӣ таъсир расонида, ба кӯдакон барои тақсим намудани нақшҳо ва ҷорӣ намудани муҳити маънавӣ-ахлоқӣ ёрӣ мерасонад.

Инчунин, дар идоракунии анъанавии бозиҳо диққати асосии педагог ба ғанӣ ва рангорангу пурмазмун гардонидани сюжети бозиҳо нигаронида шудааст. Бо ин мақсад педагог шавқу рағбати кӯдаконро ба воситаи ҳикояҳо ва афсонаҳои нав бедор карда, вокуниши эмотсионалиро ба вуҷуд меорад.

Вазифаи асосии педагог дар ҷараёни бозӣ на роҳбарӣ ё идора кардани кӯдакон ба ҳисоб меравад, балки ҷалб намудани онҳо ва ба машғулияти хурсандибахш табдил додани ин раванд мебошад, ки дар натиҷа кӯдакон мустақилона бозӣ кардан мехоҳанд [23, С.66].

Кӯдакон ҳар қадар хурд бошанд, барои онҳо таассурот аз шиносоии мустақим бо ин ё он падида муҳим мебошад. Кӯдакони панҷ-шашсола аллакай метавонанд муносибати худро ба падидаҳои ҳаёти атроф баён сохта, онҳоро дар бозӣ инъикос намоянд. Ин ҳолат зарурати мунтазам ғанӣ гардонидани таассурот ва дониши кӯдаконро барои эҷоди мазмуни бозиҳо ба миён мегузорад. Педагог бояд ҳангоми шиносоӣ бо муҳити атроф диққати кӯдаконро ба он лаҳзаҳое ҷалб созад, ки дар бозӣ инъикос ёфта метавонанд.

Пас аз гирифтани таассуроти гуногун аз муҳити атроф на ҳамаи кӯдакон хоҳиши интиқол додани онҳоро дар фаъолияти бозӣ доранд. Падидаҳое, ки бо онҳо вохӯрданд, шояд дар доираи манфиатҳои онҳо набошад. Баъзан кӯдакон дар оғози бозӣ фаъолона иштирок мекунанд, аммо он аз сабаби камбизоатии ғояҳо зуд ба итмом мерасад. Педагогро зарур аст дар ин ҳолат ба кӯдакон ёрӣ рсонад ва ангезаҳои онҳоро аз нав ба шӯр орад. Ё ин ки сюжети бозиро тағйир диҳад, то кӯдакон аз нав ба бозӣ рағбат пайдо кунанд. Муҳити бозиро педагог бояд пай дар пай назорат карда, ба бозсозии мустақилонаи кӯдакон роҳнамоӣ кунад ва онҳоро ба эҷодкорӣ ташвиқ намояд.

Педагог метавонад дар бозӣ ҳам усулҳои бевосита ва ҳам бавоситаи роҳбарии педагогиро истифода бурда, ба кӯдакон мустақилияти бештар фароҳам орад. Ба кӯдак нақши асосиро пешниҳод намуда, педагог метавонад нақши иловагиро ба уҳда гирад [35, С.5].

Муносибати дигари педагогӣ ин истифодаи методҳои гуногун дар раванди бозӣ мебошад. Ин равиш ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- бозиҳои муштараки педагог бо кӯдакон, ки ба ғанӣ гардонидани таҷрибаи бозиҳо ва фарҳанги истифодабарии онҳо нигаронида шудааст;
- мунтазам ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии кӯдакон;
- тағйир додани муҳити предметӣ-бозӣ бо дарназардошти эмин нигоҳ доштани ҳолатҳои равонии кӯдакон;
- фаъол гардонидани муоширати педагог ва кӯдакон, ки ба ҳавасмандгардонии онҳо барои мустақилона ҷустани роҳҳои ҳалли мушкилоти бозӣ нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки бозиҳоро дар муассисаҳои томактабӣ, пеш аз хама, ҳамчун бозии муштараки педагог ва кӯдакон ташкил кардан лозим аст. Нақши педагог дар ин раванд ҳамчун шарик ва барандаи бозӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳама гуна фаъолияти бозӣ, ки педагог ба кӯдакон пешниҳод мекунад, онҳо зудтару самараноктар кор мекунанд ва равандҳои равонӣ

фаъол мешаванд. Бозӣ ба кӯдакон писанд омада, онҳоро ба худ чалб месозад ва қувваи ҷисмонию маънавиро ташаккул медиҳад [43].

Муносибати табиии педагог озодӣ ва мустақилона иҷро кардани амалҳоро кафолат медиҳад, ки кӯдакон аз он лаззат мебаранд ва дар онҳо майлу хоҳиш барои аз худ кардани усулҳои бозӣ пайдо мегардад. Ин амали педагог кӯдаконро водор месозад, то онҳо ба ҳам омада барои иҷрои нақшҳои бозӣ муттаҳид шаванд ва бо ҳамдигар муносибат кунанд.

Чунин муносибат ҷанбаҳои зерини кӯдаконро рушд мебахшад:

- фаъолият ҳамчун хусусияти асосии кӯдакон гардида, самти иҷтимоӣ мегирад;
- фаъолияти муштарак малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳад.
- ташаббус, ғайрат ва ҷасорат дар кӯдакон пайдо мегардад;
- масъулияти кӯдаконро барои иҷрои нақшҳои бозӣ баланд мегардонад;
- озодӣ ва мустақилият ба пайдоиши ғояҳои нави бозӣ мусоидат мекунад.

Кӯдакон ба фаъолияти бозӣ ҳамроҳ шуда, барои пешбурди ғояҳои бозӣ, дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо дар раванди сохтани сюжет ва эҷоди образҳою нақшҳои он мепардозанд. Пеша аз ҳама дар фаъолияти бозӣ кӯдакон бо ҳам муошират карда, нақшҳои онро бо ҳам муҳокима мекунанд.  Аз ин лиҳоз, кӯдакон на танҳо бозӣ, балки малакаҳои муоширатро низ бояд азхуд кунанд. Зеро, муошират барои бозӣ заминаи мусбати эмотсионалӣ эҷод мекунад.

Педагог ва мураббиён, ки иштирокчиёни бевоситаи бозии кӯдакон мебошанд, вобаста ба вазъият имконият доранд, хоҳишҳо ва майлу талаботи инфиродии онҳоро ба инобат гирифта, роҳҳои гуногуни ташкили бозиро нишон диҳанд ва масъалаҳои баҳсталабро ҳал намоянд.

Педагог бояд худро дар раванди  бозиҳои кӯдакон ҳамчун иштирокчии дуюминдараҷа нишон дода, дар ҳалли масъалаҳои бозӣ ба онҳо ёрии амалӣ расонад [150, С.217].

Педагог бояд дар ҷараёни бозӣ баҳодиҳии худро танҳо дар шакли маслиҳат бидуни пешниҳоди қатъӣ баён созад. Педагог бояд ба кӯдакон тарзи муошират бо одамони гуногунро нишон дода, рафтори онҳоро назорат намояд.

Дар педагогикаи томактабӣ усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба кӯдакон зиёданд, ки интихоби онҳо аз вазъияти мушаххас вобаста аст. Усулҳои педагогӣ дар ҳолатҳое самаранок мебошанд, ки педагог онҳоро мунтазам истифода намуда, тамоюлҳои умумии инкишофи равонии кӯдакон ва шаклҳои фаъолиятро ба назар мегирад.

Кӯдакони синни томактабӣ бо ёрии педагог ва мураббиён усулҳои асосии амали хоси фаъолияти муайянро аз худ намуда, метавонанд онҳоро бо асл ё каме тағйирёфта истифода намоянд. Барои ин зарур аст, ки дар утоқҳои гурӯҳҳо барои фаъолияти мустақилонаи кӯдакон шароит фароҳам оварда шавад. Масалан, ҳар як намуди бозичаҳо ва асбобҳое, ки дар раванди бозӣ истифода мегарданд, бояд бо тартиби муайян нигоҳ дошта шаванд. Ин ба кӯдакон имкон медиҳад, ки ашёи дилхоҳро худашон пайдо кунанд ва пас аз бозӣ онҳоро ба ҷойи худ гузоранд.

Банақшагирии системаи фаъолияти педагогӣ, аз як тараф, бояд кӯдаконро ба таассуроти падидаҳои гуногуни воқеияти атроф, ки барои онҳо нав ба назар мерасанд, равона созад, аз ҷониби дигар, роҳу воситаҳои таҷдиди ин воқеиятро душвор мегардонад. Яъне, кӯдакон фаҳмиш ва дарки олами атрофро оҳиста-оҳиста аз содда ба мураккабтар ташаккул медиҳанд. Дониши кӯдакон дар бораи ҳаёти атроф, ки сарчашмаҳои гуногун доранд, мазмун ва мавзуи сюжети бозиро муайян мекунанд. Аз мураккабии моҳиронаи усулҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳои бозӣ ташаккули он вобаста аст.

Ба андешаи мо шароитҳои муҳимтарини педагогии ташкили бозиҳо инҳо мебошанд:

- таъмини мустақилияти ташаккули фаъолияти маърифатии кӯдакони синни томактабӣ;

- муҳайё кардани муҳити маърифатии бозӣ;
- дар заминаи нақшҳои бозӣ гузоштани вазифаҳои зеҳнӣ;
- таъмин намудани маводҳои гуногуни бозӣ;
- ғанӣ гардонидани донишҳои кӯдакон.

Бояд қайд кард, ки шароитҳои педагогии бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз бисёр ҷиҳат аз имкониятҳои муассисаҳои томактабӣ вобастагии калон дорад.

Таҳсилоти муосири томактабӣ талаб мекунад, то тамсилаи таълими кӯдакон коркард карда шавад, ки тамоми сифатҳои шахсӣ, малака ва маҳоратро ташаккул диҳанд [178]. Яъне, муассисаҳои томактабиро зарур аст, фаъолияти худро тавре ба роҳ монанд, ки тамоми ҷанбаҳои равонӣ, маърифатӣ, маънавию ахлоқии кӯдакон инкишоф ёбанд.

Ба бозӣ шиддатнокии баланди эмотсионалӣ ва равонӣ хос мебошад. Дар раванди бозиҳо шахс дар баъзан ҳолат мисли шахси бемор гиря мекунад ва дар ҳолати дигар аз шодӣ дасту по гум карда, ба эҳсосот дода мешавад. Дар бозиҳо интихоби кӯдакон ба ин ё он нақш зоҳир гардида, таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб месозад. Аз ҷиҳати педагогӣ машғулияти бозиҳо барои кӯдакон арзишманд арзёбӣ мегарданд. Зеро, дар раванди ин фаъолият кӯдакон таҷрибаи ҳаётӣ гирифта, ояндаи худро месозанд. Дар бозӣ кӯдакони синни томактабӣ кор ва зиндагӣ, рӯйдодҳо, ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳо, анъанаҳои ҷаҳони калонсолонро фаъолона ва эҷодкорона дар нақшҳо инъикос мекунанд.

Барои ба амал баровардани тамоми имкониятҳои психологию педагогии бозӣ мавқеи педагог ва нақши ӯ дар инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакон аҳамияти калон дорад. Дар баробари ин, педагог бояд дараҷаи инкишофи бозӣ, сатҳи рушди зеҳнӣ, қобилиятҳои инфиродӣ, симои иҷтимоӣ ва гендерии кӯдаконро ба эътибор гирад.

Бозӣ дар фаъолият бо ҳар гуна мақсад истифода мегардад. Ба мисли:
- шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон ба шумор меравад;
- воситаи инкишофи мутаносиб ва ҳаматарафаи шахсият мебошад;

- усули таълиму тарбия дониста мешавад;

- воситаи тағйир ва ташаккул додани ақидаҳои кӯдакон дар бораи муҳити атроф ва баланд бардоштани сатҳи маърифатӣ ва эмотсионалии онҳо мегардад;

- воситаи худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва худомӯзӣ мебошад.

Бозӣ фаъолияти асосӣ ва машғулияти дӯстдоштаи кӯдакон мебошад. Ин далел имкон медиҳад, ки инкишофи ҳамаҷонибаи мутаносиби кӯдакони синни томактабӣ ва ба ин васила ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии онҳо ба роҳ монда шаванд.

Бозиҳое, ки кӯдакон одатан бозӣ мекунанд, як пайдарпаии муайяне мебошанд, ки марҳилаҳои инкишофи шахсии онҳоро инъикос мекунанд [49,С.9].

Тарзи муосири ҳаётӣ ба волидон имконият намедиҳад, ки то андозаи лозимӣ барои дастгирӣ намудани фарзандон баҳри машғул гардидан ба бозӣ вақт ҷудо кунанд. Ҳамчунин, дар замони имрӯза воситаҳои муосири техникӣ мавқеи аксари бозиҳои халқиро танг кардаанд. Ва аксари волидайн бар ин назаранд, ки таҳияи бозиҳои компютерӣ ва гаҷетҳои гуногун барои фарзандонашон кофӣ аст. Аз ин рӯ, вазифаи асосии ташаккул додани таҷрибаи бозиҳо ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии кӯдакони синни томактабӣ ба дӯши педагог ва мураббиён меафтад.

Бозиҳои нақшофарӣ ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки худро дар ҳолати бароҳатии эмотсионалӣ эҳсос карда, қобилиятҳоро инкишоф диҳанд. Бояд қайд кард, ки бозиҳои нақшофарӣ дар асоси муносибатҳои озодона ва баробарҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, худшиносӣ ва худмуаллифиро ташаккул медиҳанд.

Ворид гардидани кӯдакон ба бозӣ ва иҷрои амалҳои мувофиқро такрор ба такрор иҷро кардан шавқу завқи онҳоро бедор карда, сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро рушд мебахшад. Кӯдакон ҳангоми бозӣ таҷрибаи ҳаётии худро мунтазам ғанӣ гардонида, онҳоро торафт беҳтар азхуд мекунанд. Бозӣ барои кӯдакон як навъ мактаби ҳаётӣ гардида,

ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва арзишҳои шахсии онҳо ташаккул меёбанд. Кӯдакон барои он бозӣ намекунанд, ки ба зиндагӣ омодагӣ бинанд, балки бо бозӣ омодагӣ ба ҳаётро ба даст меоранд. Кӯдакон дар раванди бозӣ он амалҳоеро иҷро мекунанд, ки барои онҳо нав ба назар мерасанд ва ҳамчун одат, то ҳол ташаккул наёфтаанд. Дар натиҷа кӯдакон дар давоми бозӣ инкишоф меёбанд ва барои фаъолиятҳои минбаъда омодагӣ мегиранд. Бозӣ таҷрибаро рушд мебахшад.

Педагоги машҳур Ушинский К.Д. қайд карда буд, ки кӯдакон дар ҷараёни бозӣ маводи навро осонтар аз худ мекунанд. Аз ин рӯ, тавсия медиҳад, ки педагог дар раванди машғулиятҳо бештар бозиҳои гуногунро барои шавқовар гузаронидан ва ҷалби кӯдакон истифода барад [177, С.12].

Бозӣ кӯдаконро барои идома додани кори насли калонсол омода карда, дар онҳо қобилият ва сифатҳои заруриро барои фаъолияте, ки бояд дар оянда иҷро кунанд, ташаккул ва инкишоф медиҳанд.

Дигар шароите, ки педагог ва мураббиён метавонанд, барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ташкил кунанд, ин худмустақил иҷро намудани амалҳои бозӣ мебошад.

Дар шароити худмустақилӣ кӯдакон мавзуи бозиро интихоб карда, сюжетро эҷод ва нақшҳоро ба уҳда мегиранд. Дар баробари ин, кӯдакон дар интихоби воситаҳои эҷоди симои бозӣ озоданд [134, С.7].

Тавре қайд кардем дар бозӣ кӯдакон меомӯзанд ва ташаккул меёбанд. Дар фаъолияти бозӣ ҳамаи равандҳои психологию педагогӣ ба мисли: эҳсосот, идрок, тасаввурот, хотира, диққат, тафаккур, нутқ иштирок намуда, фаъолона инкишоф меёбанд. Ин раванд, асосан, дар бозиҳои мустақили кӯдакон дида мешавад.

Дар бозиҳои мустақили кӯдакон бо маънои том мустақилияти онҳо ба мушоҳида мерасад. Ин пойгоҳ асоси фаъолияти мустақили кӯдакон, ташаккули зеҳн, иҷрои амалу эҷод ва дониши ҷаҳони гирду атроф мегардад.

Барои нигоҳ доштан ва дастгирии мустақилияти бозӣ педагог бояд чунин қоидаҳоро риоя кунад:

1. Ба кӯдакон имкони муошират бо кӯдакони дигар дар майдончаҳо ва толори муассисаи томактабиро муҳайё созад.

2. Бе хоҳиш ва ризоияти кӯдакон ба фазои бозии онҳо дахолат накунад ва то ҳадди имкон раванди бозии онҳоро назорат кунад.

3. Майдонча ва шароит барои хуб омода намудани бозӣ ташкил кунад. Аз он ҷо ҳама чизеро, ки метавонад ба кӯдакон барои бозӣ монеа эҷод кунанд, бардорад. Танҳо он ашёеро дар назди кӯдакон гузорад, ки дар раванди бозӣ ба онҳо лозим мешаванд.

4. Мавзуъ ва сюжети бозиеро, ки педагог худ мехоҳад ба кӯдакон таҳвил накунад. Беҳтараш ташаббусҳои онҳоро дастгирӣ кунад.

5. Дар ҳолатҳои муноқиша ва нофаҳмоии кӯдакон ба бозӣ ҳамроҳ шавад. Дар ҳалли баҳсҳо ва масъалаҳо ба кӯдакон кумак кунад.

6. Фаъолияти бозии кӯдаконро таъриф ва ташвиқ кунад. Муваффақияти онҳоро дар бозӣ дастгирӣ намуда, бо суханҳои ширину дилнишин қадр кунад. Сюжетеро, ки кӯдакон дар раванди бозиҳои мустақил эҷод мекунанд, бо диққат гӯш кунад ва агар лозим шуморад, саволҳо диҳад.

Таваҷҷуҳи беандозаи педагог ба раванди бозиҳои кӯдакон танҳо ба дастовардҳо ва кашфиёти нав онҳоро водор месозад. Агар шавқу завқи кӯдакон ба фаъолияти бозии мустақилона заиф гардад ва онҳо дигар бозӣ карданро нахоҳанд, педагог метавонад чунин шаклҳои корро роҳандозӣ намояд:

- барои идомаи бозӣ ба кӯдакон фазои мусоидро ташкил кунад. Пеш аз ҳама, гӯшаи алоҳида бо бозичаҳо муҳайё кардан лозим аст, ки шавқ ва илҳоми кӯдаконро бедор созанд;

- миқдори бозичаҳоро маҳдуд кунад. Ҳангоми миқдори зиёди бозичаҳо кӯдакон диққати худро ба як фаъолият равона карда наметавонанд ва дар фаъолияти мушаххас душворӣ мекашанд. Аз ин рӯ,

дар аввал бигзор онҳо бо ду-се намуди бозиҳо ба мисли: қаламу давот, коғазҳои ранга, қуттиҳои шаклашон ҳархела ва мошинҳои гуногун дастрасӣ дошта бошанд. Дар акси ҳол, кӯдакон парешон гардида, таваҷҷуҳи худро ба як мақсади муайян равона карда наметавонанд ва ба ҷои он ки ҳадди ақал як сенарияи бозии кӯтоҳро таҳия кунанд, тамоми эҷод ва ғояҳоро ба навъҳо ҷудо мекунанд;

- тарзи дурусти истифодабарии бозичаҳоро ба кӯдакон омӯзонидан лозим аст. Пеш аз ҳама педагог бояд ба кӯдакон имконият ва хусусияти бозичаҳои навро нишон диҳад. Педагог ва мураббӣ бо саволҳое, ки раванди бозиро тақвият мебахшанд ва диққати кӯдаконро ба худ ҷалб месозанд, ба онҳо муроҷиат кунад. Масалан, «Кадом мошин тезтар аст - сурх ё кабуд?», «Мошини шумо ба куҷо равона аст?», «Дар мошини шумо кӣ нишастааст?». Ин тарзи фаъолият кӯдаконро рӯҳбаланд намуда, барои эҷоди сенарияи нави бозӣ замина фароҳам меорад. Ва кӯдакон оҳиста-оҳиста мустақилона бозӣ карданро меомӯзанд;

- педагог ва мураббӣ набояд худро аз раванди бозии кӯдакон дур созад. Кӯдаконро дар тамоми раванди фаъолияти бозӣ педагог ва мураббӣ бояд ҳамроҳӣ кунанд. Агар педагог ба кӯдакон гӯяд, ки «Хайр, ҳамин тавр, худатон бозиро идома диҳед», онҳо метавонанд, дар раванди бозӣ ба мушкилӣ дучор омада, онро идома надиҳанд. Муносибат бояд бо кӯдакон ҳангоми бозиҳои мустақилона нигоҳ дошта шавад. Иштироки педагог метавонад бозии кӯдаконро ҷоннок намуда, фаъолнокии онҳоро тақвият бахшад. Масалан, агар кӯдак аз қуттичаҳо ба сохтани хона шуруъ кунад, аз ӯ хоҳиш кунед, ки баъди ба итмом расонидани сохтмони хона онро нишон диҳад. Сипас, ба кӯдак муроҷиат карда пурсед, ки «Дар ин хона кӣ зиндагӣ мекунад» ё «Хонаро барои кӣ сохтаӣ?». Чунин тарзи амал кӯдаконро фаъол гардонида, ангезаҳои онҳоро барои идомаи бозӣ ташаккул медиҳад.

Дигар шароити педагогие, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунад ин тағйир додани

муҳити предметӣ-бозӣ бо дарназардошти эмин нигоҳ доштани ҳолатҳои равонии онҳо мебошад.

Кӯдакон сарфи назар аз он ки ба кадом гурӯҳҳо мераванд (дар боғча ё дигар муассисаи таълимию тарбиявӣ, дар шаҳр ё шаҳрак) дар ҳама маврид бахри ташаккул ва инкишофи онҳо муҳити созгори предметиро таъмин кардан лозим аст [94, С.7].

Бояд қайд кард, ки ҷаҳони иҷтимоие, ки кӯдакон дар он зиндагӣ ва инкишоф меёбанд, пур аз муаммоҳо ва масъалаҳое мебошанд, ки кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти минбаъдаи худ онҳоро ба воситаи таҷриба ва омӯзиш аз худ мекунанд. Фаъолияти маърифатии кӯдакони синни томактабӣ дар робита бо фаъолнокии онҳо ва дарки муҳити атроф ба вуҷуд меояд.

Зери мафҳуми «муҳити предметӣ-бозии кӯдакон» асосан мо он ашёро дар назар дорем, ки фазои онҳоро иҳота кардааст ва дар фаъолияти бозӣ истифода бурда мешаванд.

Муҳити предметӣ-бозии кӯдакон системаи объектҳои моддӣ ва воситаҳои фаъолияти кӯдакон, ки мундариҷаи инкишофи симои рӯҳӣ ва ҷисмонии онҳоро мутобиқи талаботи барномаи асосии таълимии таҳсилоти томактабӣ ба таври функсионалӣ тарҳрезӣ мекунанд, дониста мешавад.

Дар муассисаи томактабӣ ҳангоми ташкили муҳити предметӣ-бозӣ принсипҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

- бисёрҷанбагии муҳит. Муҳити рушди предметӣ бояд имкониятҳои зиёд фароҳам орад, то ки тамоми ҷузъҳои ҷараёни таълимро таъмин намояд;

- тағйирёбии муҳит. Ин принсип имконият медиҳад, ки дар раванди фаъолият як функсия ба ҷойи дигар амал кунад;

- хусусияти гендерӣ. Таъмини мавод барои духтарон ва писарон дар муҳит;

- ҷойивазкунии маводҳои таълим. Мавод ва таҷҳизоти як соҳаи таълимро дар татбиқи соҳаи дигар истифода бурдан мумкин аст;

- устуворӣ ва бомароми муҳити предметӣ. Ин принсип маҷмуи унсурҳои ғайриоддии ташкили эстетикии муҳити зист ва бароҳатии инфиродӣ ва эмотсионалии ҳар як кӯдакро таъмин мекунад;

- принсипи тағйирпазирӣ;

- принсипи якпорчагии раванди таълим. Риояи самтҳои асосии инкишофи кӯдаконро ба мисли: ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва шахсиро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки муҳити инкишофи предметӣ-бозӣ - як қисми соҳаи тарбиявӣ бо фазои махсус ташкилшуда ба мисли: бино, ҷой, мавод, таҷҳизот ва лавозимот барои рушди кӯдакони синни томактабӣ мувофиқи хусусиятҳои синну солӣ, муҳофизату мустаҳкам намудани саломатӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси инфиродӣ мебошад, дониста мешавад.

Нақши педагог ва мураббиён дар дуруст тарҳрезӣ ва бароҳмонии чунин муҳите мебошад, ки ба рушди шахсияти кӯдакон мусоидат кунанд. Дар чунин муҳит фаъолияти фаъоли коммуникативӣ-нутқӣ ва маърифатӣ-эҷодии кӯдакон ҳалли худро меёбанд.

Муҳити предметӣ-бозӣ бояд кӯдаконро барои фаъолият кардан ҳавасманд гардонад ва мувофиқи шавқу рағбат ва ташаббуси кӯдакон мунтазам коркард карда шавад. Кӯдакон бояд дар эҷод ва навсозии муҳити бозӣ иштирок кунанд. Инчунин, ашёи бозӣ бояд ба меъёрҳои анатомӣ ва физиологии кӯдакон мувофиқат кунанд. Яъне, дар ин ҷо ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синну сол ва ҷинсии кӯдак, қад, вазни бадан ва андозаи даст лозим аст [127, С.14].

Самаранокии таъсири муҳити предметӣ-бозӣ ба шахсияти кӯдак дар муассисаи таълимии томактабӣ бештар аз қобилияти педагог ва мураббиён барои ба мақсад мувофиқ ташкил кардани он вобаста аст.

Муҳити предметӣ-бозии гурӯҳҳо тавре ташкил карда шаванд, ки ҳар як кӯдак имкон пайдо кунад, то ба фаъолияти дӯстдоштааш машғул шавад. Ҷойгиркунии таҷҳизот аз рӯи принсипи марказонидани ғайримуқаррарӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар зергурӯҳҳо дар асоси манфиатҳои умумӣ муттаҳид шаванд.

Педагог бояд тамоми фазои гурӯҳро барои кӯдакон дастрас гардонад, сюжети бозиро ба онҳо фаҳмонад ва барои ҳар як бозӣ танҳо услуби хоси дохилӣ ва таҷҳизоти онро пайдо кунад. Дар ин сурат, кӯдакон хуб медонанд, ки коғаз, ранг, қалам, маводи табиӣ, костюм ва атрибутҳоро барои бозиҳои саҳнавӣ аз куҷо дастрас кардан мумкин аст. Инчунин, педагог метавонад, барои боз ҳам рушд бахшидани эҷоди кӯдакон деворҳои чӯбинӣ сайёрро истифода барад. Бо шарофати онҳо, кӯдакон метавонанд як ҳуҷра барои бозӣ созанд, ки онҳоро аз фазои умумӣ муҳофизат карда, ҷаҳони хурди худро эҷод кунанд. Бо ин роҳи оддӣ, шахсияти муҳити зистро кӯдакон ба даст меоранд.

Муҳити предметӣ-бозӣ ба кӯдакон аз лаҳзаҳои аввали ҳаёт ва ворид гардидани онҳо ба фазои муассисаҳои томактабӣ таъсири муайян мерасонад. Муҳити предметӣ-бозии кӯдакон инкишоф ёфта, ташаккули мустақилияти фаъоли онҳоро дар машғулиятҳо таъмин мекунад. Он барои рушди эҷодӣ, маърифатӣ ва эстетикии кӯдакон шароит фароҳам меорад. Бо ташкили дурусти муҳити педагогӣ инкишофи эҷодии кӯдакон, эътимод ба худ, зуҳуроти мустақилият ва маҳорат ташаккул меёбанд.

Муҳити предметӣ-бозӣ бояд дар муддатҳои муайян мувофиқи шавқу рағбат ва ҳадафҳои кӯдакон тағйир дода шавад. Ба кӯдакон имконият додан лозим аст, ки мувофиқи шавқу завқи худ фазои фаъолиятро интихоб кунанд. Тағйири муҳити предметӣ-бозӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки ба фазои бозӣ аз нигоҳи дигар нигариста, дар ташкили он фаъол бошанд [126,С.24].

Дигар шароити ташкилӣ-педагогии бозӣ, ки бо шарофати онҳо сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ташаккул меёбанд ин бозичаҳо ба шумор меравандд. Бозичаи кӯдакон падидаи хеле қадим дар фарҳангӣ инсонӣ дониста мешавад. Бозичаҳо ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги моддӣ, воситаи муҳим ва дастрастарини дарки воқеияти иҷтимоӣ, ташаккули таваҷҷуҳ ба ҷаҳони калонсолон ва муайянкунандаи рушди кӯдакон мебошанд. Вазифаи асосии бозичаҳо аз он иборат аст, ки кӯдаконро дар бораи олами атроф бештар шинос намуда, таҷрибаи иҷтимоиро ташаккул диҳанд.

Ба андешаи педагог Э. Смирнова: «Вазифаи асосии бозича баланд бардоштани фаъолияти мустақилонаи кӯдакон мебошад. Амалҳои бозӣ, ки бо бозича анҷом дода мешаванд, иқтидори инкишоф ва тарбиявии онро муайян мекунанд. Бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои машғулияти мустақилонаи кӯдакон, бозича баҳри ҳавасманд гардонидани фаъолияти пурмазмуни онҳо пешбинӣ шудааст» [121, С58].

Бозичаҳо воситаи интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ буда, миқдори зиёди иттилоотро дар бораи ҷаҳони гирду атроф ба кӯдакон меомӯзонанд ва онҳо ин маълумотро озодона ва бе ягон таҳвилдиҳӣ аз худ мекунанд.

Бо шарофати бозичаҳо дар ниҳоди кӯдакон шавқу завқ ба ашё ва падидаҳои гирду атроф бештар гардида, тафаккури онҳоро бедор месозанд. Ҳангоми бозӣ кӯдакон бозичаҳоро бо ашёи рӯзгор муқоиса карда, идора кардани онҳоро меомӯзанд.

Бозичаҳо як воситаи фарҳангии психологию иҷтимоӣ барои рушди кӯдакон буда, дар он образҳо, идеяҳо, сюжетҳое, ки баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо мусоидат мекунанд, маҳфуз аст.

Бозичаҳо аз рӯйи мавзуъ ва ҳалли масъалаҳои бадеӣ хеле гуногун буда, ҳар яки онҳо арзиши муайяни тарбиявӣ доранд.

Бозичаҳо аз рӯйи мавзуъ ва мақсад ба чунин қисматҳо тақсим мешаванд:

- сюжетӣ-образнокӣ;

- дидактикӣ;
- бозичаҳои шавқовар;
- варзишӣ;
- техникӣ.

*Бозичаҳои сюжетӣ-образнокӣ.* Ин бозичаҳо барои бозиҳои мустақили эҷодӣ пешбинӣ шудаанд, ки таассуроти гуногуни кӯдаконро дар бораи ҷаҳони атроф инъикос мекунанд. Ба инҳо лӯхтакҳо, шаклҳои одамон ва ҳайвонот, бозичаҳои театрӣ, карнавалҳои идона ва бозичаҳои техникӣ дохил мешаванд.

Бо лӯхтакҳо бозӣ кардан ба кӯдакон писанд мебошад. Дар аксари бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ лӯхтакҳо истифода мегарданд, ки барои пурратару равшантар гардидани таассуроти воқеияти атроф кӯмак мекунанд.

Лӯхтакҳо қисмати бозӣ ва фарҳанги кӯдакона мебошанд. Бо лӯхтак кӯдакон малакаҳои муоширатро зуд ва осон аз худ мекунанд (бо лӯхтак суҳбат мекунанд, сухан мегӯянд). Лӯхтак ба кӯдакон кумак мекунад, ки зебоию меҳрубониро дарк кунанд ва аз тарсу ҳарос эмин бошанд. Имкониятҳои муолиҷавии лӯхтакҳо низ калон мебошад. Лӯхтакҳо имкон медиҳанд, ки вазифаҳои гуногуни муҳими равонии кӯдакон ҳал карда шаванд. Масалан, васеъ кардани худшиносӣ, ноил шудан ба устувории эмотсионалӣ ва худтанзимкунӣ, islоҳи ноқисиҳои нутқ ва ғайра [89, С.4].

Бозичаҳое, ки кӯдакон бо дасти худ меофаранд, ҳолатҳои равониро ба танзим даровaрда, шавқу рағбатро ба эҷод, меҳнат, лаззат бурдан аз он, шодмонӣ, хурсандӣ ва ангезаҳои бозиро ташаккул медиҳанд.

Лӯхтакчаҳое, ки аз матоъҳои гуногун кӯдакон бо дасти худ тайёр мекунанд, дар худ анъанаҳои мардумӣ, муҳаббат ба меҳнат, Ватану диёр ва оиларо маҳфуз медоранд. Лӯхтаки анъанавӣ кӯдаконро ба ҳаёти калонсол омода карда, саховатманду меҳрубон, доною таҳаммулпазир мегардонад. Лӯхтакҳои анъанавӣ на танҳо манбаи асосии бозӣ, балки

воситаи дастрас ва муассири таълиму тарбияи кӯдакон низ мебошанд [106, С.7].

Маврид ба зикр аст, ки лӯхтакҳоро асосан духтарчаҳо бештар дар фаъолияти бозӣ истифода мебаранд. Ба писарон бошад аксаран бозичаҳое, ки ҷиҳатҳои техникӣ, сохтмонӣ ва ихтироъкорӣ доранд, писанд мебошанд.

Ҳангоме, ки кӯдак бозичаҳои сюжетиро худаш месозад, вай онҳоро бо ҳадафи мушаххаси бозӣ роҳандозӣ мекунад. Раванди офаридани бозичаҳо тасаввуроти кӯдаконро инкишоф дода, ба онҳо имкон медиҳад, то кори саркардаро ба итмом расонида, хосиятҳои маводро аз худ намоянд. Ба ин васила, дар рафтори кӯдакон мотивҳои иҷтимоӣ пайдо гардида, зеҳни онҳо инкишоф меёбад.

*Бозичаҳои дидактикӣ.* Бозичаҳои дидактикӣ бозичаҳое мебошанд, ки ба рушди равандҳои равонии кӯдакон нигаронида шуда, дорои вазифаи инкишофёбанда мебошанд. Бозичаҳои дидактикӣ дар ҳаёти кӯдакон аз рӯзҳои аввали ҳаёт пайдо шуда, дар тамоми синни томактабӣ бо кӯдак мемонад. Ҳар як бозичаи дидактикӣ дар назди кӯдакон вазифаҳои таълимӣ ба мисли: донистани ҳалли роҳҳои босамари масъала, тарҳрезии он ва гузаштан аз монеаҳоро мегузорад.

Дар раванди бозиҳои дидактикӣ ҳамаи бозичаҳоро набояд дар як вақт дар назди кӯдакон гузошт. Беҳтар аст, агар бозичаҳоро иваз кунед, то таваҷҷуҳи кӯдакон ба бозӣ аз байн наравад. Аммо барои он ки кӯдакон бо ин гуна бозичаҳо бозӣ кунанд, ба онҳо бояд тарзи иҷрои амалҳоро нишон додан лозим аст.

Тавре қайд кардем ҳар як бозичаи дидактикӣ дорои унсури омӯзишӣ мебошад. Масалан, аз бозичаҳои ихтироъкорӣ дар раванди бозиҳо кӯдакон на танҳо лаззат мебаранд, балки бо рангҳо шинос шуда, бодиққат ва зудфаҳм мешаванд.

Бозичаҳои дидактикӣ ҳиссиёт ва равандҳои эмотсионалии кӯдакони синни томактабиро рушд бахшида, барои фаъолияти маърифатии онҳо

шароит фароҳам меоранд. Кӯдаконро ба бозӣ ташвиқ карда, тахайюли онҳоро ташаккул медиҳанд [100, С.14].

Як ашё вобаста ба синну соли кӯдакон метавонад якчанд вазифаҳоро иҷро кунад. Масалан, барои кӯдакони хурдсол аҳромҳо (пирамида) воситаи рушди равонӣ ба ҳисоб рафта, эҳсосотро ташаккул медиҳанд. Дар синни 4-5 солагӣ бошад кӯдакон ба қисмҳои аҳромҳо шинос шуда, амалҳои мақсаднокро иҷро мекунад.

Бозичаҳои мусиқӣ низ як қисмати бозичаҳои дидактикӣ ба шумор рафта, кӯдаконро бо садоҳои алоҳида ва фарққунанда шинос намуда, баландӣ, давомнокӣ ва дигар хусусиятҳои мусиқиро таълим медиҳанд. Кӯдакон оҳангҳоро аз бар карда, дар онҳо муҳаббат ба мусиқӣ, сурудхонӣ ва рақс бедор мешавад.

*Бозичаҳои шавқовар.* Ҳар гуна бозичаҳо кӯдаконро шод ва хурсанд мекунанд. Бозичаҳои шавқовар барои фароғат ва хушҳолии кӯдакон пешбинӣ шудаанд. Ин бозичаҳои шавқоваре мебошанд, ки дар кӯдакони синни томактабӣ ҳисси кунҷкобӣ, шодӣ, хурсандӣ ва эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меоранд. Онҳо кӯдаконро бо ҳаракатҳои ғайриоддӣ, хандаовар дар сюжет шод мегардонанд [60].

Ба бозичаҳои шавқовар бозичаҳои шаклашон хандаовар ва шақовари одамону ҳайвонот, ки ҳаракатҳои гуногун дар онҳо ҷой дода шудааст, дохил мешаванд. Пайдоиши онҳо, асосан, аз бозичаҳои мардумӣ маншаъ мегиранд. Ҳунармандони халқӣ ҷиҳатҳои хандаовари одамон ва ҳайвонотро омӯхта, онҳоро дар бозичаҳо инъикос мекарданд.

Бозичаҳои шавқовар аз як тараф кудаконро шоду хурсанд гардонанд ҳам, аз тарафи дигар онҳоро тарбия ва инкишоф медиҳанд. Бозичаҳо ба кӯдакон тарзи зиндагӣ ва амал карданро таълим медиҳанд. Бозичаҳои шавқовар аз ҷиҳати мавзуъ содда, вале хурсандибахш буда, ҳисси шавқу завқи кӯдаконро тарбия мекунанд.

*Бозичаҳои варзишӣ.* Бо ёрии бозичаҳои варзишӣ кӯдакон ҷисман инкишоф ёфта, қоидаҳои муомиларо дар коллектив меомӯзанд ва бо ҳамдигар фаъолона муошират мекунанд. Бозичаҳои варзишӣ барои фаъолияти минбаъдаи варзишии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Муассисаи таълимии томактабӣ тарбияи ҷисмонӣ ва варзиширо тарғиб карда, падару модаронро ба кори якҷояи фаъолонаи тарбияи ҷисмонӣ ҷалб мекунад. Ба тарбияи дурусти ҷисмонии кӯдакон дар оила дониши волидон дар бораи хусусиятҳои истифодаи машқҳои пешгирию ислоҳии ҷисмонӣ, бозиҳои берунӣ ва варзишӣ, фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҳаракати кӯдакон дар хона мусоидат мекунад.

Бозӣ бо тӯб яке аз машғулиятҳои маъмултарин ва дӯстдоштаи кӯдакон мебошад. Давраи кӯдакиро бе тӯб тасаввур кардан душвор аст. Ҳатто барои кӯдакони навзод тӯбҳои махсус харидорӣ карда мешаванд, ки ба воситаи онҳо машқҳои оддии гимнастикӣ иҷро мегарданд.

Кӯдакони синну соли гуногун дар майдончаҳои варзишӣ ва дар ҳавзҳои шиноварии муассисаи томактабӣ бозӣ карданро бо туб меписанданд. Чунин бозиҳо ба рушди чашм, ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо, маҳорат ва фаъолияти дасту пойҳо мусоидат мекунанд.

Ҳалқаи алюминӣ ва пластикӣ низ як воситаи оддӣ ва ҳамзамон самаранок барои кӯдакон аст. Ҳалқаҳо ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо, чандирӣ, қувват, ҳисси ритм ва артистизмро инкишоф медиҳанд.

Педагогро зарур аст, ки аз технологияи муосир дар раванди фаъолияти варзишӣ барои иҷрои вазифаҳои мушаххас истифода барад. Дар машғулиятҳои варзишӣ маҷмӯи вазифаҳои солимгардонӣ, таълимию тарбиявӣ ҳал карда мешаванд. Ҳавасмандкунӣ ва дастгирӣ ба кӯдакони синни томактабӣ дар машғулиятҳои варзишӣ барои бартараф кардани душвориҳои гуногун кумак карда, ба ташаккули эътимод ба худ ва қобилият мусоидат мекунад [71, С.19].

Бозичаҳои варзишӣ рӯҳияи дастаро инкишоф медиҳанд, ки ҷузъи ҷудонашавандаи бозӣ аст. Кӯдакон барои ноил шудан ба ҳадафҳо якҷоя

амал карда, нақшаи муайянро таҳия мекунанд. Аммо бозичаҳои варзишӣ танҳо дар сурати дуруст ташкил кардани бозӣ манфиатовар мегарданд. Дар ин ҷо синну соли кӯдакро ба назар гирифтан муҳим аст, то ки онҳо аз уҳдаи қоидаҳои бозӣ баромада тавонанд.

Гуногунии зиёди намудҳои таҷҳизоту бозичаҳо аз хусусиятҳои сохт ва мазмуни машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ вобаста аст, ки дар ҳар як шакл навъҳои гуногуни бозичаҳои варзишӣ дохил карда мешаванд. Барои ташкили дурусти фаъолияти ҷисмонӣ, риояи принсипи ҷойгиркунии таҷҳизоту бозичаҳо дар ҷойи истифода бо назардошти асолати он, ки ба хусусиятҳои амалҳо ва шароити муайян хос аст, муҳим мебошад.

*Бозичаҳои техникӣ.* Бозичаҳои техникӣ аз ҷиҳати мавқеи худ дар бозиҳои сюжетӣ-образнокии кӯдакон наздик аст. Ба бозичаҳои техникии кӯдакон мошинчаҳо, намудҳои гуногуни нақлиёт, маводҳои техникӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Дар синни томактабӣ бозичаҳои техникӣ метавонанд барои ташаккули қобилиятҳои ақлӣ, зеҳнӣ ва ихтироъкорию эҷодии кӯдакон мусоидат кунанд. Илова бар ин, ба воситаи бозичаҳои техникӣ баъзе қобилиятҳои махсуси тарҳрезӣ ва ихтирооти техникӣ метавонанд инкишоф дода шаванд.

Бозичаҳои техникӣ ба кӯдакон дар бораи технологияи муосир тасаввурот медиҳанд. Ба бозичаҳои техникӣ таҷҳизоти бинокорӣ, намудҳои нақлиёт, машинаҳои гуногун, техникаҳои барқӣ ва оптикӣ дохил мешаванд [158, С.11].

Бозичаҳои техникӣ шавқу завқи кӯдаконро ба меҳнат афзун карда, талаботи азхуд намудани маҳорату малакаҳои техникиро ташаккул медиҳанд.

Таваҷҷуҳи кӯдакони синни томактабиро на танҳо ашёи нави техникӣ, балки фаҳмидану донистани тарзи коркарди он ба худ ҷалб месозанд. Кӯдакон мехоҳанд донанд, ки соат чӣ гуна кор мекунад, дар

дохили он чӣ ҷойгир аст. Овози аккордеон аз куҷо мебарояд, дар дохили он чӣ маҳфуз аст? Чӣ тавр оҳанрабо мехҳоро дарҳам мекашад? ва ғайра.

Ҳамин тариқ, бозӣ ҳамчун фаъолияти мустақили кӯдакон дар ҷараёни таълим ва тарбия ташаккул ёфта, ба инкишофи таҷрибаи фаъолияти шахс мусоидат мекунад.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ вазифаи ҷиддии педагогӣ мебошад. Ба сюжети бозӣ бедор кардани шавқу ҳаваси кӯдакон ва нишон додани пайдарҳамии амалҳо ҳадафҳои педагог дар раванди бозӣ ба шумор меравaнд. Бозиҳое, ки дар шакли дастрас тарҳрезӣ шудаанд, имконият медиҳанд, ки кӯдакон аз раванди он фароғат ва лаззат баранд.

Шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳоро педагог дар раванди машғулиятҳо идора намуда, қобилиятҳои ҳиссиёти кӯдаконро ба мисли: идрок, тафаккур, нутқ, хотира, ирода ва эмотсия ташаккул медиҳад. Инчунин, бо туфайли риояи шароитҳои педагогии ташкил бозиҳо дар ниҳоди кӯдакон сифатҳои тафаккури мантиқӣ тадриҷан инкишоф меёбад.

## 2.2. Бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ

Дар ҳама давру замон башарият ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии инсон баҳои баланд медод. Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар шароити кунунии ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Фазои холие, ки дар раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас ба вуҷуд омадааст, тақозои онро дорад, ки ин масъала ба таври ҷиддӣ ҳалли худро пайдо намояд. Ин раванд боиси тағйири фаҳмиши неку бад дар байни насли наврас гардида, ҷомеаро дар пеши хатарҳои таназзули маънавӣ-ахлоқӣ мегузорад.

Яке аз мушкилоте, ки имрӯз на танҳо ҷомеаи мо балки дигаронро ба ташвиш овардааст, ин коҳиш ёфтани арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас мебошад. Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, имрӯзҳо арзишҳои моддӣ ба арзишҳои маънавӣ бартарият пайдо кардаанд, аз ин рӯ тасаввуроти кӯдакон дар бораи некӣ, шафқат, адолат, саховатмандӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ то андозае таҳриф шудааст.

Ба андешаи педагог А.Б. Теплова: «Сарчашмаи маънавиёт рӯҳ аст. Маънавиёт тарзи зиндагиро ба роҳ мемонад ва эътиқоду боварӣ бошад воситаи нигоҳдорандаи маънавиёт ба ҳисоб меравад. Намунаи беҳтарини маънавиёт ва ахлоқ муътабар будан мебошад» [148, С.10].

Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ аз синни томактабӣ оғоз меёбанд. Ташаккули чунин сифатҳо бештар аз он вобаста аст, ки ин раванд, то чӣ андоза бомуваффақият амалӣ мешавад. Синни томактабӣ асоси инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон ва давраи ибтидоии тамоми принсипҳои олии инсонӣ мебошад.

Заминаи ҳама рафтор, гуфтор ва кирдори инсон аз кӯдакӣ оғоз мешавад. Яъне, қадамҳои нахустин, эҳсосот, дарк ва дониши аввалин дар бораи ҷаҳон дар синни хурдсолӣ инкишоф меёбанд. Ва чӣ гуна ин

ҷаҳон кӯдакро истиқбол мегирад, инкишоф ва ташаккул медиҳад, тамоми тақдири ояндаи ӯ аз он вобаста мебошад.

Кӯдакон дар синни томактабӣ бо роҳбарии педагог ва мураббиён таҷрибаи ибтидоии рафтор, муносибат бо наздикон, ҳамсолон, ашё, дарки табиат ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеаро меомӯзанд. Дар кӯдакон чунин хислатҳоро ба монанди: муҳаббат ба Ватан, хайрхоҳӣ, эҳтироми шахсони калонсол, қадр кардани меҳнати дигарон, хоҳиши ёрӣ расонидан ба рафиқон дар вақтҳои лозимӣ, фаъол будан ва ташаббус нишон додан дар фаъолияти мустақилона ташаккул додан зарур аст.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бо арзишҳои маънавӣ алоқаманд аст, ки маҳаки асосӣ дар ҳаёт ва рафтори ҳар як инсон арзёбӣ мегарданд. Агар шахс маънавиёти баланд дошта бошад, маънои ҳаётро дарк мекунад ва мақсади ҳаёт ин ба даст овардани арзишҳои олӣ ва тағйирнопазири инсонӣ мебошад. Рушди маънавиёт ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар зершуури худ байни неку бад дар вазъиятҳои мушаххас интихоби дуруст намоянд [14, С.7].

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва берун аз онҳо бо ёрии воситаю усулҳои муайян роҳандозӣ мегардад.

Воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро метавон ба якчанд гурӯҳ тақсим кард. Аз ҷумла:

- адабиёт, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, кино ва филмҳои тасвирӣ. Ин гурӯҳи воситаҳо дар ҳалли масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон хеле муҳим арзёбӣ мегарданд, зеро онҳо ба равандҳои эмотсионалии падидаҳои маърифатӣ мусоидат мекунанд. Таҳқиқоти сершумор (Маҷидова Б., Лутфуллозода М., Иматзода Л., Иззатова М. ва дигарон) нишон медиҳанд, ки кӯдакон афсона, шеър, ҳикояҳои ба онҳо хондашударо бо диққат, равшан ва бо як эҳсосоти баланд қабул мекунанд. Воситаҳои бадеӣ дар ташаккули ақидаҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар кӯдакон бештар муассир мебошанд;

- муҳити атроф ва табиат. Муҳити атроф ва табиат имкон медиҳанд, ки дар кӯдакон ҳиссиёти инсонгароёна ва башардӯстона бедор карда шавад. Хоҳиши ғамхорӣ зоҳир кардан ба шахсони куҳансолу заиф ва дасти ёрӣ дароз кардан ба онҳо дар ниҳоди кӯдакон меҳр, муҳаббат, шафқат, раҳмдилӣ, ягонагӣ ва самимона муносибат карданро парвариш медиҳад. Таъсири муҳит ва табиат ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсияти кӯдак дар заминаи шароитҳои ташкили мувофиқи педагогӣ воситаи муҳимтарини тарбияи ҳиссиёт ва рафтор мегардад. Муҳити атрофе, ки кӯдаконро фаро гирифтааст, воситаи тарбияи эҳсосот, ғояҳо ва рафтор гардида, тамоми механизмҳои тарбияи онҳоро ба кор андохта, ба ташаккули сифатҳои муайяни маънавӣ-ахлоқӣ таъсир мерасонад;

- бозӣ, меҳнат, таълим ва фаъолияти бадеӣ. Воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ чунин фаъолиятҳо аз ҷумла: бозӣ, меҳнат, таълим ва фаъолияти бадеӣ ба шумор мераванд. Ҳар як намуди фаъолиятҳои дар боло зикр гардида хусусиятҳои хоси худро доранд, ки вазифаи асосии онҳо фароҳам овардани шароит барои дуруст ба роҳ мондани инкишофи бомуаффақонаи кӯдакон мебошад;

- муносибат ва муошират. Муошират шарти асосии инкишофи кӯдакон, муҳимтарин омили ташаккули шахсият ва яке аз намудҳои асосии фаъолият буда, ба дарк ва баҳодиҳии худ тавассути шахсони дигар нигаронида шудааст. Муошират ҳамчун амали мутақобилаи одамон фаҳмида мешавад, ки ба ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳид кардани кӯшишҳо барои ноил шудан ба натиҷаи умумӣ нигаронида шудааст. Ҳар қадаре, ки кӯдакон калонтар шаванд, барои онҳо тарзи муносибат бо ҳамсолон муҳимтар мешавад. Муносибатҳои байниҳамдигарӣ барои ташаккули шахсият ва сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон замина мегузорад. Кӯдакон ба воситаи муошират ва муносибат таҷрибаи муносибатҳоро ба ҷаҳон, ба дигарон ва ба худ муайян мекунанд. Чун

қоида, ташаккул ва таҳкими ин таҷриба маҳз дар синни томактабӣ сурат мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки аз ҳамаи воситаҳои дар боло зикргардида, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд, фаъолияти бозӣ ва ҷалб кардани онҳо ба ин раванд самараноктар мебошад. Ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути бозӣ имкон медиҳанд, ки роҳҳо, воситаҳо, имкониятҳо ва хусусиятҳои кори педагогӣ бо кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ амиқтар дарк карда шаванд, ки дар раванди он кӯдакон таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии аз дигар фаъолиятҳо ба даст овардаро фаъолона аз нав коркард ва ташаккул медиҳанд.

Дар фаъолияти бозӣ назар ба дигар машғулиятҳо кӯдакон сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро бештар бомуваффақона ташаккул медиҳанд. Зеро, бозӣ як намуди фаъолиятест, ки дар он шахсият озодии комилро ба даст оварда, дар муқоиса бо дигарон муносибатҳои худро ба роҳ мемонад.

Ҷанбаи муҳиме, ки ба таҳкими ахлоқи дуруст мусоидат мекунад, дастгирии муҳити зист мебошад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ аз маҷмуи ҷаҳонфаҳмии шахсони гирду атроф вобаста мебошад. Дар урфият мақоле ҳаст, ки: «Ба ман бигуй, ки дӯсти ту кист, ман мегӯям, ки ту кистӣ»[67,С.17].

Синни томактабӣ давраест, ки дар он сифатҳо ва муносибатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, тарзи рафтор ва гуфтор дар кӯдакон фаъолона ташаккул меёбад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар инкишофи минбаъдаи кӯдакон нақши калон мебозад, зеро вай ба ташаккули фикрӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва эстетикӣ таъсири худро мерасонад.

Асосан, синни 4-5 солагӣ давраи миёнаи томактабӣ ба ҳисоб рафта, марҳилаи хеле муҳим дар ҳаёти кӯдак мебошад. Ин давраи инкишофи мунтазамӣ ва афзоиши ҷисмии кӯдак аст. Дар ин марҳила, хислати кӯдак ба таври назаррас тағйир ёфта, қобилиятҳои маърифатӣ ва коммуникативӣ фаъолона такмил меёбанд.

Ҳангоме, ки кӯдак ба муассисаи таълимии томактабӣ бори аввал меояд, барои ӯ ҳама чиз ва муҳит комилан нофаҳмо мебошад. Фаъолияти асосии кӯдакон, ки бозӣ ба шумор меравад, ҳама он ашёи номаълум ва номуайянро ба воситаи бозӣ меомӯзанд. Агар ба таври дигар гӯем дар бозӣ ба кӯдакон фаҳмидан, азхуд кардан, инкишоф додани малакаҳо ва донишҳои нав осонтар менамояд. Дар ин маврид бозӣ воситае мебошад, ки раванди таълиму тарбия барои кӯдакон осонтар, шавқовар ва ҷолибтар шавад. Вакте ки кӯдакон ба воситаи бозӣ таълим мегиранд, дар онҳо фаъолнокӣ ва шавқу ҳавас баланд гардида, инкишофи тафаккур ба маротиб сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки тафаккур асоси ҷаҳонфаҳмӣ, ҷаҳонбинӣ, тарзи рафтор, гуфтор, амал ва амсоли инҳо мебошад. Инчунин, тафаккур воситаи ташаккули маънавиёту ахлоқ ба ҳисоб меравад. Ва тафаккури инкишофёфта асоси муваффақиятҳои шахс маҳсуб меёбад.

Зери мафҳуми инкишофи тафаккур мо чиро дар назар дорем? Яъне, сараввал донем, ки нақши инкишофи тафаккур дар фаъолияти бозӣ дар кадом асос сурат мегирад. Тафаккур як раванди маърифатии равонӣ мебошад, ки имкон медиҳад, то иттилооти қаблан гирифташуда коркард карда шавад.

Инкишофи тафаккур дар ҳаёти кӯдакон аҳамияти калон дорад, ки ба воситаи он тамоми ахбороти аз муҳити атроф ба даст омада ба таври равандҳои равонӣ азхуд карда мешаванд. Ин амалиёти махсусан бузург ва душвор буда, аз шахс заҳматҳои дохилиро талаб дорад.

Тафаккур натиҷаи инкишофи фаъолияти маърифатӣ мебошад. Он аз лаҳзае ба миён меояд, ки кӯдак метавонад баъзе аз оддитарин робитаҳои байни зуҳуроти вокеиятро муқаррар намояд ва мувофиқи онҳо дуруст амал кунад. Ин тафаккури ибтидоӣ мебошад, ки бевосита бо коркарди ашё ва иҷрои амал бо онҳо пайдо мегардад [166, С.15].

Тафаккури мантиқӣ дар раванди бозиҳо ба кӯдакон имкон медиҳад, ки доираи васеи вазифаҳоро ҳал намуда, дониш, маҳорат ва малакаҳои навро аз худ кунанд.

Тафаккури мантиқӣ ин тафаккур тавассути мулоҳиза аст. Мулоҳиза маънои бо ҳам пайвастани донишҳои гуногунро дорад, ки шахс дар натиҷа ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас пайдо мекунад. Дар ҷараёни мулоҳиза таҳлили шартҳои масъала, муайян кардани он чӣ маълум аст, чӣ номаълум аст ва чӣ тавр дар асоси маълум ба номаълум омадан мумкин аст, ҳалли худро меёбанд [77, С.20].

Меъёрҳои асосии тафаккури мантиқии кӯдакон дар фаъолияти бозӣ инҳоянд:

- фарқ кардани аломатҳои муҳим ва хусусиятҳои онҳо;
- мулоҳиза кардан;
- муқоиса кардан;
- таҳлил;
- тасниф кардани объектҳо;
- баҳс кардан дар бораи нуқтаи назари худ;
- муайян кардани сабабҳо ва омилҳои пайдоиши вазъияти баамаломада;
- инкишоф додани тафаккури ғайристандартӣ.

Тафаккур ба низоми фаҳмишҳое асос ёфтааст, ки имкон медиҳанд амал дар шаклҳои умумӣ ва мантиқӣ инъикос карда шавад. Фаҳмиш донишҳои миёнаравӣ ва умумӣ дар бораи ашё буда, дар ифшои робитаҳо ва муносибатҳои асосии объективии онҳо асос ёфтааст. Дониш инъикоси муҳимтарин хусусиятҳои ашё ё ҳодисаҳо буда, дар асоси тасвирҳо бо дараҷаҳои гуногуни фаҳмиш ташаккул меёбанд.

Бояд қайд кард, ки кӯдакон бо қобилияти тафаккури баланд таваллуд намешаванд. Аввалин равандҳои тафаккур дар кӯдакон дар натиҷаи донистани хосиятҳо ва муносибатҳои ашёи дар атрофаш

иҳоташуда  ва дар чараёни дарки онҳо пайдо мешавад. Аз ин рӯ, инкишофи идрок ва тафаккур дар кӯдакон дар ягонагии зич мебошад. Нигоҳҳои аввалини тафаккури кӯдакон ба ашё дар натиҷаи амалан иҷро кардани ва таъсир расонидан ба ашё пайдо мешаванд. Ин шакли аввалини тафаккурро аёнӣ-амалӣ меноманд, ки ба ташаккули дигар шаклҳои мураккабтари равандҳои тафаккур мусоидат мекунад.

Асосан, тафаккур се қисмат дорад [53, С.13].

Нақшаи №4




Ҳангоми инкишофи кӯдак аввалин зуҳуроти тафаккури  аёнӣ-амалӣ дар охири соли якум ва дар аввали соли дуюми ҳаёти онҳо мушоҳида мешавад. Дар синни томактабӣ кӯдакон метавонанд, мушкилоти амалии дар назди онҳо мавҷудбударо дар асоси таҷрибаи гирифтаи худ аз фаъолиятҳо ҳал кунанд ва дар бисёр ҳолатҳо метавонад мустақилона дар вазъияти муайян роҳи баромаданро пайдо кунанд. Аммо, барои такмил додани тафаккури  аёнӣ-амалӣ, ҳатто дар кӯдакони муътадил инкишофёбанда низ фароҳам оварадани шароитҳои ташкилӣ-педагогии фаъолият зарур аст. Чунки, педагогро лозим аст, фаъолияти кӯдаконро ба як маҷрои муайян барои дарки муҳити атроф равона созад, ки дар натиҷа, таҷрибаи амал бо ашё умумӣ карда шуда, бомуваффақона омӯхта мешавад.

Тафаккури аёнӣ-амалӣ дар кӯдакон дар фаъолият ва машғулиятҳои амалӣ ташаккул меёбад. Принсипҳои тафаккури аёнӣ-амалӣ аллакай дар кӯдакони ҳафтмоҳа мушоҳида карда мешаванд ва то се сол фаъолона инкишоф меёбанд. Дар аввал, кӯдакон амалҳоро тавассути фаъолияти мустақим бо ашё ва бозичаҳо иҷро мекунанд.

Тафаккури аёнӣ-амалӣ як намуди тафаккурест, ки ба таассуроти бевоситаи ашё ва падидаҳои воқеият асос ёфта, ба воситаи ҳиссиёт ва дарк симои ибтидоии онҳо аз худ карда мешаванд. Дар ин маврид дигаргунии ҳақиқӣ дар ҷараёни амали мушаххас бо объектҳои мушаххас сурат мегирад [156, С.10].

Тафаккури аёнӣ-амалӣ вақте зоҳир мешавад, ки кӯдакон барои ҳалли масъалаҳои фаъолият фарзия эҷод карда, онҳоро дар ҷараёни амал роҳандозӣ мекунанд. Кӯдакон дар синни 3-5 солагӣ ба воситаи тафаккури аёнӣ-амалӣ метавонанд сохтани биноҳоро бо кубикҳо ва қисматҳои мошину ҳавопаймоҳоро васл карда, дар навбати худ онҳоро ба қисматҳо ҷудо кунанд. Ба ин васила, кӯдакон ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас пайдо карда, олами иҳотакардаро меомӯзанд.

Бояд қайд кард, ки кӯдакон аз хурдсолӣ ба воситаи ашёе, ки дар паҳлӯи онҳо ҷойгир аст, бо олами беруна тамос мегиранд. Педагог ва волидонро зарур аст, ки дар марҳилаи ибтидоӣ барои аз худ кардани олами атроф ба кӯдакон кумак намуда, шароити мусоиде баҳри муошират фароҳам оранд.

Дар айёми хурдсолӣ ламс дар кӯдакон фаъолтар мешавад. Кӯдакон бештар мекӯшанд, ки қисмҳои як ашёро аз ҳам ҷудо карда, онҳоро омӯзанд. Кӯдакон бозичаҳоро мешикананд ё коғазҳоро пора мекунанд. Яъне, кӯдакон ба ин васила фаҳмидан мехоҳанд, ки ҷаҳони атроф чӣ гуна арзи ҳастӣ мекунад.

Кӯдакон ҳанӯз қодир нестанд, ки хулосаҳои мураккаб бароранд ё ба таври назариявӣ фикр кунанд. Дар ин айём тафаккури кӯдакон ба амалия ба тариқи озмоиш ва хато асос ёфтааст. Ин аст, ки кӯдакон аксар

вақт як амалро якчанд маротиба такрор мекунанд. Масалан, онҳо бозичаро аз рӯйи миз мепартоянд ва аз афтидани он лаззат мебаранд. Дар ин асно, майнаи кӯдакон ин амалро ҳамчун тамсилаи интизории воқеият сабт мекунад. Агар дар ин лаҳза бозича нею ягон ашёи барои кӯдак нофаҳмо ба замин афтад, вай ҳайрон монда бодиққат ҳолатро аз назар мегузаронад. Ва кӯшиш мекунад, ки таҷрибаро такрор ба такрор, то натиҷаи ниҳоӣ иҷро кунад.

Ҳаракати даст дар ин марҳила аз тафаккур пеш аст. Аз ин рӯ, ин навъи тафаккурро дастӣ низ меноманд [26].

Тафаккури аёнӣ-амалӣ марҳилаи аввали инкишофи фаъолияти майна мебошад, бинобар ин, пурра гузаштани ин марҳила дар инкишофи минбаъдаи майна ва ташаккули сифатҳои маънавӣ аҳамияти калон дорад.

Гарчанде, ки тафаккури аёнӣ-амалӣ марҳилаи ибтидоӣ номида мешавад, аммо ин намуди тафаккурро бисёриҳо дар синни калонсолӣ фаъолона истифода мебаранд. Масалан, челонгар ё сохтмончӣ барои он, ки ягон ашёро дар фаъолият истифода намояд, аввал онро мебинад, ламс мекунад ва баъдан дар амал истифода мебарад. Албатта, дар ин маврид ин навъи тафаккури холиси аёнӣ-амалӣ ба ҳисоб намеравад, зеро шахси калонсол фаъолияти минбаъдаи худро бо дигар намудҳои фаъолияти майна тарҳрезӣ карда метавонад. Хусусияти фарққунандаи майнаи калонсолон аз хурдсолон дар ҳамин асос меёбад. Яъне, тафаккури калонсолон қобилияти гузариш байни намудҳои гуногуни тафаккур вобаста ба вазифаҳои дар пешистодаро тарҳрезӣ мекунад.

Тафаккури аёнӣ-образнокро дар адабиёти психологию педагогӣ шакли тафаккуре меноманд, ки ба воситаи он хосияти ашё дар асоси сохтани тамсила барои ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ дониста мешавад. Ин намуди тафаккур ҳамчун марҳилаи инкишофи зеҳн бо истифодабарии меъёрҳои муайяни идрок асос ёфтааст, ки дар заминаи онҳо алоқаҳои норавшани байни ашёро ошкор кардан мумкин аст.

Тафаккури аёнӣ-образӣ як навъи тафаккурест, ки ашё ва падидаҳои воқеият дар асоси хаёл вуҷуд дошта, ҳамчун тасвирҳои дуюмдараҷа дар шакли расм, сохтор, ҷадвал ва нақша дар майнаи сар ба шакли намуна арзи ҳастӣ мекунад [130, С.17].

Тафаккури аёнӣ-образнок намуди асосии тафаккури кӯдаки синни томактабӣ мебошад. Шаклҳои тафаккури аёнӣ-образнокӣ аллакай дар айёми барвақтӣ дар кӯдакон пайдо шуда, дар ҳалли доираи масъалаҳои амалии вобаста ба фаъолияти объективӣ ва бо истифода аз воситаҳои оддитарин зоҳир мегардад. Дар ибтидои синни томактабӣ кӯдакон дар шуури худ танҳо чунин вазифаҳоеро ҳал мекунанд, ки амали даст ё асбоб бевосита ба ноил шудан ба натиҷа нигаронида шудааст.

Хусусияти асосии тафаккури аёнӣ-образнокӣ дар он аст, ки кӯдакон мушкилот ва масъалаҳои ҳаётро на танҳо дар ҷараёни амалҳо бо ашёҳо, балки дар ақл дар асоси образҳо ҳал мекунанд. Иҷрои бомуваффақияти ин равандҳои равонӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки кӯдакон тавонанд дар зеҳни худ ашёро ба қисмҳои гуногун муттаҳид созанд ва илова бар ин, дар онҳо хусусиятҳои муҳиме, ки барои ҳалли масъалаҳои гуногун муҳиманд, ҷудо кунанд. Сатҳи ташаккули тафаккури аёнӣ-образнокӣ асосан бо инкишофи хотираи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат муайян карда мешавад.

Тафаккури аёнӣ-образӣ дар доираи тафаккури аёнӣ-амалӣ инкишоф ёфта, марҳилаи навбатии рушди тафаккур мебошад. Тафаккури аёнӣ-образӣ чунин тавсиф мешавад, ки муҳтавои вазифаҳо ба таври аёнӣ пешкаш гардида, ҳалли онҳо бо роҳи дар шуур ба шакли образҳо ва хаёл амалӣ мегарданд[104].

Тавре зикр кардем тафаккури аёнӣ-образнокӣ як намуди тафаккурест, ки ба дарк ва аз сар гузаронидан асос меёбад. Тафаккури аёнӣ-образнокӣ дар се раванди равонӣ асос меёбад:

- офаридани образ;
- амалиётҳои образӣ;

- самтгирӣ дар муҳит.

Ҳар се раванд асоси умумӣ ва таҳкурсӣ доранд, ки аз намуд ва мазмуни фаъолият вобастагӣ надоранд.

Яке аз аломатҳои муҳими инкишофи тафаккури аёнӣ-образнокӣ он аст, ки образи нав аз маълумоти ибтидоие, ки дар асоси он сохта шудааст, то андозае фарқкунанда мебошад.

Барои пайдоиши тафаккури аёнӣ-образнокӣ дар кӯдакони синни томактабӣ қобилияти дидани фарқияти ашёи образнокро аз асл инкишоф додан лозим аст. Кӯдакон ҳангоми истифодаи ашёи образнок онҳоро беҳтар меомӯзанд, хосиятҳои ниҳоиро ошкор мекунанд ва сипас дониши гирифтаашонро ба объекти воқеӣ интиқол медиҳанд.

Бозӣ бо ашё бозиест, ки бо истифода аз бозичаҳои дидактикӣ, мозаика ва маводи табиӣ истифода мешавад. Дар раванди иҷрои амалҳо бо ашё ва маводҳои табиӣ дар кӯдакони синни томактабӣ мулоҳиза ва хулосабарорӣ инкишоф меёбад. Яъне, кӯдакон ашёро ба таври образ дар тафаккури худ ташаккул медиҳанд, ки баъдтар чандирӣ ва динамикӣ мешаванд.

Барои ташаккули тафаккури аёнӣ-образнокии кӯдакони синни томактабӣ бозичаҳоеро, ки ба қисматҳо ҷудо мешаванд, дар раванди бозиҳо роҳандозӣ кардан лозим аст. Дар аввал ба кӯдакон дуруст ҷудо кардан ва васл кардани қисматҳои бозичаҳоро нишон додан муҳим мебошад. Педагог ва мураббиёнро зарур аст, қадам ба қадам амалҳоро барои аз худ кардани қисматҳои бозӣ такрор намоянд. Бо мурури замон, омӯзиши хосиятҳои ашё дар тафаккури кӯдакон нақш баста, шакл, андоза ва фарқ кардани онҳоро меомӯзанд.

Рушди тафаккури аёнӣ-образнокии кӯдакони синни томактабӣ дар чунин шаклҳои таълим сурат мегиранд:

Нақшаи №5




Дар синни миёнаи томактабӣ (4-5 сола) асосҳои тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ дар фаъолияти кӯдакон пайдо мешаванд. Дар ин айём қобилиятҳои пурра ва мантиқӣ, баёни андеша, хондан, шунидан ва ғайра ташаккул меёбанд.

Аллакай дар синни чорсолагӣ кӯдакон ба марҳилаи амалҳои мантиқӣ мерасанд, ки баъд аз он тафаккури онҳо ба тафаккури калонсолон монанд мешавад. Кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми ба миён омадани иҷрои вазифае, ки барои он таҷриба ва дониш нокифоя мебошад, ба тафаккури аёнӣ-амалӣ муроҷиат мекунанд. Дар ҳолатҳои дигар, амалҳо бо образҳо бартарӣ доранд.

Кӯдакони синни 6-сола бештар бо рамзҳо кору амалҳоро иҷро мекунанд. Яъне, кӯдакон дар фаъолияти бозиҳо иваз кардани ашёро бо калимаҳо, рақамҳо ва ҷадвалҳо истифода мебаранд. Чунин тарзи фаъолият тафаккури мантиқии кӯдаконро рушд мебахшад. Асосан, заминаҳои рушди тафаккури мантиқӣ дар синни томактабӣ гузошта мешаванд. Кӯдакон дар синни 5-солагӣ метавонанд амалиёти тафаккури мантиқиро дар сатҳи оддӣ азхуд кунанд. Яъне, ашёро бо дигар ашё муқоиса, умумӣ, гурӯҳбандӣ, системасозӣ, таносуби семантикӣ ва ғайра мекунанд.

Ҷиҳати аз худ кардани амалиёти мантиқӣ кӯдакон бештар бодиққат мешаванд, равшан ва фаҳмо фикр карданро ёд мегиранд ва дар вақташ ба моҳияти масъала сарфаҳм мераванд [28, С.5].

Дар синни томактабӣ дар ниҳоди кӯдакон таҳкурсии зеҳн гузошта мешавад. Бартарии шакли муайяни тафаккур ба ташаккули амалиёти равонӣ вобаста аст. Барои инкишофи шаклҳои образнокии тафаккур ташаккул ва такмили образҳои якхела ва қобилияти кор кардан бо образҳо дар фаъолият аҳамияти калон дорад. Дар фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ равандҳои махсуси тафаккури дохилӣ мустақилияти нисбӣ пайдо карда, амалисозии амалҳои объективии беруниро, ки ба ноил шудан ба натиҷаҳо нигаронида шудаанд, таъмин ва муайян мекунанд.

Ташаккул додани тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, бояд аз хурдсолӣ ба роҳ монда шавад. Зеро, функсияи асосии майнаи сар тафаккур ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки ягон намуди фаъолият бе ташаккули тафаккур фаъолияти дуруст карда наметавонад. Тафаккур асоси бомуваффақият азхуд кардани дониш, малака ва маҳорат мебошад. Аз ин рӯ, ташаккул додани асосҳои тафаккури шифоҳӣ-мантиқӣ дар кӯдакон ҳанӯз пеш аз оғози таҳсил дар мактаб хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре борҳо ишора кардем бозӣ ҳамчун фаъолияти асосии кӯдакони синни томактабӣ дар ташаккули шахсияти онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ҳар як намуди бозӣ (дидактикӣ, халқӣ, нақшофарӣ, серҳаракат ва ғайра) ба рушди маънавӣ-ахлоқии кӯдакон таъсири мусбат мерасонанд.

Бозӣ кӯдаконро ба андеша кардан дар бораи рафтор, гуфтор ва кирдори худ талқин намуда, ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии онҳоро инкишоф ва тарбия мекунад.

Бозиҳо воситаи бузурги тарбиявӣ буда, ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон мусоидат мекунанд. Бозиҳои серҳаракат, дидактикӣ, маърифатӣ, нақшофарӣ ва ғайра дар инкишоф ва ташаккули шахсияти кӯдакон нақши созгор доранд.

Бозиҳои серҳаракат. Бозиҳои серҳаракат на танҳо барои ҳалли масъалаҳои рушди ҷисмонии кӯдакон, балки барои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ низ мавриди истифода қарор мегиранд. Педагог ва мураббӣ дар раванди чунин бозиҳо рафтори кӯдаконро мушоҳида карда, сифатҳоеро, ки дар ҷараёни машғулиятҳои ғайрибозӣ нуҳуфта мебошанд, ошкор месозанд. Ва вобаста ба ҳар як сифатҳои инфиродии кӯдакон баҳри роҳандозии дурусти тарбия чораҳои амалӣ меандешанд. Яъне, бозӣ воситаи муайян ва ошкор сохтани равандҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва маърифатии кӯдакон мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми интихоби бозӣ муҳим аз ҳама ҷойи баргузории бозӣ, соати баргузорӣ, фасли сол, шароитиҳои метеорологию иқлимӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Зеро, бозиҳое, ки барои фасли тобистон дар стандарт ва барномаи корӣ пешниҳод гардидаанд, дар фасли тирамоҳ ё зимистон гузаронидани онҳо ғайриимкон ва ба манфиати кор нахоҳанд буд. Инчунин, сатҳи муташаккилии кӯдакон ва интизоми онҳоро низ ба назар гирифтан лозим аст. Агар кӯдакон ба қадри кофӣ муташаккил набошанд, пас аввал бозии камҳаракатро интихоб карда, онро оҳиста-оҳиста мураккаб кардан лозим аст [135, С.4].

Бозиҳои серҳаракат ба тарбияи зеҳн, диққат, мушоҳида, тасаввурот ва рушди сифатҳои мусбат мусоидат мекунанд. Амалҳои фаъол дар бозӣ барои аз байн бурдани шубҳа, хастагӣ, шармгинӣ ва амсоли инҳо кумак мекунанд. Кӯдак бояд дар байни рафиқон ва ҳамсабақон худро баробар эҳсос кунад. Ҳангоми иҷрои амалҳои муваффақона дар фаъолияти бозӣ дар ниҳоди кӯдакон далерӣ, чолокӣ ва ҳисси бовариро баланд мебардорад. Бозиҳои серҳаракат мисли дигар намудҳои бозиҳо шакли ташкили ҳаёти кӯдакон дар коллектив буда, дар тарбияи муносибатҳои байни онҳо аҳамияти калон доранд. Дар бозиҳои коллективӣ муваффақияти бозӣ аксар вақт аз мавқеи шарик ва рафтори бозингарон вобастагӣ дорад. Масалан, дар бозии «Парчамбарак» новобаста аз он, ки иштирокчии бозӣ аз тарафи рақибон дастгир карда мешавад, бояд шарики худро наҷот диҳад. Ё дар бозии «Кадом тим пештар саф мекашад» агар як иштирокчии бозӣ заифтар

ва ба мушкилот дучор ояд, тамоми дастаро дар ҳолати ногувор мемонад. Яъне, чунин бозиҳо кӯдаконро талқин ва ташвиқ месозанд, ки аз тамоми нерӯйи ҷисмонӣ ва маҳорати худ, дар раванди бозӣ истифода намуда, барои даста ғолибиятро таъмин созанд. Инчунин, ин тарзи бозиҳо дар замири кӯдакон ҳисси масъулиятшиносӣ, ухдадорӣ, таҳаммулпазирӣ ва ягонагиро парвариш медиҳанд.

Воситаи дигари тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои нақшофарӣ ба ҳисоб мераванд. Арзиши ин гуна бозиҳо ҳамчун восита ва усули муассири тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар он аст, ки ба кӯдак имкон медиҳанд, ки озодонаву мустақилона муносибатҳоро бо кӯдакони дигар дар асоси ҳадафҳои ягона барқарор кунанд. Дар бозиҳои нақшофарӣ муваффақона ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва дараҷаи азхудкунии меъёру қоидаҳои рафтор дар кӯдакон равшан зуҳур мегардад. Кӯдакон дар фаъолияти бозиҳои нақшофарӣ аз ҳаёти калонсолон нусхабардорӣ карда, шаклҳои тарзи муносибату муошират ташаккул меёбанд.

Оҳиста-оҳиста дар бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ таҷрибаи ғайримустақим, яъне донишҳое, ки аз китобҳо, суҳбатҳо бо калонсолон ва ҳикояҳое, ки падару модар ба онҳо омӯхтааст, ҷойи афзояндаро ишғол мекунанд. Табиати таҷрибаи мустақим низ тағйир меёбад. Кӯдакон дар раванди бозиҳо на танҳо он воқеаҳоеро, ки дар онҳо худ иштирок доштанд, балки лаҳзаҳое, ки дар сайру гаштҳо, машғулиятҳо ва дар ҳаёти ҳаррӯза мушоҳида кардаанд, инъикос мекунанд [164, С.17].

Тарафи дигари масъалаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар он аст, ки дар баъзан ҳолат кӯдакон намедонанд, бо кадом тарз ба ҳамсолони худ ёрӣ расонанд. Яъне, дараҷаи инкишофи зуҳуроти инсондӯстона дар кӯдакон ба имкониятҳои синну соли онҳо мувофиқат намекунад. Баъзан кӯдак вазъияти душвори дӯсташро дида, ба ӯ ҳамдардӣ намекунад ва кӯшиш ҳам намекунад, ки кӯмак расонад. Дигарон ҳамдардӣ карда, намедонанд, ки чӣ гуна ёрии муассир

расонанд. Ҳассосияти гуногуни эмотсионалии кӯдакон нисбат ба дигарон аз педагог ва мураббиён талаб мекунад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як иштирокчиро ба назар гирифта, тарҳрезии мақсаднокро ба роҳ монанд.

Масалан, ҳангоми пажуҳиши худ мо як ҳолатеро дар муассисаи таълимии томактабии № 119 вохӯрдем, ки айнан ба ҳамин манзара шабоҳат дошт. Кӯдакон бозии нақшофарии «Духтур ва бемор»-ро иҷро мекарданд. Як кӯдак бо номи Шаҳноза нақши духтур, кӯдаки дигар бо номи Ҷамила нақши бемор ва дигар кӯдак – Саодат нақши модари беморро меофариданд. Сюжети бозӣ чунин буд, ки бемор (Ҷамила) ба назди табиб (Шаҳноза) омада, аз дарди шикам ба духтур шикоят мекард. Ва ӯ бо овози дарднок «Ой шикамам дард дорад, шикамам дард» гуфта, дарди худро нола мекард. Духтур (Шаҳноза) ба ӯ нигариста мегӯяд: «Намебинӣ ман дигареро табобат дорам». Ва пас аз чанд лаҳза ба назди бемор(Ҷамила) ва модари бемор (Саодат)меояд ва ба ӯ мегӯяд, ки «Ҳозир мо духтари шуморо барои сиҳат ёфтанаш сузандору мегузаронем». Бемор (Ҷамила) мегӯяд, ки «Ман аз сӯзандору метарсам». Модари бемор (Саодат) ва духтур (Шаҳноза) ба шикояти бемор (Ҷамила) эътибор намедиҳанд. Духтур (Шаҳноза) новобаста аз шикоятҳои бемор (Ҷамила) ба ӯ сӯзандорӯ мегузаронад. Ва мегӯяд, ки «Ана акнун ту сиҳат мешавӣ».

Тавре мебинем кӯдакон танҳо вазифаҳоеро иҷро мекунанд, ки дар бозии нақшофарӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Инкишофи бозии нақшофарӣ бе роҳнамоии дурусти педагогӣ, ҳатто дар шароити муассисаи томактабӣ, дар сатҳи амалҳои такрористеҳсолӣ ва хусусияти берунии муносибатҳо ба таъхир меафтад.

Дастгирии педагогӣ ва роҳнамоии бозиҳои нақшофарии кӯдакони синни томактабӣ ҷузъи муҳими салоҳияти касбии педагог ва мураббӣ мебошанд. Дастгирии педагогӣ як намуди махсуси фаъолияти касбӣ мебошад, ки ҳаракатҳои педагогро дар баробари кӯдакон (дар баъзан ҳолат каме пештар ва дар ҳолати дигар ҳамчун назоратчӣ) инъикос мекунад [22, С.6].

Воситаи дигари муассири ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ин бозии дидактикӣ мебошад. Ин бозиҳо ба инкишофи тамоми ҷанбаҳои шахсияти кӯдакон мусоидат мекунанд:

- мустақилиятро афзун гардонида, ба ташаккули муносибатҳои дурусти байни кӯдакон мусоидат мекунанд;
- маҳорати якҷоя бозӣ карданро рушд мебахшанд;
- ба ҳамдигар ёрӣ расонидан ташаккул меёбад;
- хислатҳои ҳамидаи инсониро тақвият мебахшанд;
- манфиатҳои коллективонаро ба роҳ мемонанд.

Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи таълим дар педагогикаи томактабӣ нақши муҳим доранд ва барои азхуду мустаҳкам намудани донишҳои гирифташуда мусоидат мекунанд. Хусусияти назарраси бозиҳои дидактикӣ дар он аст, ки дар раванди машғулиятҳо вазифаҳо ба таври бозӣ пешниҳод карда шуда, на танҳо раванди маърифатӣ, балки раванди тарбиявиро низ дар бар мегиранд.

Ба андешаи А.И. Сорокина сухани педагог асоси фаъолияти бозӣ ба шумор меравад. Ҳангоме, ки педагог тарз, усул ва роҳҳои бозиро ба кӯдакон меомӯзонад, онҳо моҳияти бозиро хуб дарк карда, мувофиқи қоидаҳо амал мекунанд [139, С.24].

Бозиҳои дидактикиро метавон ба бозиҳо бо ашё, бозичаҳо, шифоҳӣ, рӯйимизӣ ва мусиқӣ-дидактикӣ ҷудо кард. Агар бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи вазифаашон як бошад ҳам, вале аз рӯйи шакл, қоида, тарз ва сохтор гуногун мебошанд. Агар вазифаи таълимии бозиҳои дидактикӣ бо мақсади таълим роҳандозӣ гарданд ҳам, таъсири тарбиявии он аз ҷониби педагог ва мураббиён амалӣ карда мешаванд. Яъне, педагог дар ҷараёни роҳандозии бозиҳои дидактикӣ бояд ҷанбаҳои ҳам маърифатӣ ва ҳам тарбиявии онҳоро ба эътибор гирад. Ва ҳар қадар бозиҳо гуногунранг бошанд, барои кӯдакон ҳамон қадар ҷолиб ва хурсандибахш мегарданд.

Мусаллам аст, ки дар кӯдакони 3-4 сола диққат ҳанӯз устувор инкишоф наёфтааст, бинобар ин, барои азхудкунии дониш бо онҳо гузаронидани бозиҳои дидактикии шифоҳӣ бо истифода аз ашёи аёнӣ ба

мавридаст. Чунин бозиҳо ба кӯдакон хурсандӣ бахшида, ҳиссиёти эмотсионалии онҳоро бедор карда, машғул гардидан ба бозиро ташвиқ мекунад.

Барои кӯдакони синни томактабии 5-6 сола ҳар қадар сатҳи инкишофи умумии онҳо баланд бошад, таъсири тарбиявии бозиҳо ва ҷаҳонфаҳмӣ самараноктар ба роҳ монда мешавад. Бозиҳои дидактикӣ фаъолияти фаъоли кӯдаконро инкишоф дода, донишҳои заруриро ғанӣ мегардонанд. Дар раванди бозӣ кӯдакон дарк мекунанд, ки муваффақият, асосан, аз кӯшиши худи онҳо вобаста аст ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки чизҳо ва падидаҳои навр омӯзанд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар бозиҳои дидактикӣ аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама онҳо меомӯзанд, нисбат ба ҳамдигар муносибат ва одилона рафтор мекунанд, дар ҳолатҳои зарурӣ ба якдигар кумак мекунанд ва ҳамдилию якдигарфаҳмӣ нишон медиҳанд.

Тавре дар боло ишора кардем, агар бозӣ ҷанбаи таълимию тарбиявӣ надошта бошад, натиҷаи кори педагог бесамар мемонад. Ба андешаи М. Монтессори ва Ф. Фребел бозӣ бояд таълим диҳад, дар акси ҳол вай «бозии пуч»-ро мемонад, ки ба рушди кӯдакон ягон таъсир намерасонад [65, С.11].

Аз ин рӯ, педагогро зарур аст, бо истифода аз тамоми маҳорати касбии худ, бозиҳоро воситаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон гардонад.

Инчунин, бозиҳои дидактикӣ ҷанбаҳои равонии кӯдаконро аз ҷумла: диққат, мушоҳида, хотира ва зеҳнро инкишоф медиҳанд. Бозиҳои дидактикӣ шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон донишҳои мавҷударо дар ҳолатҳои гуногуни раванди машғулиятҳо истифода баранд.

Бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи дурусти муносибатҳои байни кӯдакон зарур буда, дар ҳаёти коллективӣ инкишоф ёфтани онҳоро таъмин месозад.

Илова ба ин, бозиҳои дидактикӣ воситаи омӯзонидани кӯдакон барои бартараф намудани душвориҳои гуногун дар фаъолияти фикрӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор мераванд. Ин бозиҳо дорои имкониятҳои бузург ва муассири тарбиявӣ ба кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Амали

бозӣ ва қоидаҳои бозиҳои дидактикӣ ҳар қадар пурмазмун бошанд, кӯдакон ҳамон қадар фаъол мегарданд. Ва ин ба педагог имконият медиҳад, ки муносибатхои кӯдаконро ба мисли: мувофиқи қоидаҳои бозӣ бо навбат амал кардан, ба эътибор гирифтани хоҳиши иштироккунандагон ва ёрӣ расонидан ба рафиқон дар лаҳзаҳои душворро ба танзим дарорад. Дар раванди бозӣ ба зуҳури ташаббуси ҳар як кӯдак эътибор додан лозим аст. Ишора бояд кард, ки хислатҳои шахсияти кӯдакон худ аз худ тарбия намеёбанд. Педагог бояд онҳоро тадриҷан, босаброна ва пай дар пай дар ниҳоди кӯдакон ташаккул диҳад. Агар ба кӯдакон бозиҳои дидактикӣ пешниҳод гардаду бозичаҳо гуногун дода шавад, вале қоидаҳои бозӣ ба онҳо фаҳмонида нашавад, он гоҳ бозӣ бетартибона гузашта, моҳияти тарбиявии худро гум мекунад.

Масалан, дар раванди бозии дидактикии «Ҷуфтҳои мувофиқро аз кубикҳо ёбед» - агар кӯдак, ҷуфтҳои ба ҳам монанди ҳайвонотро ҷамъ накунаду ба сохтани хона аз кубикҳо машғул гардад, пас ин гуна бозиҳо гарчанде дар онҳо воситаҳои дидактикӣ истифода мегарданд, дидактикӣ шуморида намешаванд ва дар таълиму тарбия нафъе расонида наметавонанд.

Қоидаҳои бозӣ аҳамияти калони тарбиявӣ доранд. Қоидаҳо талаботи муайяне мебошанд, ки бояд аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни бозӣ риоя карда шаванд. Риоя кардани қоидаҳои бозӣ дар кӯдакон ирода, устуворӣ, қобилияти бошуурона идора кардани ҳаракатҳои худ ва эҳтиром кардани рақибонро рушд мебахшад [72, С.21].

Дар бозиҳои дидактикӣ рафтор, гуфтор ва кирдори кӯдакон бо қоидаҳои бозӣ ба танзим дароварда мешаванд. Барои он ки бозӣ воқеан ҳадафҳои таълимию тарбиявӣ дошта бошад, кӯдакон бояд қоидаҳоро хуб донанд ва онҳоро дақиқ риоя кунанд. Вазифаи муҳими педагог ҳам дар ҳамин асос меёбад. Яъне, кӯдаконро аз синни хурдсолӣ ба қоидаҳои рафтору гуфтор ва тарзи муошират ба воситаи бозиҳо шинос намояд.

Дар бозиҳои дидактикӣ истифодаи лӯхтакҳо воситаи муассири ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ба

шумор меравад. Кӯдакони ҳама гуна синну соли томактабӣ бо лӯхтакҳо бозӣ карданро меписанданд. Бозиҳо бо лӯхтакҳо аз қабили: «Муоличаи лӯхтак», «Сайругашт бо лӯхтак», «Оббозӣ кардани лӯхтак», «Хоб кардани лӯхтак» ва ғайра асосан барои мустаҳкам кардани нутқ, зеҳн, диққат ва ташаккули ҷанбаҳои эстетикии кӯдакон мусоидат мекунанд. Лӯхтак бозичаи дӯстдоштаи кӯдакон аст. Онҳо ба ӯ ҳамон гуна муносибат мекунанд, ки модар ба фарзандаш муносибат мекунад. Аз ин рӯ, педагог ва мураббиёнро зарур аст, то дар машғулиятҳои худ аз лӯхтакҳо баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, бозиҳо воситаи муассири ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ба шумор мераванд. Бозиҳо дар кӯдакон қобилияти ҷудо кардани чизи муҳим, донистани хосияти ашё ва муҳити атрофро инкишоф медиҳанд. Ва барои амиқтар ва пурратар дарк кардани падидаҳои воқеият кӯмак мекунанд. Бозӣ ба рушди тасаввуроти эҷодӣ, ки барои фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва меҳнатии кӯдак зарур аст, мусоидат мекунад.

Бозӣ дар кӯдакон сифатҳои муҳими инсониро ташаккул дода, барои ноил гардидан ва аз худ кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои рафтор, ки дар ташаккули шахсияти онҳо нақши ҳалкунанда доранд, шароит фароҳам меоранд.

Ва ниҳоят, бозиҳо кӯдаконро ба мактаб омода мекунанд. Ба воситаи бозиҳо кӯдакон мафҳумҳои математикии ибтидоиро аз худ карда, қобилиятҳои зеҳниро рушд мебахшанд.

### 2.3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо

Яке аз қисматҳои дигари диссертатсия ин гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ мебошад.

Дар бахши амалии таҳқиқот нақши бозиҳо дар ташаккули маънавиёт, ахлоқ ва ташаккули сифатҳои муҳими инсонӣ ба мисли: хайрхоҳӣ, масъулият, уҳдадорӣ, меҳрубонӣ, шафқат, ғамхорӣ, инсондӯстӣ, ҳамдилӣ ва ёрии ҳамдигарӣ муайян карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки ба таври сунъӣ низоми тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро ба вуҷуд овардан мумкин нест. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар тули асрҳо ва раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, дар урфу одат, расму оин ва тарзи зиндагии одамон зоҳир мегардид. Аз ин рӯ, ба низом даровардан ва эҳёи арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро дар ҷомеа, инчунин муносибатҳои анъанавии байни педагог ва кӯдаконро ба роҳ мондан лозим аст.

Тарбияи маънавию ахлоқӣ ташаккули шахсияти комилро таъмин намуда, ба инкишофи муносибатҳои созанда роҳандозӣ менамояд. Ин масъала танҳо дар натиҷаи татбиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакони синни томактабӣ ҳалли худро меёбад.

Инкишофи шахсият, махсусан, дар синни томактабӣ, ки аллакай қобилиятҳои фарқ кардани мафҳумҳои «некӣ» ва «бадӣ» ташаккул меёбанд, роҳандозии дурусти педагогӣ ва шароитҳои мусоид омода кардан аз манфиат холӣ нест. Бе тарбияи дурусти педагогӣ дар фаъолият мо ба натиҷаи назаррас дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ноил гардида наметавонем. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳарчи зудтар таъсис додани низоми муътадили амалкунандаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, ки дар асоси арзишҳои фарҳанги анъанавӣ ва

педагогикаи мардумӣ тарҳрезӣ шудаанд ва ба талаботи рушди шахсияти кӯдак ҷавобгӯ мебошад, роҳандозӣ намудан лозим аст.

Маҳз, корҳои озмоишӣ ва мақсади мо ҳам дар ҳамин асос меёбад. Яъне, муайян ва ошкор кардани шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ.

Корҳои омӯзишии таҳқиқот дар пойгоҳи Муассисаҳои таълимии томактабии № 119, 82, 55-и шаҳри Душанбе ва № 1, 2-и ноҳияи Шаҳринав гузаронида шуд.

**Фарзияи озмоиш** - ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро ба роҳ мондан мумкин аст, агар шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дуруст ба роҳ монда шаванд.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои озмоишӣ **вазифаҳои зерин** баҳри муайян ва ошкор кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кудакони синни томактабӣ дар бозиҳо ҳаллу фасл карда шаванд:

1. Муҳайё намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳое, ки дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ёрӣ мерасонанд.

2. Интихоби усулҳо ва меъёрҳои ташхис, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ нигаронида шудаанд;

3. Муайян ва ошкор кардани сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ.

4. Коркарди натиҷаҳои ниҳоии сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ.

Асосҳои методологии корҳои озмоиширо барои ошкор кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ корҳои олимон ба мисли: Маҷидова Б., Иматова Л., Иззатова М., Вигодский Л.С., Тихеева Е.И., Сохина Ф.А. ва дигарон ташкил доданд.

Дар раванди корҳои озмоишӣ чунин **методҳо** барои муайян кардани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ роҳандозӣ карда шуд:

- мушоҳидаи фаъолияти бозии озодонаи кӯдакон ва бо ёрии педагог;
- муқоисаи сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо;
- мусоҳиба бо кӯдакон, падару модарон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ;
- гузаронидани пурсишнома бо падару модарон ва мураббиён.

Натиҷаҳои интизорӣ аз корҳои озмоишӣ барои муайян кардани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.




Бояд ёдовар гашт, ки дар корҳои озмоишӣ 312 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 220 нафар кӯдакони синни томактабӣ, 36 мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ ва 52 нафар падару модарон буданд. Аз 220 нафар кӯдаконе, ки дар озмоиш ширкат

варзиданд, 123 нафар ба гурӯҳи озмоишӣ ва 97 нафар ба гурӯҳи назоратӣ шомил гардиданд.

Корҳои озмоишӣ дар **се марҳила** гузаронида шуданд:

**Марҳилаи аввал** ин муайянкунӣ мебошад, ки дар он воситаҳои ташхис барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ интихоб карда шуд.

**Марҳилаи дуюм** - кори инкишофдиҳӣ бо кӯдакони синни томактабӣ дар асоси фаъолияти бозӣ баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ буд.

**Марҳилаи сеюм** марҳилаи ниҳоӣ мебошад, ки дар он ташхис барои муайян кардани сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар асоси фаъолияти бозӣ гузаронида шуд.

Сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси фаъолияти бозӣ чунин муайян кардем:

1. Дараҷаи тасаввурот. Тасаввурот хусусияти равонии инсон аст, ки ба ӯ имкон медиҳад на танҳо дар ҷаҳони воқеӣ, балки дар ҷаҳоне, ки ихтироъ кардааст, амал кунад, чизи навро ихтироъ ва онро ба воқеият табдил диҳад.
2. Эҳсосот. Ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани эҳсосот ташаккули муносибатхои устувори эмотсионалиро ифода намуда, ба таҷрибаи таъсири мутақобила бо объект асос меёбад.
3. Рафтору кирдор. Рафтор ва кирдор ин амали бошуурона буда, ҳамчун амали худмуайянкунии ахлоқӣ баҳо дода мешавад, ки дар он ӯ худро ҳамчун шахс дар муносибат бо шахсони дигар, ҷомеа ва табиат инъикос мекунад.

Барои ба таври одилона баҳо додан ба дараҷаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ ҳам ба гурӯҳи назоратӣ ва ҳам ба гурӯҳи озмоишӣ шароитҳои якхела муҳайё карда шуд. Дар баробари ин, вазифаҳо тавре тартиб дода шудаанд, ки ҳамаи кӯдакон ҳангоми иҷрои супоришҳои бозӣ ҳам аз ҷониби педагог

пешниҳодгардида ва ҳам аз тарзи муносибатҳои байниҳамдигарӣ амалҳои худро нишон диҳанд.

Барои иҷрои амалҳои кӯдакон мо натиҷаи фаъолияти онҳоро дар бозӣ бо холҳо муайян намудем. Дар охир ҳама холҳо барои ҳамаи нишондиҳандаҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Баландтарин холро ба кӯдакон то 80 хол ва пасттаринро то 10 хол барои дараҷаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ муайян намудем.

**Дараҷаи баланд (70-80 хол).** Муносибат бо ҳамсолон хуб ба роҳ монда шуда буд. Кӯдакон малакаҳои ҳамкориро дар фаъолияти бозиҳо азхуд карда, аз онҳо фаъолона истифода мебурданд. Дар ҳолатҳои зарурӣ идеяҳои худро пешниҳод мекарданд, ки дар аксари мавридҳо аз ҷониби ҳамсолонашон пазируфта мешуданд. Фикру ақидаи худро озодона баён мекарданд, саволҳо медоданд, кумак мепурсиданд ва мавқеи худро ҳифз мекарданд. Одатан ба фикри ҳамсолони худ гӯш медоданд, агар идеяи онҳо ҷолибтар бошад, розӣ мешуданд.

**Сатҳи миёна (40-50).** Кӯдакон саволҳои бисёр медиҳанд, бештар ба кумак эҳтиёҷ доранд. Қарорҳои баровардаи худро дар фаъолияти бозиҳо мустақилона ҷонибдорӣ карда наметавонанд. Ба осонӣ аз фикрҳои худ даст мекашанд. Бисёр эҳсосотӣ ва хашмгинӣ зоҳир мекунанд. Хислати муносибатҳо аксар вақт мусбат аст. Қодир ба онанд, ки дар ҳолатҳои гуногун ба ҳамдигар ҳамдилию ҳамдардӣ ва худро ба ҷои дигарон гузоранд.

**Сатҳи паст (10-20)**. Ташаббус умуман нишон намедиҳанд. Ба ақидаҳои дигарон зуд розӣ шуда, эътироз баён намекунанд. Дар муҳокимаи масъалаҳои ба миёномада иштироки заиф доранд. Бисёр тарсончак ва зудранҷ ҳастанд. Ташаббус нишон намедиҳанд. Пас аз барқарор кардани робита бо ҳамсолон, он кӯтоҳ буда, муошират намекунанд. Дар бозиҳои нақшофарӣ чӣ гуна амал карданро намедонанд. Бештар бо ёрии педагог ниёз доранд.

Тавре дар боло зикр кардем марҳилаи аввали корҳои озмоишӣ марҳилаи муайянкунии воситаҳои ташхиси ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кудакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ буд.

Дар ин марҳила мо воситаҳои гуногунро барои муайян кардани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кудакони синни томактабӣ ба роҳ мондем.

Асосан, восита гуфта мо намудҳои бозӣ, ашёи истифодашаванда, рӯзҳои баргузорӣ ва бозичаҳои гуногунро дар назар дорем.

Дар соли якуми корҳои озмоишӣ ҳангоми ташхиси сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар машғулиятҳои бозӣ чунин буд.

Ҷадвали №1

| **Нишондодҳо** | **3-4- сола** | **4-5-сола** | **5-7-сола** |
|---|---|---|---|
| Сатҳи баланд | 25-30% | 30-35% | 30-35% |
| Сатҳи миёна | 40-45% | 50-55% | 55-60% |
| Сатҳи паст | 50-55% | 45-50% | 30-40% |

Тавре аз ҷадвал бармеояд, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, асосан, дар сатҳи миёна ва паст қарор дорад, ки ин имкон дод, то роҳу усулҳои кумак ба кӯдакони алоҳида муайян карда шуда, муҳити кор дар асоси донистани қобилият ва маҳорати инфиродии онҳо фароҳам оварда шавад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон тавассути фаъолияти муштарак бо педагог ва мустақилона сурат мегирифт. Кӯдакон ба намудҳои гуногуни машғулиятҳои бозӣ ҷалб карда мешуданд. Аз ҷумла: бозиҳои сюжетӣ, серҳаракат, нақшофарӣ ва дидактикӣ.

Барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои гуногун васеъ истифода мешуданд, ки қобилияти муошират кардан, барқарор кардани алоқа, лаззат бурдан аз муошират бо ҳамсолонро тарбия мекарданд.

Масалан, бозии «Муш ва гурба». Тавре аз мушоҳидаҳо бар меомад, ин намуд бозӣ, пеш аз ҳама, чусту чолокӣ, маҳорати амалҳо ва зеҳни кӯдаконро тақвият мебахшид. Сюжети бозии «Муш ва гурба» чунин буд, ки кӯдакон мисли давра саф мекашиданд. Яке аз кӯдакон мушча ва дигаре нақши гурбаро иҷро мекард. Ва кӯдакони сафороста танҳо мушчаро ҳифз мекарданд ва намегузоштанд, ки гурба ба даруни давра дарояд. Мушча аз давра берун гашта, оромии гурбаро халалдор месохт. Ва гурба кӯшиш мекунад, ки мушчаро дорад. Аммо ба ӯ гурӯҳи кӯдакони сафороста монеъ мешаванд. Ва дастҳои худро боло бардошта, мушчаро дарҳол ба даруни саф ворид мекарданд.

Чунин бозиҳо дар баланд гардидани ҳисси коллективизм, муносибати дӯстона ва ғамхорона нисбат ба ҳамдигар, ки дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо мавқеи меҳварӣ доранд, саҳмгузор мебошанд.

Бозиҳо на танҳо фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни томактабӣ, балки инъикосгари ҳаёти атроф низ мебошанд. Бозӣ кӯдаконро ба мулохиза кардан дар бораи моҳияти ахлоқ ва рафторҳоро меомӯзонад.

Бояд қайд кард, ки бозиҳои халқӣ ҷанбаҳои муассири тарбиявӣ доранд. Онҳо шахсро ба таъриху фарҳанги пурғановати гузашта ва тарзи зиндагии мардум ба воситаи сюжет ва тарзи баргузорӣ шинос мекунанд. Бозиҳои мардумӣ ҳамеша дар ҷашнҳо, маросимҳо ва чорабиниҳои сиёсию миллӣ ба мисли: Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд.

Бозии дигаре, ки дар раванди пажуҳиш мавриди омӯзиш қарор додем бозии «Кӣ аз ҳама пештар» буд. Сюжети бозӣ чунин буд, ки кӯдакон ба ду тим тақсим шуда, аз монеаҳои шартӣ мегузаранд. Бояд қайд кард, ки дар ин бозӣ иштирокчиён бояд қоидаҳои онро ҳатман иҷро кунанд. Дар ҳолати иҷро нагардидани қоидаҳо бозӣ маъно ва муҳтавои

худро аз даст медиҳад. Ва фаъолияти беманфиатро мемонад. Аз ин рӯ, нақши педагог дар ин бозӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз мушоҳидаҳо бармеомад, ки кӯдакон бо як майлу хоҳиши том ба бозӣ шуруъ мекарданд. Ва ҳар як тим мехост ғолибиятро ба даст орад. Дар чунин бозиҳо фазои кӯдакон бениҳоят серғавғо ва эҳсосотӣ менамояд.

Бояд ишора кард, ки мо барои кӯдакони синни хурдсол ва миёнаи томактабӣ бозиҳои на он қадар серҳаракатро ба мисли «Ғелондани туб» пешниҳод кардем. Сюжети бозӣ чунин буд, ки кӯдакон мисли давра мешинанд ва педагог тӯбро ба сӯйи онҳо тела медиҳад. Бояд кӯдакон бо пой нею бо даст тӯбро ба дигаре тела диҳанд. Ҳангоми расидани тӯб ба пойи кӯдак ӯ як қадам ба пеш гузашта, то иштибоҳ кардани кӯдаки навбатӣ ба ҳамин минвол меистад. Мақсади чунин бозӣ инкишофи тоқатпазирӣ, диққат, нигоҳ ва чусту чолокӣ мебошад.

Инчунин, барои муайян кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ мо аз методи суҳбат бо кӯдакон истифода намудем. Ва ба ҳарду гурӯҳ (гурӯҳи санҷишӣ ва назоратӣ)  саволҳои якхела дода шуд.

Мақсади суҳбат ин ошкор кардани андешаҳои кӯдакон дар бораи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буд.

Ва инак суолҳое, ки ба кӯдакон пешниҳод гардиданд, аз инҳо иборат буданд:

- Ту рафиқ (дугона) дорӣ? («Ҳа дорам» - 59 нафар, «Не надорам» – 107 нафар ва «Намедонам» – 54 нафар);
- Бо ҳам бозӣ мекунед? («Ҳа мекунем» - 43 нафар, «Не намекунем» – 112 нафар ва «Баъзан вақт» – 65 нафар);
- Дар фаъолияти бозӣ ба ҳамдигар кумак мекунед? («Ҳа мекунем» - 58 нафар, «Не намекунем» – 46 нафар ва «Баъзан вақт» – 116 нафар);
- Вақте ки дӯстат дар атроф нест, барои ӯ дилгир мешавед? («Ҳа мешавам» - 53 нафар, «Не намешавам» – 104 нафар ва «Баъзан вақт» – 63 нафар);

○ Оё шумо бо дӯстони худ ҷанҷол мекунед? («Ҳа» - 123 нафар, «Не» – 38 нафар ва «Баъзан вақт» – 58 нафар).

Барои муайян ва ошкор кардани шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мо бо мураббиён ва кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ ба тариқи пурсишнома (анкета) корҳои озмоиширо идома додем.

Бояд гуфт, ки дар пурсишнома саволҳои бисёр ҷой дода шуда буд, вале мо он саволҳо ва ҷавобҳоеро интихоб намудем ва дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор додем, ки муҳим ва ба талабот ҷавобгӯй буданд.

Ва инак саволи навбатие, ки ба мураббиён пешниҳод гардид, ин буд: «Дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон кадом машғулиятҳо бештар мусоидат мекунанд?»

Мо 5 варианти ҷавобро ба пурсишшудагон пешниҳод намудем.

Диаграммаи №1




Тавре аз диаграмма бармеояд бештари пурсишшудагон фаъолияти бозӣ ва машғулиятҳои тасвириро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон мебинанд. Аз таҳлили диаграмма чунин бармеояд, ки 8 (22,2%) нафар машғулиятҳои тасвирӣ, 4 (11,1%) нафар сайру гаштҳо, 11 (30,6%) нафар бозиҳо, 6 (16,7%) нафар мусиқӣ ва 7 (19,4%) нафар намоишҳои театриро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон саҳмгузор мешуморанд.

Чуноне ки аз диаграмма муайян мегардад, дар баробари фаъолияти бозӣ машғулиятҳои тасвирӣ низ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон мавқеи калон доранд. Машғулиятҳои тасвирӣ дар муассисаҳои томактабӣ ғайр аз иҷрои вазифаҳои таълимию тарбиявӣ воситаи муҳими инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон ба шумор меравaнд. Омӯзиши расмкашӣ, суробсозӣ ва тартибдиҳӣ дар синни томактабӣ ба тарбияи равонӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии кӯдакон мусоидат мекунад. Фаъолияти тасвирӣ барои ба даст овардани донишҳо дар бораи ҳаёти атроф заминаи мусоид фароҳам меорад.

Саволи дигаре, ки ба пурсишшудагон пешниҳод кардем чунин буд:

«Кӯдакон дар бозиҳо бештар кадом бозичаҳоро истифода мебаранд?»

Диаграммаи №2




Тавре ки аз таҳлили диаграмма бармеояд 11 (30,0%) нафар дар бозиҳо лӯхтакчаҳо, 9 (25,0%) нафар тӯбҳо, ҳалқаҳо ва арғамчин, 6 (17,0%) нафар бозичаҳои мусиқӣ ва 10 (28,0%) нафар кубикҳо ва мошинчаҳоро истифода мебаранд.

Дар ҳақиқат, ҳар як кӯдак бозичаи дӯстдоштаи худро дорад. Ва ҳар ҷой ки равад ӯро бо худ мегирад. Психологҳо ба он андешаанд, ки агар кӯдак ба ягон ҷой ё ба боғчаи кӯдакона равад ва бо худ бозичае гирифтан хоҳад, бигзор онро бо худ гирад ва бояд падару модар ба ӯ манъ нашаванд. Кӯдакон худро дар ҳалқаи «дӯсти худ» бештар бо боварӣ ҳис мекунанд.

Агар кӯдак ғамгин бошад, бо бозичаи худ суҳбат мекунад. Арзи дили худро ба воситаи бозича иброз медорад. Ҳар чизе ки кӯдакон дар бораи худ озодона гуфта наметавонанд, онро ба воситаи бозича изҳор менамоянд.

Кӯдакон аксар вақт аз бозичаҳо дӯстон «ихтироъ» мекунанд. Одатан дар синни 6-7-солагӣ, вақте ки онҳо воқеан мехоҳанд муошират кунанд, муносибатҳои дӯстӣ пайдо карда бозӣ кунанд ва дар атроф касеро ҳамфикри худ намеёбанд, бозичаҳо ин фазои холиро пур карда, дӯсти беҳтарини онҳо мегарданд.

Мақсади асосии бозичаи дӯстдошта ин осон кардани лаҳзаҳои душвор ва бартараф кардани ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакон мебошад. Ҳатто, баъзан кӯдакон ҳангоми хоб кардан ҳам бозичаи дӯстдоштаи худро ҳамроҳ мегиранд. Бо ӯ (бозича) афсонае, ки волидон пеш аз хоб ба фарзанд мехонанд, якҷо гӯш мекунад. Агар лаҳзае волидон кӯдакро барои муддате тарк кунанд, бозичаи дӯстдошта ҳамроҳи кӯдак мемонад ва ӯ аз ҳеҷ чиз намеҳаросад.

Инчунин, бозича метавонад ба кӯдакон аз зарбаҳои рӯҳӣ ва равонию ҷисмонӣ ба мисли: ҷудошавии падару модар, марги шахси наздик, шароити зиндагӣ, тарси ногаҳонӣ ва тамошои манзараҳои ваҳмовар кумак кунад.

Тавре аз таҳлили диаграмма бармеояд бештари кӯдакон лухтакҳоро интихоб карданд. Ин амал бесабаб нест, чунки шумораи зиёди кӯдакон асосан духтарҳо буданд. Аз ин рӯ, мураббиён мушоҳида кардаанд духтарҳо бештар бо лухтакчаҳо майли бозӣ кардан доранд.

Писарон бошанд бештар бо тӯб, ҳалқаҳо, ихтироъкорӣ, мошинчаҳо, робот ва афсарҳо шавқу ҳавас доранд. Инчунин, мехоҳанд бо қаҳрамонҳои гуногуни афсонавӣ ба мисли: Батмен, Супермен ва Трансформерҳо монанд бошанд.

Саволи навбатие, ки ба мураббиён дода шуд ин: «Ба андешаи Шумо оё сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро дар синни томактабӣ ташаккул додан дуруст аст?»

Диаграммаи №3.




Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки бештари мураббиён ба он андешаанд, ки дар синни хурдсолӣ сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро ташаккул додан дуруст аст. Аз 36 нафар мураббиён 28 (77,8%) нафар ҷавоби «Ҳа, дуруст аст» ва 8 (22,2%) нафар ҷавоби «Не, ҳоло онҳо хурд мебошанд»-ро интихоб карданд.

Ҳар як падару модар мехоҳад ва орзуи онро дорад, ки кӯдакон хушмуомила, хушбахт ва солим ба воя расанд. Педагог бояд ба волидон дар тарбияи фарзандонашон кумак расонанд ва муҳимтар аз ҳама, онҳоро дар асоси меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар ҷаҳони муосир ба воя расонанд. Кудакон мехоҳанд ҳама чизро ба зудӣ аз худ карда, дар баробари калонсолон ҳарф зананд ва ба онҳо баробар шаванд.

Дар илми педагогика тарбия ҳамеша бо рушди маънавиёт ва ахлоқ алоқаманд аст. Мақсади тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ тарбияи шахси доно, оқил, хайрхоҳ, раҳмдил, меҳрубон, таҳаммулпазир ва амсоли инҳо мебошад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ қисми таркибии инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон мебошад.

Яке аз проблемаҳои маорифи муосир, ба андешаи мо, ин ҳангоми роҳандозии раванди таълиму тарбия ба эътибор нагирифтани пайвастагии таърихии наслҳо мебошад. Кӯдакон дар ҷараёни таълиму тарбия аз имкони дастрасии намунаҳои барҷастаи аҷдодӣ, то андозае маҳруманд. Кӯдакон намедонанд, ки шахсони баруманди гузашта чӣ

тавр зиндагӣ ва мушкилоти худро чӣ гуна ҳал мекарданд ва шахсоне, ки бар зидди арзишҳои олии инсонӣ муқобилият нишон додаанд, тақдири онҳо чӣ шуд.

Асосан, кӯдакон мафҳумҳои «хуб» ва «бад»-ро дар раванди ҳаёт аз худ мекунанд. Агар кӯдакро барои кор ё амале таърифу тавсиф кунанд, ӯ ба зудӣ дарк мекунад, ки ин амал «хуб» мебошад ва агар сарзаниш ва танбеҳ шунавад, «бад» будани онро мефаҳмад. Аз ин рӯ, педагог ва мураббиёнро зарур аст, ки барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз методҳои таъриф ва сарзаниш истифода намоянд.

Синни томактабӣ заминаи асосии инкишофи кӯдакон ва ибтидои ташаккули тамоми сифатҳои шахсӣ мебошад. Кӯдакони синни томактабӣ олами инсонӣ ва ҷаҳони атрофро ба воситаи машғулиятҳои гуногун дарк намуда, меъёрҳоеро, ки бо онҳо муносибатҳои байнишахсӣ бунёд мешаванд, аз худ мекунад. Аз ин рӯ, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар давраи хурдсолӣ асоси муваффақиятҳо дар оянда барои кӯдакон мегарданд.

Саволи навбатие, ки ба мураббиён пешниҳод гардид ин буд: «Ба андешаи шумо оё падару модарон ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии фарзандон эътибор медиҳанд?»

Диаграммаи №4



Агар диаграммаи навбатиро таҳлил кунем мебинем, ки бештари мураббиён бар он назаранд, ки падару модар на он қадар ба тарбияи фарзанд эътибор медиҳанд. Андешаи пурсишшудагон: 6 (17,0%) нафар «Ҳа ба тарбияи фарзанд эътибор медиҳанд», 15 (41,0%) нафар «На он қадар эътибор медиҳанд», 10 (28,0%) нафар «Не, эътибор намедиҳанд» ва 5 (14,0%) нафар «Намедонам» ҷавобҳо доданд.

Оила чун анъана яке аз институтҳои асосии тарбия ба шумор меравад. Он сифатҳо ва тарзи рафтору гуфторе, ки кӯдакон дар синни хурдсолӣ аз муҳити оила ба даст меоранд, дар тамоми умри минбаъдааш нигоҳ дошта мешаванд. Аҳамияти оила ҳамчун макони тарбия аз он иборат аст, ки кӯдакон қисми зиёди ҳаёти худро маҳз дар он ҷо мегузаронанд. Ва ягон муассисаи таълимию тарбиявӣ ин қадар иқтидори тарбиявиро доро нест, ҷуз оила. Оила пояҳои шахсияти кӯдакро то замони ба мактаб ворид гардидан мегузорад ва беш аз нисфи сифатҳои ӯро ташаккул медиҳад.

Мусаллам аст, ки асоси тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон фарҳанги маънавии ҷомеа, оила, муассисаи таълимию тарбиявӣ ва он муҳите мебошад, ки онҳо зиндагӣ мекунанд.

Муҳимтарин омили тарбияи фарзандон намунаи шахсии волидон мебошад. Агар падару модар хоҳанд, ки фарзандашон меҳрубону ғамхор, раҳмдилу адолатпеша бошад, худи онҳо бояд намунаи ибрат барои онҳо бошанд.

Тавре аз таҳлили ҷавобҳои мураббиён бармеояд, на ҳамаи падару модарон ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии фарзандашон эътибор медиҳанд. Албатта, ин аз як тараф ташвишовар ҳам бошад, аз тарафи дигар омилҳое мавҷуданд, ки ба ин раванд таъсирҳои худро мегузоранд. Ба мисли:

- сатҳи пасти иқтисодии аксари оилаҳо. Падару модар вақти бештари худро барои дарёфти воситаҳои зиндагӣ (маош, ғизо, сару

либос ва ғайра) сарф мекунанд. Аз ин рӯ, барои тарбияи фарзанд вақт намеёбанд;

- ҷудошавии волидон (талоқ). Ҷудошавии волидон барои кӯдакон ва дар ҳаёти онҳо таъсирҳои гуногун мерасонад. Парокандашавии оила ба кӯдакон таъсирҳои равонӣ расонида, дар натиҷа шахсияти кӯдак мукаммал ба воя намерасад. Асосан ин раванд ба духтарон бештар таъсири манфӣ мерасонад. Духтароне, ки бе падар ба воя расидаанд, аксар вақт мардро бад мебинанд. Бо ин ё он роҳ, ӯ ҳамаи мардонро бо падараш муқоиса мекунад;

- бармаҳал аз дунё гузаштани яке аз волидон. Агар модар ё падар пеш аз он ки кӯдак дар бораи ӯ тасаввуроти воқеӣ пайдо кунад, бимирад, барои пайдо кардани касе, ки ба ӯ баробар бошад, душвор мегардад. Кӯдаконе, ки пеш аз наврасӣ падару модари худро аз даст додаанд, агар ҷойивазкуни хуб надошта бошанд, абадӣ ғамгин ба воя мерасанд;

- кандашавии муносибатҳои волидон бо муассисаҳои таълимию тарбиявӣ.

Барои боз ҳам мукаммал намудани натиҷаҳои диссертатсия мо бо падару модарони кӯдакон низ ба тариқи суҳбат ва пурсишнома (анкета) корҳои пажуҳиширо идома додем.

Ва инак саволи навбатие, ки дар пурсишнома ҷой дода шуда буд ин: «Дар хонаи Шумо компютер ё ноутбук ҳаст?».

Ҷадвали №2.

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз (%) |
|---|---|---|
| Ҳа | 43 | 82,7 |
| Не | 9 | 17,3 |
| Ҳамагӣ | 52 | 100 |

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки аз 52 нафар падару модарон 43 (82,7%) тои онҳо дар хона компютер ё планшет дошта, 9 (17,3%) нафари дигар надоранд. Тавре мебинем бештари волидон дар хона компютер доранд.

Саволи дигар ин буд: «Оё Шумо кӯдаконро иҷозат медиҳед, ки ба бозиҳои компютерӣ машғул гарданд?».

Ҷадвали №3

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз (%) |
|---|---|---|
| Ҳа | 36 | 69,2 |
| Не | 16 | 30,8 |
| Ҳамагӣ | 52 | 100 |

Тавре аз ҷадвал мебинем 36 нафар волидон кӯдаконро иҷозат медиҳанд, то ба бозиҳои компютерӣ машғул гарданд ва 16 (69,2%) нафар иҷозат намедиҳанд. Ва 16 (30,8%) нафар ҷавоби «Не иҷозвт намедиҳем»-ро интихоб намуданд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти компютер ё планшет дар шароити имрӯза аз як тараф бартарият дошта бошад ҳам, аз тарафи дигар истифодаи бемавриди онҳо ба шахс таъсирҳои гуногун мерасонанд.

Боварӣ дорем, ки бештари падару модарон аз таъсирҳои манфии бозиҳои компютерӣ огоҳӣ надоранд.

Кӯдаконе, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба ҷомеа то андозае мутобиқ нашудаанд, эҳтимолияти дар оянда гирифтори вобастагӣ ба компютер ва интернетро доранд. Дар бозиҳои компютерӣ ва Интернетӣ барои кӯдакон сохтани ҷаҳони тахайюлӣ хеле осонтар аст. Агар кӯдакон дар дунёи воқеӣ ба чизе муваффақ нашаванд, онҳо мекӯшанд, ба бозиҳои компютерӣ ва сайри ҷаҳони интернетӣ машғул гардида, худро дар он ҷой дарёбанд.

Рушди барномаҳои телевизионӣ, баъдан пайдо шудани бозичаҳои электронӣ ва барномаҳои компютерии фароғатӣ шаклҳои анъанавии бозиҳои кӯдаконро тадриҷан тағйир доданд.

Коршиносон тавсия медиҳанд, ки муоширати кӯдакони синни томактабӣ бо компютер ва бозиҳои компютерӣ бо назардошти синну сол ва тамоюли таълимӣ бодиққат интихоб карда шаванд.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки истифодаи беандешонаи бозиҳои компютерӣ ва ҳаргуна бозичаҳои электронӣ боиси он мегарданд, ки дар натиҷа шахс аз таҳлил кардан бозмонда, танҳо ба таассурот дилбастагӣ пайдо мекунад. Аксарияти кӯдакони синни томактабӣ, ки дар хона компютер доранд, онро ҳамчун бозича қабул мекунанд.

Алабтта, бозиҳои компютерӣ барои кӯдакон ҷанбаи мусбат ҳам доранд, агар онҳо аз тарафи волидон ба танзим дароварда шаванд.

Барномаҳои мавҷудаи муосири  компютерӣ ба кӯдакон барои инкишоф додани хотира, таваҷҷуҳ, омӯхтани чизи нав дар бораи ҷаҳони атроф ва шинос кардани онҳо бо ҳарфҳо кумак мекунанд. Аммо бозиҳо ва барномаҳое низ мавҷуданд, ки вазифаҳои онҳо таълим ва рушди кӯдаконро дар бар намегиранд. Дар ин маврид корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи волидон барои кӯдакон зарур мебошад.

Тавре аз мушоҳидаҳои педагогӣ муайян карда шуд, кӯдаконе, ки ба бозиҳои компютерӣ ва бозиҳое, ки дар телефонҳои мобилӣ мавҷуданд, истифода мебаранд, аксар вақт бадҷаҳл ва хашмгин менамоянд. Дар муносибат эҳсосотӣ мебошанд. Яъне, дар онҳо чунин муносибатҳои манфӣ ба мушоҳида расид:

- фикр нокарда сухан мегӯянд;

- ба саволҳо зуд ва бе таҳлили пешакӣ ҷавоб мегардонанд;

- дар муошират бо кӯдакони дигар масофаро риоя накарда, суханҳои дурушт мегӯянд;

- ба саволҳо ҷавобҳои рӯякӣ ва қолабӣ мегардонанд.

Агар дар оила компютер бошад ва волидон хоҳанд, ки кӯдаки онҳо ба бозиҳои компютерӣ машғул гардад ва ба ин васила раванди тарбияро роҳандозӣ созанд, беҳтар мебуд, то худи онҳо (волидон) аз мундариҷаи бозӣ огоҳӣ пайдо мекарданд. Муҳокимаи муштарак метавонад зуҳуроти бозиро тарҳи дигар бахшад.

Бешубҳо, бозиҳои компютерӣ ба рушди малакаҳои зиёди кӯдакон мусоидат мекунанд. Аммо, вақте ки кӯдак аллакай бозиро азхуд

кардааст, барои ӯ ин фаъолият ҳамчун вақтхушӣ менамояд. Зеро, кӯдак малака ва таассуроти нав намегирад. Дар маҷмуъ, бозӣ ғайр аз фароғат бояд сифатҳои шахсиро тарбия ва инкишоф диҳад. Аз ин рӯ, шарти муҳими ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозиҳои компютерӣ бештар аз чигунагии роҳандозии онҳо ва муносибати волидон ба ин раванд вобаста мебошад.

Саволи навбатие, ки ба волидон пешниҳод гардид ин буд: «Бозиҳое, ки кӯдакон дар боғча аз худ мекунанд, дар хона дар якҷоягӣ иҷро мекунед?».

Диаграммаи №5.




Тавре аз диаграммаи №5 мебинем ба саволи пешниҳодгардида 11 (21,2%) нафар «Ҳа, мекунем», 25 (48,1%)нафар «Баъзан вақт иҷро мекунем» ва 16 (30,8%) нафар «Не, тамоман иҷро намекунем» ҷавоб доданд.

Бояд қайд кард, ки қобилият, маҳорат, инкишоф ва рушди шахияти кӯдакон худ аз худ ва худсарона пайдо намешаванд. Онҳо танҳо дар сурате ба вуҷуд ва ташаккул меёбанд, ки агар муҳити созгор ва бароҳмонии низоми муносибатҳои байни одамон роҳандозӣ гардад.

Мусаллам аст, ки дӯсти беҳтарини кӯдакони муосир дар шароити кунунӣ телевизор ва компютер буда, машғулияти дӯстдоштаашон тамошои филмҳои тасвирӣ ва бозиҳои компютерӣ мебошанд. Кӯдакон на танҳо бо калонсолон, балки бо ҳамсолон низ кам муошират мекунанд.

Муоширати зинда ҳаёти кӯдаконро ба таври назаррас ғанӣ гардонида, доираи эҳсосоти онҳоро рангоранг мегардонад. Кӯдакони муосир ба эҳсосоти дигарон камтар вокуниш нишон медиҳанд. Онҳо на ҳама вақт қодиранд эҳсосоти худро назорат кунанд ва ин боиси рафтори беғаразона мегардад.

Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ як намуди ҷолиб ва хурсандибахш буда, воситаи муҳими тарбия ва инкишофи онҳо ба шумор меравад. Аммо, ин вақте ба амал меояд, ки он идорашаванда ва ҷанбаҳои педагогиро дар бар гирад. Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ яке аз роҳҳои ба даст овардани маърифат, ҷаҳонфаҳмӣ ва инкишофи зеҳн мебошад. Бинобар ин, волидонро зарур аст, бо фарзандони худ дар муҳити хона бозӣ кунанд.

Ҳангоми бозӣ бо кӯдакон волидон қобилиятҳои кӯдаконро инкишоф дода, аз хислатҳои нуҳуфтаи онҳо огаҳӣ пайдо мекунанд. Бозиҳои таълимӣ ва тарбиявие, ки кӯдакон дар боғча меомӯзанд, барои онҳо як майдони оғози эҷодкорӣ мебошад. Машғул гардидан ба бозӣ бо кӯдакон дар муҳити хона хусусиятҳои хоси худро дорад. Аввалан, бозиҳои муштарак дар хона аҳли хонадонро ба ҳам оварда, муносибатҳоро тақвият мебахшад. Дуюм, аз ҳиссиётҳои ҳамдигар огаҳӣ пайдо мекунед, ки дар оянда дар лаҳзаҳои душвор забони умумӣ пайдо мекунед. Сеюм, ба ин васила, ба ҷаҳони маънавии кӯдакон ворид мегардед. Чорум, ҳангоми шиносоӣ бо ҳама паҳлӯҳои сифатҳои кӯдакон нигоҳҳои волидон тарҳи тоза пайдо мекунанд.

Саволи навбатие, ки ба пурсишшудагон пешниҳод гардид ин буд: «Оё муассисаҳои таълимии томактабӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон саҳм гузошта метавонанд?».

Диаграммаи №6.




Тавре ки аз таҳлили диаграммаи №6 бармеояд 49 (94,0%) нафар волидон бар он андешаанд, ки муассисаҳои таълимии томактабӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон саҳм гузошта метавонанд ва 3 (6,0%) нафар ҷавоби «Не»- ро интихоб карданд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ қисми таркибии тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдакон ва шарти зарурии эҳёи фарҳанги миллӣ мебошад. Марҳилаи сифатан нави тарбияи маънавӣ-ахлоқии муассисаҳои томактабӣ ин ҳамгироии мазмуни он ба ҳаёти ҳаррӯза ва намудҳои фаъолияти кӯдакон мебошад.

Муассисаи таълимии томактабӣ аввалин муассисаи тарбиявие мебошад, ки кӯдак қадамҳои худро мегузорад. Дар он ҷо кӯдакон тамоми меъёрҳо ва принсипҳои таълиму тарбияро меомӯзанд. Хоҳиши муошират ба табиати инсон хос аст. Дар айёми хурдсолӣ талаботи кӯдакон ба муошират пайдо мешавад. Барои кӯдакон бо калонсолон баробар муошират кардан душвор аст, зеро шахсони калонсол ба куҷо рафтан ва чӣ кор карданро пешниҳод мекунанд. Яъне, калонсолон қоидаҳои муошират бо кӯдаконро муайян ва интихоб мекунанд. Аз ин рӯ, барои кӯдакон талабот ба шароите пайдо мегардад, ки онҳо дар баробари дигарон андешаҳо, хоҳишҳо ва ниёзҳои худро баён созанд. Чунин муҳитро танҳо муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакон муҳайё карда метавонанд.

Кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ тибқи қоидаҳои умумӣ муоширaт мекунанд. Дар байни ҳамсолон кӯдакон дӯстон ва рафиқонеро, ки аз ҷиҳати ақл, қувват ва зеҳн шабеҳи якхела доранд, мебинанд. Якҷо дар машғулиятҳо бозӣ карда, риштаи дӯстӣ пайдо мекунанд. Онҳо якҷо қоидаҳои бозиро интихоб мекунанд, ба фикрҳои ҳамдигар розӣ мешаванд ва суханҳои худро нотарсона иброз медоранд. Аз ин рӯ, бозӣ кардан дар ҳамбастагӣ ба кӯдакони дигар барои кӯдак ҷолибтар аст. Кӯдак бо ёрии бозӣ малакаҳои муоширатро инкишоф дода, ба қоидаҳои пешниҳодгардидаи дигарон итоат мекунад.

Ёдовар бояд шуд, ки барои кӯдакон муошират бо ҳамсолон нисбат ба шахсони наздик дар аввал душвортар менамояд. Шахсони наздики кӯдак эҳсосот ва хоҳишҳои ӯро дар бисёр маврид таъмин месозанд, дар ҳоле, ки ҳамсолон ҳатто ба онҳо эътибор намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, кӯдакони синни томактабӣ аксар вақт байни худ ҷанҷол ва низоъ мекунанд. Кӯдакон ба кадом тарз байни худ муносибат карданро намедонанд, бозиро  чӣ тавр оғоз кардан барои онҳо душворӣ ба бор меорад. Ҳамаи ин қоидаҳо ва тарзи рафтору гуфторро кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ба осонӣ меомӯзанд.

Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳар як гурӯҳ аз 20 нафар кӯдак иборат аст, ки дорои хислатҳо ва одатҳои гуногун мебошанд. Тааҷҷубовар нест, ки бархӯрди манфиатҳо гоҳ-гоҳ ба вуҷуд меояд. Албатта, ин нохушоянд аст, аммо бо шарофати чунин лаҳзаҳо кӯдакон зарурати ҳимояи манфиатҳои худро дарк карда, мубориза бурданро ёд мегиранд. Педагогҳо ва мураббиён дар машғулиятҳои бозӣ, тасвирӣ, ҷисмонӣ ва меҳнатӣ сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро ташаккул медиҳанд.

Ва инак баъди ба итмом расидани соли сеюми корҳои озмоишӣ барои муайян намудани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони

синни томактабӣ дар фаъолияти бозии гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ тағйироти назаррас ба назар ва мушоҳида мегардид.

Ҷадвали №6.

| Вариантҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|
| | Пеш аз озмоиш. % | Баъди озмоиш. % |
| Дараҷаи тасаввурот | 44,7 | 70,4 |
| Эҳсосот | 45,8 | 72,5 |
| Рафтору кирдор | 41,2 | 78,1 |
| Шумораи умумӣ (нафар) | 123 | 123 |

Ҷадвали №7.

| Вариантҳо | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|
| | Пеш аз озмоиш. % | Баъди озмоиш. % |
| Дараҷаи тасаввурот | 47,6 | 54,6 |
| Эҳсосот | 44,1 | 55,8 |
| Рафтору кирдор | 46,5 | 57,2 |
| Шумораи умумӣ (нафар) | 97 | 97 |

Дар гурӯҳҳои назоратӣ бошад, тағйирот на он қадар назаррас ба чашм мерасид. Агар дараҷаи тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ дар соли аввал 47,6%, сатҳи эҳсосот 44,1% ва рафтору кирдор 46,5% бошад, баъди корҳои назоратӣ ин рақам – дараҷаи тасаввурот 54,6%, сатҳи эҳсосот 55,8% ва рафтору амал 57,2% -ро ташкил дод. Яъне, тағйироти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозии гурӯҳи назоратӣ нисбат ба гурӯҳи озмоишӣ начандон зиёд буд.

Нуқтаи дигаре, ки мо дар диссертатсия қайд кардан мехоҳем, ин аст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ дар ноҳияи Шаҳринав барои ба даст овардан ва мукаммал сохтани натиҷаҳои диссертатсия усулҳои мушоҳида ва суҳбатро ба кор бурдем. Ва аз фаъолияти онҳо аз наздик шинос гардидем. Дар натиҷаи суҳбатҳо бо кормандони муассисаҳои

томактабии ноҳияи Шаҳринав ба хулосае омада шуд, ки фаъолияти ин муассисаҳо то андозае тағйироти ҷиддиро талаб доранд.

Аз норасоии кадрҳои баландихтисос фаъолияти баъзан муассисаҳои томактабӣ то ҳадде қаноатбахш набуд. Бештари кормандони соҳа маълумоти олии педагогӣ надоранд. Музди маоши паст ҳам ба ин раванд таъсирҳои манфии худро гузошта, мутахассисони ботаҷриба бо ин маоши муқарраргардида намехоҳанд кор кунанд.

Албатта, инҳо омилҳои даргузар ҳастанд ва Ҳукумати Тоҷикистон беш аз беш мекӯшад, то наслиояндасози миллат дар фазои созгору созанда ба воя расанд.

Дар асоси натиҷаҳои корҳои озмоишӣ мо ба чунин **хулосаҳо** омадем:

1. Муносибатҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро дар фаъолияти бозиҳо ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ба роҳ мондан лозим аст.

2. Дар муассисаҳои томактабӣ омилҳои психологию педагогие, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар фаъолияти бозӣ таъсир мерасонанд, муайян кардан зарур аст.

3. Стратегияи фаъолияти муассисаҳои томактабиро дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар фаъолияти бозӣ таҳия кардан лозим аст.

4. Барномаи педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро дар фаъолияти бозӣ таҳия кардан лозим аст.

5. Сохтори муассисаҳои томактабиро, ки бо раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон алоқамананд, такмил додан зарур аст.

## Хулосаи боби 2

Давраи инкишофи томактабӣ яке аз лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёти инсон мебошад. Ва дар ин айём ташкили муҳити дурусту созгор барои кӯдакон хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Мутаассифона, на ҳама волидон ба фарзандашон таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда метавонанд. Аз ин рӯ, нақши муассисаҳои таълимии томактабӣ дар ташаккули сифатҳои ҳамидаи шахсии кӯдакон муҳим мебошад.

Тавре изҳор доштем, муассисаи таълимии томактабӣ, ки зинаи аввали таълиму тарбияи кӯдакон мебошад, вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунад. Дар байни вазифаҳое, ки дар назди муассисаи таълимии томактабӣ истодаанд, вазифаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсияти кӯдакон мавқеи меҳварӣ дорад. Дар машғулиятҳое, ки дар барномаи таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ пешбинӣ шудаанд, кӯдакон маълумоти бештар пайдо карда, дониш, малака ва маҳорате, ки барои инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон заруранд, васеъ мегардад. Дар муассисаи таълимии томактабӣ кӯдакон ғайр аз малакаҳои махсуси тарбиявӣ, дар коллективи ҳамсолон таҷрибаи аввалини ҳаётро пайдо мекунанд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ раванди бошуурона бо мақсади дар ниҳоди кӯдакон ташаккул додани арзишҳои ахлоқии башарият ва ҷомеаи мушаххас мебошад.

Сифатҳои ахлоқии шахсияти кӯдак модарзод нестанд, инкишофи онҳоро шароити зиндагӣ ва тарбияи созгор муайян мекунад.

Инкишофи маънавӣ-ахлоқӣ раванди тағйироти мусбати сифатҳои шахсият ва дараҷаи ба даст овардани тарбияи ахлоқӣ, таҳти таъсири бисёр омилҳо ба мисли: муҳити иҷтимоӣ, худтарбиякунӣ, институтҳои таълимию тарбиявӣ ва ғайра мебошад.

Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс аз синни томактабӣ оғоз гардида, инкишофи минбаъдаи маънавӣ-ахлоқии ӯ бештар аз онҳо вобаста аст. Тарбияи дурусти маънавӣ-ахлоқии кӯдакон  ба пайдоиши

амал, ҳолат ва одатҳои рафтори номатлуб, ки метавонад ба ташаккули сифатҳои ахлоқии онҳо таъсири манфӣ расонад, монеъ мешавад.

Вазифаҳои асосии тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ташаккули ҳисси ахлоқӣ, малакаҳо ва одатҳои мусбати рафтор, ғояҳои ахлоқӣ ва ангезаҳои рафторро дар бар мегиранд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бо тамоми намудҳои дигари машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ робитаи зич дорад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар тамоми фаъолият ва машғулиятҳо сурат мегирад. Кӯдакон дар оила, кӯча, байни ҳамсолон, вақти муоширату муносибат таъсирҳои ахлоқиро эҳсос мекунанд. Вале ба мақсад мувофиқ ва мунтазам ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ гайр аз оила танҳо дар коллективҳои муташаккили кӯдакон имконпазир аст.

Ба андешаи мо сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон се ҷузъи асосиро дар бар мегиранд: ҳиссиёти маънавӣ-ахлоқӣ, одатҳои рафтори ахлоқӣ ва ғояҳои маънавӣ-ахлоқӣ (донишҳо дар бораи неку бад ва дар бораи падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ).

Педагог барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ бояд дар хотир дошта бошад, ки ҳар як вазифаи маънавӣ-ахлоқӣ танҳо дар ҳамон вақт ҳал карда мешавад, ки ҳиссиёт, одат ва ақидаҳои кӯдакон инкишоф ёбанд. Дар раванди муошированӣ кӯдакон бо калонсолон эҳсоси дилбастагӣ, муҳаббат, эҳтиром, самимият, меҳрубонӣ, шафқат, масъулият ва амсоли инҳо тарбия карда мешаванд. Ҳангоми мушоҳида кардани ғамгинӣ ва озурдаҳолии дигарон кӯдакон нороҳатиро эҳсос мекунанд ва агар корҳои шоистаро ба анҷом расонанд, хурсандӣ ва болидахотир мегарданд. Муносибатҳои эмотсионалӣ ба мисли: қаноатмандӣ аз амалҳои хубу шоиста, ризоияти калонсолон, шарм, андӯҳ, таассуроти нохуш аз кирдори бад, эроди волидон ва ғайра асоси ташаккули ҳиссиёти маънавӣ-ахлоқии кӯдакон мегарданд.

Дар синни томактабӣ дар кӯдакон ҳамдардӣ, ҳамдилӣ, якдигарфаҳмӣ, меҳрубонӣ ва шодӣ низ ташаккул меёбанд.

Яке аз хусусиятҳои одати кӯдакони синни томактабӣ қобилияти тақлид кардан ба калонсолон аст. Кӯдакон мехоҳанд тамоми корҳои худро дар баробари калонсолон анҷом диҳанд. Дар айни замон, то андозаи лозима инкишоф наёфтани рафтору кирдор, амалу ҳаракатҳои кӯдакон боиси кирдорҳои номатлуби онҳо мегардад. Ин ҳолатҳо ташаккули одатҳои ахлоқии рафторро вазифаи аввалиндараҷа мегардонанд ва педагогу мураббиёни муассисаҳои томактабиро зарур аст, ки аз мавқеи худ истифода намуда, дар замири кӯдакон арзишҳои ҳамидаи инсонӣ, малакаҳои гуногуни муошират, эҳтиром, муносибатҳои мусбат ба ҳамсолон, риояи меъёрҳои рафтору гуфторро парвариш диҳанд.

Натиҷаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ин пайдо ва пойдор гардидани як қатор сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба мисли: инсондӯстӣ, коллективизм, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ухдадорӣ, эҳтиром ва ғайра мебошад. Ва ин хислатҳо дар шахс ҳар қадар мустаҳкам ва созгор ташаккул ёбанд, ҳамон қадар ҳисси боварӣ, эътимод ва ахлоқи ӯ аз ҷониби атрофиён баҳои баланд дода мешавад.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян ва ошкор кардани шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мо ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидем. Дар раванди пажуҳиш мушоҳида гардид, ки бозиҳо чунин сифатҳои кӯдаконро инкишоф медиҳанд:

1. Бозиҳо ба муносибатҳои дӯстона дар байни кӯдакон мусоидат карда, якҷо амал карданро тақвият бахшиданд.

2. Дар фаъолияти бозӣ муносибати эҳтиромона нисбат ба ҳамдигар ташаккул ёфтанд.

3. Дар ҳолатҳои муайяни бозӣ кӯдакон ба ҳамдигар ёрӣ расонида, ҳисси меҳрубонӣ ва ғамхорӣ дар онҳо пайдо мегардид.

4. Бозиҳо ба ташаккули сифатҳои шахсӣ ба мисли: масъулият, уҳдадорӣ, адолат ва хоксорӣ заминаи мусоид гузоштанд.

5. Бо риояи қоидаҳои бозӣ дар замири кӯдакон чунин хислатҳо ба мисли: бартараф кардани монеаҳои ҳаётӣ, пуртоқатӣ, риояи меъёрҳои муқарраршудаи рафтор, гуфтор ва амал ташаккул ёфтанд.

6. Бозиҳо ба ғанӣ гардонидани луғати кӯдакон ба мисли: «салом», «хайр», «марҳамат», «мебахшед», «ташаккур» ва ғайра мусоидат карданд.

7. Дар писарон ва духтарон хислатҳои хоси ҷинсӣ инкишоф дода шуд (дар писарон - хоҳиши кумак кардан ба духтарон дар вақтҳои мушкилӣ, роҳ додан, курсӣ пешниҳод кардан; дар духтарон – хоксорӣ ва ғамхорӣ зоҳир кардан).

8. Дар фаъолияти бозиҳо баҳодиҳии рафтори худу дигарон ва муқоиса кардани амалҳо ташаккул дода шуд.

9. Дар бозиҳо изҳори муносибатҳои кӯдакон ба воқеияти атроф инкишоф ёфтанд.

10. Қобилияти истодагарӣ ва муайян кардани мавқеи худ дар кӯдакон инкишоф дода шуд.

11. Ба воситаи сюжети бозиҳои халқӣ дар ниҳоди кӯдакон меҳр ба Ватан, маҳал, диёр ва арзишҳои фарҳанги миллӣ парвариш дода шуд.

12. Ба воситаи бозиҳо кӯдакон ба фарҳангу тамаддуни мардумони дигар халқҳо шиносоӣ пайдо карданд.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Таҳқиқот дар ин самт бартарияти худро нишон дода, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо амалӣ гардид ва мо ба чунин **хулосаҳо** омадем:

1. Айёми кӯдакӣ давраи ташаккули тамоми ҷанбаҳои инсонӣ аз ҷумла, ақл, дониш, дарки олами атроф, азхуд кардани малакаҳои рафтор, гуфтор ва кирдор, таҳаввули одатҳо, эҷодкорона муносибат кардан ва пайдоиши ғояҳою арзишҳо мебошад. Дар давраи синни томактабӣ шинос кардани кӯдакон ба фарҳанги миллӣ, инкишоф додани арзишҳои ахлоқӣ, ҳисси муҳаббат ба Ватан, таърих ва сарзамини аҷдодӣ зарур аст. Ташаккули чунин сифатҳо дар зеҳни кӯдакон фазоеро муҳайё месозанд, ки барои фаъолияти минбаъдаи онҳо муҳим дониста шуда, ҷиҳати расидан барои мақсадҳои олӣ асос мегузоранд [1-М].

2. Муҳтавои раванди педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки ба кӯдакон ёрии амалӣ барои аз малакаҳои ибтидоии рафтор ба зинаи баландтар гузаштан, расонида шавад [2-М].

3. Синни томактабӣ барои ташаккули шуури ахлоқӣ, эҳсосот ва рафторҳои кӯдакон ниҳоят ҳассос мебошад. Дар ин марҳила кӯдакон як қатор меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқиро ба мисли: муносибат ва муошират барқарор кардан бо ҳамсолон, дарк ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ, муҳиммияти иҷрои меъёрҳои рафтор дар муассисаи таълимию берун аз он ва амсоли инҳоро азхуд карда, моҳият ва зарурати иҷтимоии онҳоро барои худ кашф мекунанд. Бо туфайли таҷриба, ки ҳангоми фаъолияти бозиҳо, равандҳои меҳнатӣ ва тасвирӣ дар масири кӯдакон пайдо мешавад, муносибат ва рафторҳои ахлоқӣ роҳандозӣ мегарданд. Дар ин замина, ҳиссиёти иҷтимоӣ-ахлоқии кӯдакон фаъолона инкишоф ёфта, равандҳои инсондӯстонаю инсонгароёна нисбат ба ҳамсолон ташаккул

меёбанд, ки дар натиҷа пояҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар ниҳоди онҳо гузошта мешаванд [1-М].

4. Дар таҷрибаи педагогикаи томактабӣ усулу методҳои зиёди таъсиррасонӣ ба ҷанбаҳои маърифатию маънавии кӯдакон мавҷуд ҳастанд, ки интихоби онҳо аз вазъиятҳои мушаххас вобастагӣ доранд. Мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор карданд, ки бозиҳе, ки ҷанбаҳои миллӣ, халқӣ ва ба урфу одатҳои тоҷикӣ наздикӣ доранд, ба кӯдакон бештар писанд мебошанд [4-М].

5. Муҳтавои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- ташккули сифатҳои шахсияти кӯдакон;
- инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ;
- ташаккули муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакон ва бо шахсони дигар;
- риояи қоидаҳои маънавӣ-ахлоқӣ;
- ба танзим даровардани рафтор, гуфтор ва амал;
- эҳтиром ба меҳнат, эҷодкорӣ, мақсаднокӣ ва суботкорӣ;

6. Шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо имконият доданд, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, зуҳури қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати дар танҳоӣ ба роҳ мондани фаъолият дуруст роҳандозӣ гардад [3-М].

